УДК 002.ББК 76.Б 74

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

**БОБОЕВА БАРНО РАУФОВНА**

# ҶОЙГОҲИ МАТБУОТИ ҲИЗБӢ ДАР ФАЗОИ ИТТИЛООТИИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ

Роҳбари илмӣ:

доктори илми филология,

профессор Бобоҷониён Ранохон Маҳмудзода

**ХУҶАНД - 2021**

## Мундарича

**Муқаддима** ........................................................................................3

**Боби I. Таъсис ва ташаккули матбуоти ҳизбӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол**.........................................................................13

I. 1. Низоми бисёрҳизбӣ ва тарғиби ғояҳои он дар Тоҷикистон.....13

I. 2. Заминаҳои пайдоиш ва ташаккули матбуоти ҳизбӣ дар Тоҷикистон.........................................................................................44

**Боби II. Тарғиб ва ташвиқи ғояҳои ҳизбӣ дар матбуоти аҳзоби сиёсӣ**.................................................................................................65

II.1. Нақши рӯзномаҳои ҲХДТ дар инъикоси ғояҳои иҷтимоии замони муосир ..........................................................................................65

II.2. Шеваи таблиғи ғояҳои барномавии ҳизбҳои ҷудогона дар нашрияҳои даврӣ........................................................................81

**Боби III. Вижагиҳои мавзӯиву жанрии нашрияҳои ҳизбӣ**..................................................................................................90

III.1. Инъикоси масъалаҳои муҳими ҷомеа дар контексти жанрҳои публитсистӣ. ........................................................................................90

. III.2.Таҳлили таносубии истифодаи жанрҳои публитсистӣ...........123

**Хулоса**.............................................................................................146

**Феҳрасти адабиёт**..........................................................................150

# Муқаддима

**Аҳамияти мавзӯи таҳқиқ.** Фазои ҷомеаи муосир аз лиҳози сиёсӣ гуногун ва мухталиф гардида, дар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил низоми бисёрҳизбӣ шакл ва усули тоза касб мекунад.

Бо пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ баъзе кишварҳо номи ҳизби коммунистиро тағйир дода меросхӯри он гардиданд. Дар кишварҳои дигар бо омилҳои гуногун ҳизбҳо таъсис ёфтаанд. Дар ин муддат дар Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ оғоз ёфт. Пас аз хотимаи ҷанги щаҳрвандӣ Тоҷикистони соҳибистиқлоли бунёди давлати ҳуқукбунёд, демократӣ ва дунявиро пеш гирифт. Дар ин замина ҳизбҳои сиёсии кишвар тадриҷан таъсис ёфта, интишори нашрияҳои худро ба роҳ монданд, ки марому мақсади худро ба ин васила амалӣ намоянд. Аз ин ҷо таҳқиқи матбуоти ҳизбӣ ва шаклгирии он дар илми журналистикаи тоҷик яке аз мавзӯъҳои муҳим маҳсуб меёбад. Зеро тавассути матбуоти ҳизбӣ афкори омма ташаккул меёбад, ҳизбҳо мекӯшанд электорат ва ҷонибдорони худро афзоянд ва бо аъзоёни худ табодули андеша намоянд. Дар маъракаҳои интихоботӣ технологияҳои наву муосирро нашрияҳои ҳизбӣ истифода менамоянд, ки барои илми журналистика, аз ҷумла омӯзиши жанрҳои публитсистӣ, журналистикаи чандрасонаӣ, пиар ва рекламаи сиёсӣ аз аҳамият холӣ нест. Омӯзиши таърих ва ташаккули матбуоти ҳизбӣ барои муайян намудани масъалаи умдаи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва марҳилаҳои густариши матбуоти даврии тоҷик, ҳамчунин пажӯҳиши вазъи маърифатию фарҳангии ҷомеа низ муҳим аст. Матбуоти бисёрҳизбӣ дар замони истиқлолияти Тоҷикистон ҳамчун ҷомеаи демократӣ падидаи нав буда, дар пешорӯи он вазифаҳои мушаххас меистад, ки аз оинннома ва барномаҳои ҳизбӣ бармеояд.

Ҳизбҳои сиёсии тавоно, мустақил ва ба интихобкунандагон ҳисоботдиҳанда дар суботи ҷомеа ва пешрафти он таъсир мегузоранд. Онҳо аз тариқи баҳсу мунозираҳо ва рақобат барои ноил гаштан ва ҳифзи намояндагии муассир ва иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ мусоидат намуда, ба шаҳрвандон барои ифодаи фикру ақида, манфиат ва

нуқтаи назарашон шароит ба вуҷуд меоваранд. Дар баробари ин, нишон додани ҷой ва мақоми матбуоти ҳизбӣ дар фазои иттилоотии кишвар имкон медиҳад, ки таъсири таблиғ ва афкору ғояи сиёсӣ муайян карда шавад.

Рӯзномаҳои ҳизбӣ бо фарогирии муҳимтарин маводи публитсистӣ ва инъикосу баррасии масъалаҳои муҳими ҷомеа, ҳамчунин ташвиқу тарғиби ормонҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии намояндагони худ, мавқеи назаррасро дар ҷомеа пайдо кардаанд. Аз ин рӯ, ба таври алоҳида мавриди омӯзиши илмӣ қарор додани онҳо аз аҳдофи муҳими илми журналистика маҳсуб ёфта, он ҳамчунин марҳилаи ташаккул ва рушди матбуоти ҳизби сиёсӣ, аз ҷумла матбуоти Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистонро бозгӯ менамояд.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ.** Таърихи ташаккул ва таҳаввули матбуоти даврии ҳизбӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб намуда бошад ҳам, он дар доираи диссертатсияи ҷудогона мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Аксарияти муҳаққиқон роҷеъ ба ҳизбҳои сиёсӣ бештар диққат дода, доир ба матбуоти онҳо пажӯҳишҳо анҷом надодаанд. Бо вуҷуди ин пажӯҳишҳои марбут ба ҳизбҳои сиёсӣ ва матбуоти ҳизбиро метавон дар шакли зайл гурӯҳбандӣ намуд.

Ба гурӯҳи аввал таҳқиқоти назариявӣ, таърихӣ доир ба фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳо дохил мешаванд. Олимони зиёд доир ба масъалаҳои фаъолияти ҳизбҳо, матбуоти ҳизбии замони шӯравӣ таҳқиқот ба анҷом расонидаанд. Ҳанӯз асосгузори партияи болшевикӣ В.И.Ленин дар бораи аҳамияти таъсисёбии рӯзномаҳои ҳизбӣ андеша ронда барои таҳқиқотҳои минбаъда роҳ кушода буд. Олимони шӯравӣ Р.П.Овсепян [101], И.В.Кузнетсов [59], А.А.Грабельников [31, Б.И.Есин [38], С.Я.Махонина [71], Ш.Султонов [124], Г.Зокиров [43], А. Нуралиев [10], И. Усмонов [127; 128;129; 130; 131], Усмонов Ҷ., У.Ғаффоров [136], А.Азимов [13;15] Оқилова М.М [122]. ва дигарон паҳлуҳои гуногуни фаъолияти ҳизби сиёсӣ, мақсад ва вазифаҳои ҳизби сиёсӣ ва ташаккулёбии матбуоти идеологии ҳизби коммунистиро таҳқиқ намудаанд.

Гурӯҳи дигари таҳқиқотҳоро омӯзиши матбуоти ҳизбӣ дар замони муосир ва истифодаи жанрҳои журналистӣ дар он ташкил медиҳад. Ин ҷо метавон аз пажӯҳишҳои Е.Прохоров [86, с.355], С.Г.Корконосенко [58], Е.П.Соколова [142, с. 80-83], Е.Н.Струковая Е.В.Петрова, Е.А.Дранишникова [38], А.Нуралиев [96; 97], А.Саъдуллоев [96; 115;], И.Усмонов [130; 134], М.Муродов [86; 89; 90; 92], Р.Бобоҷонова [127, с. 153], М.Муқимов [132], Н.Н.Салихов, Ш.Б.Муллоев [114] ёд кард.

Гурӯҳи сеюми таҳқиқотро асарҳои оммавӣ ва иттилоотиву директивӣ ташкил медиҳанд.

Дар адабиёти дорои хусусияти иттилоотиву маълумотномаӣ, аз ҷумла «Ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [136], дар бораи ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон, фаъолияти онҳо дар давраи интихобот, тарғиби ғояҳои ҳизбӣ инъикос шудааст. Ҳамчунин дар китобҳои «Интихоботи парлумон» ва «Парлумон ва Ҳукумат» фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва мавқеи онҳо дар ҷараёни интихобот мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

И. Усмонов ва Д. Давронов раванди таъсисёбӣ ва рушди матбуоти партиявии советии тоҷик дар солҳои 1919-1929-ро баррасӣ намуда, доир ба ташаккулёбии афкори мардум зери таъсири васоити ахбори омма андеша рондааст [129], [133].

Муҳаққиқ А. Азимов оид ба яке аз давраҳои тақдирсоз ва пурбаҳси матбуоти даврии тоҷик ва нақши он дар ташаккули афкори сиёсиву фарҳангӣ таваҷҷуҳ намуда, дар асарҳояш «Очеркҳо аз таърихи матбуоти тоҷик» [12], Воқеияти зиндагӣ ва матбуоти тоҷик» [13], «Таджикская журналистика в период культурной революции (1929-1940)» [15], «Рӯзнома ва рисолати худшиносӣ» [16] нақши матбуот ва журналистикаи тоҷикро дар солҳои 20-30-уми асри XX ба таҳқиқ кашидааст.

Дар китобҳои Г.Зокиров «Сиёсатшиносӣ» [43], Ш.Султонов «Очерки сиёсатшиносӣ» [124] оид ба назарияи ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон, бархе аз ҳизбҳои сиёсии кишвар изҳори назар шудааст. Ин муаллифон ба таърихи ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон таваҷҷуҳ карда, саҳми онҳоро дар

таҳким ва густариши сохтори сиёсии кишвар муайян намудаанд. Илова бар ин, муҳаққиқон марҳилаи гуногуни пешрафт ва нақши ҳизби сиёсиро дар сохтори давлатдории Иттиҳоди Шӯравӣ ва таъсисёбии ҳизбҳои дигарро дар солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаанд.

Муҳақиқон А. Нуралиев [98], А. Саъдуллоев [113; 115; 118], И. Усмонов [134], М. Муродов [83; 86; 91], Б. Қутбиддинов [64; 66], дар бораи жанрҳои журналистӣ ва публитсистӣ, истифодаи онҳо дар матбуот маълумот дода бошанд ҳам, бевосита ба истифодаи ин жанрҳо дар матбуоти ҳизбӣ таваҷҷуҳ накардаанд.

Дар диссертатсияи Р. Бобоҷонова «Освещение политической жизни Таджикистана на страницах периодической печати России (1990-1995)» (Хуҷанд, 1998) масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон дар матбуоти даврии Россия баррасӣ шудааст [142]. Дар рисолаи М.Султонов «Периодическая печать постсоветского Таджикистана:формирование и основные тенденции развития:1991-2004гг» ба матбуоти пасошуравӣ баҳогузорӣ шуда бошад ҳам, матбуоти ҳизбӣ объекти таҳқиқ қарор нагирифтааст. Рисолаи Ш. Қурбонова «Фаъолияти ҲХДТ дар солҳои 1994-2017» ба таъсисёбии ин ҳизб бахшида шуда, дар бораи нашрияҳои дигари ҳизбӣ ва мухтавои онҳо таваҷҷуҳ камтар аст.

Журналистикаи тоҷик дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон воқеан таҳаввул ёфта, вобаста ба самтҳои гуногуни фаъолияти ҷомеа ба журналистикаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ тақсим шуд.

Диссертатсияҳои Раҳимов А. А. «Нақш ва аҳамияти матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият бахри ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ» [148], Саидзода Ғафурҷон «Хусусияти инъикоси воқеаҳои сиёсии даврони истиқлоли Тоҷикистон дар матбуоти даврӣ» [149], Ятимов С. Р. «Мақом ва нақши матбуоти даврӣ дар равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [152], Божко И. Г. «Место и роль печатных СМИ посвещение информационной политики Республики Таджикистана» [143], Сафаралӣ Абдуҷабор

«Вижагиҳои гузариши ВАО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вобастагӣ ба озоду демократӣ дар солҳои истиқлолият: дурнамоҳо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)» [150], Муродова Г.Р. «Политические партии в условиях тронсформации общества: опыт Таджикистана» [146], Курбонов Р.Г. «Политические партии в Республике Таджикистан» [145], Каримова М.Б. «Особенности развития политической системы Республики Таджикистан: ее влияние на внутренюю и внешнюю политику страны» [144], фарогири муҳимтарин самтҳои мавзӯи мазкур мебошанд. Дар онҳо пайдоиш ва нақши ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон дар замони муосир ва таъсири он ба сохторҳои давлатӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифта бошад ҳам, ба сарчашмаҳои пайдоиши матбуоти ҳизбӣ, таъйиноту вазифа ва вижагиҳои жанриву мундариҷавии он камтар аҳамият дода шудааст.

Бо вуҷуди маводи зиёди таҳқиқотӣ матбуоти ҳизбҳои сиёсӣ, мавқеи он дар низоми матбуоти даврии тоҷик ва таъсираш ба афкори омма, истифодаи технологияҳои муосири таблиғотӣ дар ин типи нашрияҳои даврӣ ба таври комплексӣ омӯхта нашудааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ**. Мақсади асосӣ аз таҳқиқи ин мавзӯъ баррасии омилҳои ташаккули матбуоти ҳизбӣ, муайян намудани вижагиҳои мундариҷавию жанрии ин типи матбуоти даврӣ ва муайян намудани нақш ва дурнамои рушди он дар низоми матбуоти даврии Тоҷикистон аст. Барои расидан ба ин мақсад ҳалли вазифаҳои зеринро зарур меҳисобем:

- баррасии моҳияти низоми бисёрҳизбӣ ва мақсаду мароми он;
- бозтоби хулосавии таърихи ташаккули азҳоби сиёсӣ дар Тоҷикистон;
- муайян кардани заминаҳои таъсис ва ташаккули матбуоти ҳизбӣ дар Тоҷикистон;
- мушаххас намудани вазифаҳои матбуоти ҳизбӣ, махсусият ва ташаккули матбуоти ҳизбӣ дар Тоҷикистон;
- омӯзиши таърихи ташаккули нашрияҳои ҲХДТ «Минбари халқ» ва «Сухани халқ»
- муайян кардани сохтор, махсусият ва тафовути рӯзномаҳои ҳизбӣ;

- нишон додани вижагиҳои инъикоси масъалаҳои муҳими ҷомеа дар рӯзномаҳои ҳизбӣ;
- баррасии корбасти жанрҳои публитсистӣ дар нашрияҳои даврии ҳизбӣ.

**Объекти таҳқиқ**. Ба ҳайси объекти таҳқиқ нашрияҳои ҳизбҳои сиёсӣ: «Минбари халқ» – нашрияи ҲХДТ, «Адолат» – нашрияи ХДТ, «Нидои ранҷбар», «Эътиқод», «Коммунисти Тоҷикистон» – нашрияҳои ҲКТ, «Иттиҳод» – нашрияи ҲСТ, «Меҳргон» – нашрияи ҲАТ, «Иқтисод ва ҳаёт» – нашрияи ҲИИТ, «Сухани халқ» – нашрияи ҲХДТ дар вилояти Суғд интихоб шудааст.

**Предмети таҳқиқ.** Вижагиҳои матбуоти ҳизбӣ, вазифа ва нақш ва мавқеи он дар ташаккули афкори сиёсии ҷомеа дар низоми матбуоти даврии кишвар мебошад.

**Хронологияи таҳқиқ** солҳои 1990 -2020-ро дарбар мегирад. Аз нигоҳи даврабандӣ оғози солҳои 90-уми асри XX, ҳамчун давраи фаъолнокии ҳизбҳои сиёсӣ, хусусан дар арафаи интихобот, ки нисбатан гуногунмазмун ва рақобатпазир аст, интихоб гардидааст.

**Навгониҳои таҳқиқ**. Навгонии кори диссертатсионӣ дар он ифода мегардад, ки ввалин маротиба мафҳуми матбуоти ҳизбҳои сиёсӣ, таъйинот ва вазифаҳои он муайян гардида, фаъолияти нашрияҳои ҳизбҳои сиёсӣ ба монанди «Минбари халқ», «Адолат», «Нидои ранҷбар», «Эътиқод», «Коммунисти Тоҷикистон», «Иттиҳод», «Меҳргон», «Иқтисод ва ҳаёт», ҳамчунин матбуоти ҳизбии минтақавии «Сухани халқ» таҳқиқ гардида, хусусиятҳои умумӣ ва хоси ин нашрияҳо дар инъикос ва тарвиҷи сиёсати худӣ нишон дода шудааст. Илова бар ин, дар рисола муҳимтарин марҳалаи инкишофи матбуоти ҳизбҳои сиёсӣ ва мавқеи онҳо дар муҳити ВАО бахусус матбуоти даврии тоҷик муайян гардидааст. Ҳамчунин дар диссертатсия меъёрҳои истифодаи жанрҳои журналистика дар матбуоти ҳизбӣ ва вижагиҳои онҳо мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

**Аҳамияти назариявии** диссертатсия аз он иборат аст, ки дар он моҳияти низоми бисёрҳизбӣ ва зарурати таъсиси матбуоти ҳизбҳои сиёсӣ арзёбӣ гардида, функсия, вазифа ва вижагиҳои мавзӯиву жанрии ин типи матбуоти даврӣ муайян карда шудааст. Ҳамчунин, усулҳои муосири ташвиқу таблиғ, робитаи дуҷонибаи матбуот ва хонанда, истифодаи қолабҳои жанрӣ, ҷанбаҳои назарии таҳқиқоти журналистӣ, журналистикаи иҷтимоӣ, журналистикаи сиёсиро такмил мебахшад. Бахшҳои ҷудогонаи диссертатсия донишҳои назариро ҷиҳати омӯхтани типҳои гуногуни матбуоти даврӣ вусъат бахшида метавонад.

**Аҳамияти амалии диссертатсия**. Натиҷаи таҳқиқ дар амал барои таълими фанҳои тахассусии журналистӣ чун таърихи журналистикаи тоҷик, асосҳои фаъолияти эҷодии журналист, курси махсус, дарсҳои интихобӣ ва таълифи китобҳои дарсию дастуру васоити таълимӣ мусоидат менамояд. Ҳамчунин, диссертатсияи мазкур барои таҳқиқотҳои минбаъда замина шуда метавонад.

**Асосҳои методӣ ва методологии таҳқиқ.** Диссертатсия дар заминаи методҳои таърихӣ-муқоисавӣ ва таҳлилӣ-мавзӯӣ навишта шуда, дар он назария ва таҷрибаи таҳқиқотии олимони ватаниву хориҷӣ аз қабили Е.П.Прохров, В.Учёнова, В.М.Горохов, И.Усмонов, А.Саъдуллоев, А.Нуралиев, А.Азимов, М.Муродӣ, М.Абдуллозода, Ш.Муллоев, Р. Бобоҷонова ва дигарон ба эътибор гирифта шудааст.

**Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя нуқтаҳои зерин пешниҳод мешаванд:

– низоми бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон дар ҳолати ташаккулёбӣ қарор дошта, вазифаи ҳизби сиёсӣ ҷалб кардани электорати сиёсии худ аст, ки бо роҳи тарғибу ташвиқ сурат мегирад. Барои расидан ба ин ҳадафҳо зарурати таъсиси матбуоти ҳизбӣ ба миён меояд;

– фаъолияти аксари ҳизбҳои сиёсӣ, барои таъсиси нашрияҳои ҳизбӣ ва рушди он замина ва имкониятҳои моддиву эҷодӣ фароҳам сохтааст. Ин

омилҳо боис гардида, ки фаъолият ва мундариҷаи нашрияҳои азҳоби сиёсӣ рангоранг ва доманадор сурат мегирад;

– дар шароити муосир матбуоти ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон дар ҷустуҷӯ ва дастрасии стратегияи мухобиротии худ ҳастанд. Он намунае аз нашрияҳои сиёсӣ буда, вазифаи ташвиқотиро иҷро мекунад, барои ҷалби электорат саъй намуда, ҷиҳати баррасии масъалаҳои муҳими ҷомеа замина фароҳам меорад;

– матбуоти ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷараёни инкишофи худ ба инъикоси масъалаи асосии ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва вазъи маърифатии ҷомеа аҳамияти махсус медиҳанд;

– рӯзномаҳои ҳизбҳои сиёсӣ бо фарогирии муҳимтарин маводи рӯзмарра инъикосу баррасии масъалаҳои ниҳоят муҳими ҷомеа, ташвиқу тарғиби ормонҳои сиёсиву иҷтимоии мардум дар ҷомеаи Тоҷикистон мавқеи назаррасро касб намудаанд. Онҳо мисли нашрияҳои даврии дигар аз рубрикаҳои гуногун, аксҳои ҷолиб, маводи визуалӣ истифода менамоянд;

– корбасти жанрҳои ахборӣ дар матбуоти ҳизбӣ вижагиҳои хос дошта, ин типи нашрияҳои даврӣ аз имконоти жанрҳои публитсистӣ ба таври ҳирфаӣ истифода мебаранд.

**Саҳми фардии муҳаққиқ** дар ҷамъоварии маводи фаровон доир ба матбуоти ҳизбӣ, коркарди онҳо, тавсифи натиҷаҳо, омода намудани мақолаҳо ва маърӯзаҳо доир ба мавзӯи таҳқиқ зоҳир мегардад. Таҳқиқи мазкур заҳмати муаллиф буда, дар шакли диссертатсияи мукаммал ба анҷом расидааст.

**Татбиқи амалии натиҷаҳои диссертатсия**. Моҳияти асосии диссертатсия дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтааст. Доир ба мавзӯи таҳқиқ муаллиф дар конференсияҳои донишгоҳиву ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла дар конференсияҳои ҳамасолаи илмии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, конференсияи илмии ҷумҳуриявии «Мавқеи ҷавонон дар рушди илм» (Хуҷанд, 22 майи соли 2017), конференсияи вилоятии магистрантону олимони ҷавон бахшида ба «Ба ифтихори 20-солагии Ваҳдати

миллӣ, Соли 2017 Соли ҷавонон ва 85-солагии ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», конференсияи ҷумҳуриявии «Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон нерӯи пешбари ҷомеаи муосир» (30-31 январи соли 2019) маърӯза хондааст.

Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд бо номи академик Бобоҷон Ғафуров» (25 январи соли 2019, суратмаҷлиси №6) ва ҷаласаи васеи кафедраи матбуоти ДМТ 29 августи соли 2020 муҳокима ва барои ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш фасл ва хулосаву феҳрасти адабиёт фароҳам омадааст.

# БОБИ I.
# ТАЪСИС ВА ТАШАККУЛИ МАТБУОТИ ҲИЗБӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

## I.1 Низоми бисёрҳизбӣ ва тарғиби ғояҳои он дар Тоҷикистон

Дар аввал ва охири асри XX дар ҳаёти сиёсии ҷомеа тағйироту дигаргуниҳои ҷиддӣ рух дод, ки сохти давлатдорӣ, тарзи зиндагии миллионҳоро дигаргун намуд. Ин тағйиру дигаргуниҳо ба таъсисёбии ҳизб, фаъолияти ҳизбӣ вобастагии зич дорад. Дар аввали асри XX (аниқтараш соли 1898) ҳизби сотсиал-демократии коргарони Россия (РСДРП) ба майдони сиёсат омад ва фаъолияти он бо Инқилоби болшевикии Русия мазмуни дигар пайдо намуд. Ин ҳизб тадриҷан қувват пайдо карда низоми бисёрҳизбиро аз байн бурд ва дар меҳвари фаъолияти ин ҳизб, ки баъдтар коммунистӣ унвон шуд, идеологияи ягона таблиғ мегардид. Асосгузори ҳизби болшевикӣ, бузургтарин сиёсатшинос ва шахсияти таърихӣ В.И. Ленин перомуни муҳимият ва нақши ҳизб дар ҷомеа чунин навишта буд: «ҳизб пешвоест, ки бояд ба инқилоби оянда роҳбарӣ намояд» [68]. Дар таърихи давлати Шуравӣ ҳизб на танҳо ба инқилоб роҳбарӣ намуд, балки як давлати абарқудратро таъсис дод, ки ҳама ниҳодҳои давлатӣ ба он итоат мекарданд. Ҳизби коммунистӣ идеологияи ягонаро ба вуҷуд овард ва васоити ахбори омма он ғояро ба мардум мерасонд. Давлат ва ҳизб як мақсад, як идеология, як вазифа доштанд, ки васоити ахбори омма онро таблиғ мекард. Ба назари Ш.Султонов «Хусусияти муҳимтарини ҳар як ҳизб мафкура ба шумор меравад, ки он пеш аз ҳама, дар барнома инъикос меёбад. Барнома моҳият ва вазифаҳои ҳизб, дурнамо (стратегия) ва қадамҳои рӯзмарра (тактика), тартибу сохти ҳизбро муайян менамояд. Ҳизб маҳсули тараққии иқтисодӣ, ҷамъиятию сиёсии ҳар як мамлакати ҷудогона мебошад» [123, с.189].

Воқеан ҳам, ҳизби коммунист тавонист аз як мамлакати қафомонда давлати абарқудрати сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ бунёд намояд,

новобаста аз камбудиҳое, ки низоми яккаҳизбӣ ба он роҳ дод буд. Доир ба фаъолияти матбуоти даврии замони шӯравӣ дар марҳалаҳои гуногун таҳқиқоти зиёд ба анҷом расонида шудааст. Олими шинохтаи тоҷик И. Усмонов дар бораи фаъолияти матбуоти коммунистӣ сухан ронда аз ҷумла қайд менамояд, ки «на фақат ба партия ва ҳукумат ёрӣ мерасонд, ки халқро аз ҳаёти нав огоҳ ва бо роҳи нав равона созад, балки ба шаклгирӣ ва мустаҳкамшавии сафи партияи ленинӣ, пайдоиш ва ташаккули давлати советии тоҷик низ ба қадри ҳол кӯмак мерасонад» [131, с.200]. Матбуоти яккаҳизбӣ дар сохтмони иншоотҳои бузурги аср ба монанди ГЭС-и Норак, Канали Вахш, корхонаҳои бузургтарин пешоҳанг буд ва мардумро ба қаҳрамонӣ сафарбар мекард. Муҳаққиқ У. Ғаффоров доир ба таъсири матбуоти коммунистӣ дар таъмини ғалабаи мардум дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва рӯҳияи шикастнопазири он маълумот медиҳад, ки қатрае аз баҳр аст. Муҳаққиқи тоҷик Р.Бобоҷонова дар мавриди ҳизб ва нақши он дар муҳити сиёсии ҷомеа чунин изҳори назар кардааст: «Ҳизб василаи пайванди ҳалқҳои ҳоким ва шаҳрвандон мебошад. Ҳамин пайванд ё маҳорати пайваста тавонистан баёнгари давомнокии умри сиёсию давлатии ҳизб шуда метавонад. Ҳизб метавонад равиши сиёсии ҷомеаро тағйир диҳад» [142, с.22]. Дар тарғиби фаъолияти ҳизби сиёсӣ васоити ахбори омма нақши муҳим дорад. Чунончи сиёсатшинос Г. Зокиров навиштааст «Ҳар касе ки дар бораи раванду ҳодисаҳои сиёсӣ иттилооти мушаххас ва саривақтӣ дорад, имконияти бештари таъсиррасониро аз худ менамояд. Иродаи худро ба дигарон бор менамояд" [44, с.340]. Дар низоми яккаҳизбӣ нақши васоити ахбори омма ҷиддӣ ва таъсиргузор буд, маводи танқидӣ барои аз кор рафтану ҷазо гирифтан асос шуда метавонист. Ҳизби коммунистӣ таъминкунандаи озодии сухан буд, танҳо бо як маҳдудият, ки сохт ва ғояи коммунистиро танқид карда наметавонист. Бо вуҷуди ин ба таъбири И. Усмон «ҳизбҳо аз як ҷиҳат омили муҳими таъминкунандаи озодии сухан дар ҷомеа ҳастанд» [132, с.22].

Барҳам хӯрдани низоми яккаҳизбӣ аз бекор шудани моддаи 6 Конститутсияи ИҶШС оғоз гардид, ки дар он Ҳизби коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамчун ҳизби ҳукмрон асос меёфт, аз байн бардошта шуд. Дар натиҷаи он «дере нагузашта ин гуна ҳаракатҳо дар давлатҳои Иттиҳоди Шуравӣ , хатто маркази он Русияро ҳам фаро гирифт».

Аввали солҳои 90-уми асри XX баъди барҳам хӯрдани Шӯравӣ, ки Тоҷикистон яке аз ҷумҳуриҳои иттифоқии он буд, мавҷи ташкилшавии ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ кишварҳои нави мустақилро фаро гирифт ва чун «Саюдис» дар Прибалтика ва «Растохез» дар Тоҷикистон, «Бирлик» дар Ӯзбекистон ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии миллӣ ва маҳаллӣ ба вуҷуд омаданд.

Клуби сиёсии «Рӯ ба рӯ» дар Душанбе, Созмони «Ошкоро» дар Кӯлоб, «Лаъли Бадахшон» дар Хоруғ ва ҷамъияти «Носири Хисрав» дар Душанбе дар баробари филиалҳои Ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ ва Ҳизби наҳзати исломӣ фаъолият карда, фазои сиёсии кишварро гарм нигоҳ медоштанд.

Дар ин давра мазмун ва муҳтавои матбуоти ҳизбӣ дигар шуда, то ҷое гуногунандешии сиёсӣ ба саҳифаҳои матбуот роҳ ёфт. Аммо дар ин ҷо низ матбуоти ҳизбӣ мавқеи ҳизбиашро нигоҳ дошт, вале бо ворид шудани низоми бисёрҳизбӣ дар фазои сиёсии Тоҷикистон матбуоти ҳизби коммунистӣ мавқеи мустақилиятро пеш гирифта, аз моликияти ҳизби коммунист хориҷ шуд. Мисоли ин нашрияи «Ҷумҳурият» мебошад, ки довталабона аз органи нашрии Ҳизби коммунист даст кашид. Бояд таъкид кард, ки соли 1989 матбуоти ҳизбӣ аз мавқеи ҷузъи асосии матбуот будан хориҷ шуда, нақши ягонагиро аз даст дод. Дар ин замон бо қабули «Қонуни дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» шаклҳои гуногуни нашрияҳои даврӣ ба фаъолият оғоз карданд. Заминаи рушди матбуоти чи хусусӣ ва чи ҳизбҳои гуногун маҳз дар ҳамин давра ба вуҷуд омад. 12 декабри соли 1990 Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» қарор қабул кард, ки фаъолияти ҳар гуна ҳизбу созмонҳо иҷозат дода мешуд. Ҳамин тариқ, бо тағйири Қонуни асосии Иттиҳоди Шӯравӣ ва

маҳаллӣ, фаъолияти бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон дар системаи ВАО-и ҳизбӣ низ тағйирот ба вуҷуд омад. Яъне, акнун дар ин давра на танҳо нашрияҳои ҳизби коммунист, балки фаъолияти ҳамагуна нашрияҳо ва, аз ҷумла нашрияҳои ҳизбҳои гуногун иҷозат дода мешуд.

Гурӯҳҳое чун шиа, суннӣ, ваҳҳобӣ ва баҳсҳо дар соҳаи дину оину мазҳабҳо хеле гарм шуда буд. Созмонҳое чун «Растохез»-у ҷабҳаю ҷомеаҳои маҳаллию халқӣ дар соҳаи сиёсат рӯ ба ташаккулёбӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои тақвияти худ буданд. Тарафдорони ҳар яке аз инҳо низ кам набуданд. Ҳатто дар дохили як ҳизби томи коммунист, ки хислати тоталитарӣ дошта, гуногунандеширо хуш қабул намекард, қаноти демократӣ пайдо шуд. Дар ин бора Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дуруст қайд менамояд, ки; « на танҳо вилоятҳои том, балки ноҳияву қишлоқҳо ҳам аз якдигар роҳи ҷудоиро меҷустанд. Созмонҳои гуногуни маҳаллӣ бо номи «Лаъли Бадахшон», «Ҳамдилон», «Меҳри Хатлон», «Ҳисори шодмон», «Истаравшан», «Зарафшон» ва ғайра арзи вуҷуд карданд, ки сарфи назар аз ниятҳои неки худ ба якпорчагии ватани азизамон мусоидат намекарданд» [141, с.18-19].

Бояд гуфт, ки ҳизбҳои сиёсӣ унсури муҳими инкишофи ҷомеаи мутамаддин буда, дар низоми давлату муносибатҳои байниҳамдигарии ҷомеаи шаҳрвандӣ мақом ва нақши пешбарро соҳибанд. Ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, яке аз унсурҳои асосии сохтори сиёсии ҳама гуна ҷомеа маҳсуб ёфта, то дараҷае сатҳи тараққиёти онро муайян мекунанд ва навъи муҳими зуҳуру риояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва ҳимояи манфиату талаботи инсон мебошад. Бидуни онҳо дар ҷамъият фаъол будани ниҳодҳои демократӣ, озодии баён, адолати иҷтимоӣ, озодии ҳуқуқи интихоб намудан ва интихоб шудан имконнопазир аст. Танзими муносибатҳои байниҳамдигарии давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ сурат гирифта, ҳамзамон тавассути онҳо ҷомеаи шаҳрвандӣ ба фаъолияти давлат назорат мебарад. Сатҳи камолот ва

қобилияти ташаккулдиҳии ҷомеаи шаҳрвандӣ аз мавҷуд будани чунин ниҳодҳо вобаста аст. Ба таъбири С. Коркононосенко ҳизбҳои сиёсӣ «миёнарав байни давлат ва ҷомеа мебошанд. Ҳизбҳои сиёсӣ мақсад ва манфиати гурӯҳҳоеро ифода намуда ба фаъолияти сиёсӣ машғуланд ва ҳадафи асосиашон расидан ба ҳокимияти сиёсӣ ва нигоҳ доштани он аст» [58, с.15]. Байни унсурҳои дигари сохтори сиёсии ҷомеа ҳизбҳои сиёсӣ мавқеи хос дошта, дар танзими равандҳо ва муносибатҳои сиёсии байни одамон, давлат ва ҷомеа саҳми беандоза мегузоранд. Маълум аст, ки одамон ҳамчун гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ мақсаду ҳадафҳои мухталифи сиёсӣ доранд ва барои ба он ноил гардидан аз шаклҳои мухталифи иттиҳодияҳои сиёсию ҷамъиятӣ истифода менамоянд, ки муҳимтарини онҳоро ҳизбҳои сиёсӣ ташкил медиҳанд. Ба гуфтаи сиёсатшинос Г. Зокиров «ҳизби сиёсӣ иттифоқи ихтиёриест, ки ба алоқаҳои идеологӣ асос ёфта, мақсади ба даст овардани ҳокимиятро дорад» [44, с.371]. Ҳизбҳои сиёсӣ маъмултарин ва фаъолтарин иттиҳодияҳои сиёсию ҷамъиятӣ дар замони муосир дониста мешаванд.

Профессор М. Оқилова оид ба зарурат доштани ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеаи кунунӣ чунин назар дорад: «Дар ҷомеаи комил, давлатҳои муқтадир ва демократӣ кӯшиш менамоянд, ки ҳуқуқу манфиатҳои одамонро аз ҳар ҷиҳат, аз ҷумла ба воситаи ҳизбҳои сиёсӣ қабул гардонанд. Ҳизбҳои сиёсӣ, ки худ танзимгар ва сарфагари қувваҳои расмии ҳокимияти давлатӣ мебошанд, ба моҳият ва хосиятҳои зарурии давлати комили демократӣ зараре намеоранд. Аммо ҳизбҳои сиёсӣ барои демократияи намояндагӣ заруранд. Зеро ҳама яку якбора ва ҳар кас дар алоҳидагӣ давлатро идора карда наметавонад. Инчунин маълумоту хабарҳое, ки ҳизбҳои сиёсӣ, махсусан, ҳизбҳои оппозитсионӣ имкон медиҳанд, дар такмил ва таҳкими сохтори давлатӣ ва ҷомеа хеле муҳиманд. Маҳз ҳизбҳои оппозитсионӣ аз канор назар намуда, хато камбудиҳои ҷойдоштаро беҳтар ошкор менамоянд. Аз ин хотир, барои ҷомеаи комил ва давлати демократии муқтадир ҳеҷ зарурат ба манъи фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ вуҷуд надорад. Баръакс ҳизбҳои сиёсиро ҳамчун унсури инкишофи ҷомеаи демократӣ истифода бояд кард» [102, с. 84].

Аз ин андеша маълум мешавад, ки нишонаҳои асосии ҷомеаи демократӣ мавҷудияти бисёрҳизбӣ аст, ки он барои амали шудани андешаҳои гуногун, фаъолияти иродаи табақаҳои мухталифи ҷомеа ва пешгирӣ аз хатари тоталитаризм замина фароҳам месозад. Дар давлати ҳуқуқбунёд ташаккули сохторҳои давлатии дараҷаҳои гуногун бояд барои ҳар шаҳрванд дастрас ва шаффоф бошад ва ин тавассути иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсии кишвар аз тариқи ҳизбҳои сиёсии қонунан амалкунанда сурат мегирад.

Мавриди зикр аст, ки ҳизбҳои сиёсӣ низоми муҳими воҳидҳои ҳаёти сиёсии ҷомеаро ташкил медиҳанд ва муносибатҳои байниҳамдигарии ҳизбҳои бешумори сиёсӣ тавассути қоидаҳо ва меъёрҳои мунтазам танзим карда мешавад.

Ба андешаи мо низоми ҳизбӣ тартиби ба ҳам таъсиррасонӣ ва рақобати ҳизбҳо дар мубориза барои ҳокимият ва амалигардонии мақсадҳо мебошад ва он кайҳост, ки дар таҳқиқоти илмӣ ва таҳлилу дарки равандҳои сиёсӣ мақоми пешбарро пайдо намудааст. Низоми ҳизбиро он ҳизбҳои сиёсӣ ташкил медиҳанд, ки принсипҳои умумиро ба роҳбарӣ гирифта, қоидаҳои ҳамкориро риоя менамояд. Дар баробари низоми ҳизбӣ мавҷудияти иттиҳодияҳои ҳизбиро низ сарфи назар кардан лозим нест. Иттиҳодияҳои ҳизбӣ иттифоқи байни ҳизбҳои сиёсӣ аст, ки бахри ба амал баровардани ҳокимияти давлатӣ талош менамоянд. Ин иттиҳодияҳо дар дохили низоми ҳизбӣ фаъолият мебаранд.

Дар мавриди таснифи низоми ҳизбӣ ба андешаи сиёсатшиносон ба чунин нишондиҳандаи онҳо бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад: миқдори ҳизбҳои сиёсӣ; мавҷудияти ҳизбҳои пешбар ё иттиҳодияҳои ҳизбӣ; сатҳи рақобати байни ҳизбҳои сиёсӣ.

Дар таҷрибаи имрӯза тартиби ташаккули низоми ҳизбҳои сиёсӣ гуногун аст. Ба андешаи сиёсатшинос Г. Зокиров бештар низоми яккаҳизбӣ, дуҳизбӣ ва бисёрҳизбӣ эътибор пайдо намудаанд, тавзеҳи вижагиҳои онҳо ин ҷо бамаврид аст.

Низоми яккаҳизбӣ мавҷудияти ҳизбҳои дигари сиёсиро рад намуда, худ ҳамчун қисми таркибии дастгоҳи давлатӣ амал менамояд. Идеологияи ин ҳизб идеологияи давлатӣ ҳисоб ёфта, шохаҳои давлат тақсим намешавад. Сиёсатшиносон бар он назаранд, ки мавҷудияти як ҳизб маънои амали низоми ҳизбиро надорад, яъне як ҳизб наметавонад низом бошад. Яккаҳизбӣ бештар хосияти ҷомеаи тоталитарӣ ва авторитарӣ аст. Ҳизби ягона мақоми ҳизби ҳукмронро мегирад, яккаҳизбӣ гӯё ҷонибдории умумихалқии режими ҳукмронро таҷассум менамояд. Дар шароити ҳозира низоми яккаҳизбӣ дар баъзе кишварҳо, аз ҷумла Зоир, Того, Габон ва ғайр амал мекунад. Даврони Иттиҳодӣ Шӯравӣ намунаи классикии низоми яккаҳизбӣ буд. Тамоми нашрияву маҷалла (воситаҳои ахбори омма) инъикосгари ҳаёти ҳизби коммунист буданд ВАО-и ҳизбӣ ҳамчун органи партиявӣ вазифаи назоратӣ, маърифатӣ, тарғиботиву ташвиқотӣ дошта, барои ташаккули ҷомеаи коммунистӣ равона мегардид. Пош хӯрдани империяи Шӯравӣ барои пайдоиши низоми бисёрҳизбӣ дар тамоми кишварҳои пасазшӯравӣ замина фароҳам овард.

Дар таҷрибаи имрӯза низоми яккаҳизбӣ дар шакли бисёрҳизбӣ зоҳир мегардад. Як ҳизби асосӣ ё ҳукмрон вуҷуд дорад ва ҳизбҳои дигари сиёсӣ мақоми пешбари онро эътироф менамоянд. Чунин низоми ҳизбӣ дар Аврупои Шарқӣ то солҳои 1989-1990 вуҷуд дошт. Ҳоло дар Хитой чунин ҳолат аст. Дар баробари ҳизби коммунист, ки ҳизби ҳукмрон аст, Комитети инқилобии Гоминдан, Ҳизби аграрию демократӣ ва ғайра ҷабҳаи халқӣ-демократиро ташкил медиҳанд.

Низоми дуҳизбӣ рақобат ё муборизаи ду ҳизбӣ сиёсиро барои дарёфти қудрати сиёсӣ таҷассум менамояд. Истифодаи мафҳуми «низоми дуҳизбӣ» маънои онро надорад, ки дар ҷомеа ҳизбҳои сиёсии дигар вуҷуд надоранд. Ин ҷо сухан мавриди мавқеи ҳалкунандаро соҳиб будани ду ҳизб меравад ва дар шафати фаъолияти онҳо кори дигар ҳизбҳо ноаён мемонад.

Ҳизбҳои сиёсӣ хеле зиёданд, вале фақат ду ҳизби сиёсӣ нуфузи зиёд дорад ва рақобат дар масъалаи ҳокимияти давлатӣ байни онҳо ба амал меояд.

Дар илми сиёсатшиносӣ муносибати байни ҳизбҳо дар ин навъи низоми ҳизбӣ аз ҷониби Морис Дюверже коркард карда шуда, қонуни Дюверже унвон гирифтааст. Низоми дуҳизбӣ бештар дар ИМА ва Британияи Кабир зоҳир мегардад. Инчунин дар низоми дуҳизбӣ ҳизбҳои сиёсии дигар нуфуз пайдо менамоянд. Агар рақобати ду ҳизби асосӣ пурзӯр гардад ва мусовӣ бошад, он гоҳ мақоми ҳизби сеюм нақши асосӣ мебозад. Ин ё он ҳизбро дастгирӣ намудани ҳизби сеюм рақобатро ба фоидаи нерӯи сиёсие анҷом медиҳад. Ҳолати мазкур дар шароити ҳозира бештар дар Канада, Австрия, Австралия ва баъзе давлатҳои дигар хос мебошад.

Низоми бисёрҳизбӣ зиёда аз ду ҳизбро фаро мегирад, ки таъсир ва ташкилоти пурзӯр дошта, тавассути онҳо ба мақомоти мухталифи ҳукумат таъсир мерасонанд. Меъёри умумии низоми бисёрҳизбиро шумораи ҳизбҳои бонуфуз, ки дар натиҷаи интихобот дар парламент намояндагӣ пайдо намудаанд, ташкил медиҳанд [102, с.86].

Маълум, ки ҳизбҳои сиёсии зиёд барои ба даст овардани ҳокимият мубориза мебаранд, ки ин равия ба низоми бисёрҳизбӣ дохил мешавад. Дар асл ҳеҷ кадоме аз онҳо наметавонанд дар алоҳидагӣ бартарии кулро соҳиб гарданд. Бинобар ин ҳизбҳои сиёсии бонуфуз дар асосӣ коалитсияи ҳизбӣ ҳукумати коалитсиониро ташкил менамоянд, ки дар ин ҳолат тафовутҳои идеологӣ чандон барҷаста нестанд. Ҳизбҳои сиёсӣ кӯшиши иштирок дар фаъолияти ҳокимиятро мекунанд.

Дар адабиёти сиёсӣ низоми беҳизбӣ низ ба қайд гирифта шудааст. Ин низом, одатан нисбати ҳизбҳои сиёсии расман ба қайд гирифташуда фаъол аст, ки қонун ба ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ мусоидат менамояд. Дар ҷаҳони муосир якчанд кишвар аз рӯйи системаи беҳизбӣ, яъне шакли идоракуниашон салтанатӣ – шоҳӣ (подшоҳӣ) кор мекунанд, ки Аморати Муттаҳидаи Араб, Уммон, Урдун, Бутан (то соли 2008) аз зумраи ин гуна давлатҳоянд.

Кишварҳое низ ҳастанд, ки дар онҳо низоми сиёсӣ фаъолияти ҳизбҳо, умуман қонунан манъ карда шудааст ва равандҳои сиёсӣ бо амри шоҳ сурат

мегиранд. Масалан, дар кишварҳои Гана, Урдун. Дар зумрае аз кишварҳо Шарқ амсоли Бутан, Уммон, Кувайт барои таъсис ва фаъолият ҳизбҳо шароити мусоиди қонунӣ фароҳам оварда нашудааст.

Низоми ҳизбиро танҳо тавассути меъёрҳои миқдорӣ тасниф намудан ғайримантиқӣ аст. Меъёрҳои арзишӣ низ дар моҳият ва хусусиятҳои низоми ҳизбӣ мақоми хоса доранд. Дар ташаккул ва инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ ва низоми ҳизбӣ, пеш аз ҳама, арзишҳои ғоявӣ мақоми барҷаста доранд. Ҳизби сиёсиро дар идеологияи муайян ё тафаккури хоссаи дарки оламу одам тасаввур кардан имконпазир аст. Аз ин хотир, вобаста ба рӯовариҳои арзишӣ низомҳои ҳизбиро низ ба якчанд навъ ҷудо кардан мумкин аст.

Дар асри XIX низоми бисёрҳизбӣ ба вуҷуд омада, дар охири асри XX ҳақиқати воқеӣ ҳаёти ҷамъиятию сиёсии бисёр мамалакатҳо гашт. Дар сайёра соли 1990, 172 давлати мустақил мавҷуд буд, ки дар 19-тои он фаъолияти тамоми ҳизбҳо манъ карда шуда буд. Дар 29 кишвари ҷаҳон танҳо як ҳизби ҳукуматӣ амал мекард. Дар кишварҳои боқимонда бошад якчанд ҳизбҳои сиёсӣ фаъолият доштанд, ки тақрибан дар нисфи ин кишварҳо ҳукуматҳои муттаҳида ташкил шуда буданд.

Дар соли 2018 дар 6 кишвар, аз ҷумла дар 5 кишвари мусулмонӣ: Бутан, Қатар, Уммон, Аморати Араб, Арабистони Саудӣ ва Ватикан ҳизбҳои сиёсӣ фаъолият надоранд.

Дар 200 давлати дунё беш аз 900 ҳизби сиёсӣ фаъолият мебарад.

Дар 16 давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла, Афғонистон, Арабистони Саудӣ, Аморати Муттаҳидаи Араб, Ватикан, Катар, Кувайт, Либия, Уммон, Эрон ва ғайра ҳизбҳои сиёсӣ расман фаъолият надоштанд [102, с.87].

Мақоми ҳизбҳои сиёсӣ ва нақши системаи бисёрҳизбӣ дар раванди демократикунонии ҷомеа хеле бузург мебошад ва раванди инкишофи соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ ба он робитаи зич дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт дар давраи гузариш ба системаи бисёрҳизбӣ қарор дорад ва ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеа мақоми махсусро ишғол менамоянд.

Чуноне ки дар боло қайд кардем, низоми бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон аз солҳои 90-уми асри XX ибтидо мегирад ва тавре ки таҳлилҳои иҷтимоию сиёсӣ нишон медиҳанд, пайдоиши онҳо зарурати таърихӣ дошта, маҳсули андешаҳои иҷтимоӣ мебошад. Бисёрҳизбӣ ҳамчун омили мустаҳкам намудани раванди инкишофи парламентаризм ташаккул ёфтааст ва он ҳамчун воқеияти ҷадид дар раванди демократикунонии ҷомеа дар баробари таъсис додани ниҳодҳои аввалини ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки фаъолияти якҷоя ва ҳамгироии онҳо дар фаъолият ва рушди ҷомеаи мустақили тоҷик нақши муҳим бозидаанд, арзи вуҷуд намудааст.Фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар асоси Конститутсияи кишвар ва қонун « Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» амалӣ мегардад [102, с.87].

Аввали солҳои 90-ум ҳамчун пайдоиши ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон эътироф гашта, дар улуми ҷомеашиносии тоҷик нимаи дувуми он эҳёи таҳқиқоти илмӣ роҷеъ ба масъалаҳои ҳизбҳои сиёсӣ ба шумор меравад.

Ҳарчанд аз пешгӯии пессимистии коҳиш ёфтани нақши ҳизб дар сиёсат, ки боиси пастравии ҳавасмандӣ ба таҳқиқоти илмӣ дар ин самт гардид, нашри мақолаҳои сершумор дар рӯзномаву маҷаллаҳо, таҳқиқоти илмии бунёдӣ ва таъсиси бюллетени Ассосиатсияи миллии сиёсатшиносони Тоҷикистон бо номи «Ҳизбҳо ва ҳаракатҳо дар Тоҷикистон» (шумораи якуми он моҳи майи соли 1998 нашр гардидааст) шаҳодати болоравии демократияи ҳизбӣ, қувватгирии ҳизбҳои сиёсӣ мебошад. Ҳизбҳои сиёсӣ на танҳо аз байн нарафтанд, на танҳо ба раванди тағйирёбандаи ҷаҳони муосир созгор гардиданд, балки нақши пешбарандаи худро дар раванди сиёсӣ гум накарданд. Ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун ниҳод навгониҳои сиёсиро, пеш аз ҳама, ҳамчун ҷорикунандаи тартиботи нави сиёсӣ дарк ва тарғиб намуданд. Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳамчун амсилаи бозоргонии иқтисодиёт, амсилаи демократияи ҳизбии ба плюрализми қувваҳои сиёсӣ ва муборизаи ҳарифона барои ҳокимияти давлатӣ асос ёфта, боигарии устувор ва бунёдии ҷаҳони муосир маҳсуб меёбад.

Муҳаққиқон айни замон барои муайян намудани хусусиятҳои асосии низоми ҳизбӣ, пайгирии афзоиш ва рушди онҳо бо мақсади фароҳам овардани ниҳодҳои нави бештар манфиатноки онҳо ба ҳаёти сиёсии кишвар, амсоли ташаккули низоми бисёрҳизбӣ таъсири мусбат мерасонанд, кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Дар раванди демократикунонии ҷомеа яке аз омилҳои мусбат низоми бисёрҳизбӣ маҳсуб меёбад, ки дар ин ҷода Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи кофӣ надошт. Ин падида дар ҳаёти сиёсии кишвар, дар натиҷаи истиқлолияти давлатӣ имконпазир шуд ва ҳанӯз ҳам дар марҳалаи аввали рушд қарор дорад. Ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон дар рушди фаъолияти касбӣ нахустин гомҳои худро гузошта, дараҷаи инкишоф ва дастовардҳои онҳо баробарвазн нест. Баъзе аз онҳо ба сифати ифодакунандаи манфиатҳои иҷтимоӣ ва сиёсии гурӯҳҳои муайян дар байни аҳли ҷомеа манзур гардиданд, вале бештарашон умумимиллӣ нестанд, зеро то ҳол аз чорчӯбаи танги манфиатҳои ҳизбии худ набаромадаанд.

Мо гуфта метавонем, ки имрӯз дар Тоҷикистон низоми бисёрҳизбӣ ҳанӯз пурра шакл наёфта, раванди ташаккули касбии ҳизбҳои сиёсӣ идома дорад ва рушди сиёсии онҳо дар маҷмӯъ такони ҷиддиро талаб менамояд. Дар сохтори сиёсии Тоҷикистон низоми бисёрҳизбӣ падидаи нав буда, он чандон пурра омӯхта нашудааст. Мо як таҳқиқоти сотсиологиеро дар ҷомеа баргузор намудем, ки дар он муносибат ба низоми сиёсии ҷомеа муқаррар карда мешуд. Дар таҳқиқоти сотсиологӣ усули пурсиш истифода шуда он аҳолии 18-50 соларо дарбар мегирифт. Пурсишнома дорои 5 савол буда, муносибати респондентонро дар бораи низоми бисёрҳизбӣ, раванди интихобот ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва воситаҳои ахбори омма муайян мекард.

Таҳқиқоти сотсиологӣ чунин натиҷа дод:

- беш аз 78% пурсидашудагон мавҷудияти бисёрҳизбиро дар рушди кишвар ва раванди демократикунонии он зарур меҳисобанд;

- 5%-и шумораи умумии пурсидашудагон мавҷудияти ҳизбҳоро ҳамчун танзимкунанда ва ба эътидол оварандаи вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ арзёбӣ кардаанд.
- 3% ҷонибдори онанд, ки ҳизбҳо метавонанд дар ҳолати мавҷуд будани муҳити ҳамдигарфаҳмӣ ва алоқаи тарафайн салоҳият дошта бошанд;
- 9% пурсидашудагон дар он андешаанд, ки ба ҳизбҳо эҳтиёҷ нест, зеро онҳо нисбат ба муттаҳидсозӣ, бештар ба ҷудоиандозӣ оварда мерасонанд.

Дар кишварҳои дигар мафҳумҳои ташаккули ҳизбҳоро ба истилоҳи «аз боло» ва «аз поён»-ро қабул карда бошанд, дар Тоҷикистон он дар натиҷаи «таркиш»дар ҷомеа ба вуҷуд омадааст. Ин истилоҳ ба он хотир аст, ки ташаккул ва характери ҳизбҳо раванди номураттаб ва сохтори номуайян дорад. Ҷаҳиши якбора аз низоми яккаҳизбӣ дар шароити тоталитарӣ бо гуногунандешии идеологӣ бо сабаби набудани заминаи ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ номунтазамии раванди ташаккул ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро ба миён овард. Ташаккулёбии ҳизбҳои сиёсӣ дар кишвар бо ҷанги шаҳрвандӣ ангезиш ефта, зарари ҷиддӣ ва ақидаи манфӣ пайдо кард. Ҳизби коммунист, роҳбарият ва рӯзномаҳои он худро бетараф эълон намуданд ва ҷомеа ба ду гурӯҳ – тарафдорони андешаҳои коммунистӣ ва андешаҳои либералӣ-демократию динӣ тақсим гаштанд, муқовимати ақида ба муқовимати қувваи силоҳдор оварда расонд. Ташакулёбии низоми бисёрҳизбӣ ба таъхир афтод.

Фаъолияти ҳар як ҳизби сиёсӣ бо интихобот ҷамъбаст мегардад ва баҳогузорӣ мешавад. Дар аввлин интихоботи парлумонӣ шинохти ҳизбҳои сиёсӣ назаррас набуд. Вале, ҳанӯз дар кишварҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Тоҷикистон «низоми бисёрҳизбӣ ҳанӯз дар он шакли классикӣ, ки дар кишварҳои дорои таҷрибаи ғании фаъолияти низомҳои зиёд мебошад ва онҳо муассисаи сиёсии самаранок маҳсуб ёфта дар раванди корҳои давлатӣ, аз ҷумла вобаста ба татбиқи манфиатҳои миллӣ ворид мебошанд, таъсис наёфтааст»

Дар Тоҷикистон барои таҳкими системаи бисёрҳизбӣ монеаи асосӣ дар роҳи азнавсозии фарҳангӣ ва сиёсии ҷомеа номукаммалии фарҳанги сиёсӣ, ҷудоии анъанавии байниминтақавӣ мебошад. Ҳизбҳое, ки таҷрибаи кофии мусбат ба даст овардаанд, ба интихоботи парлумонӣ фаротар омодагӣ дида метавонад, ҷанбаҳои қавӣ ва заифӣ фаъолияти худро таҳлил намоянд.

Муҳаққиқ К.Ф. Бобоев оид ба натиҷаи интихоботи парлумонии соли 2005 ва сатҳи иштироки ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон дар он чунин таъкид намудааст: «Интихобот тасдиқ менамояд, ки раванди ташаккули бисёрҳизбият дар Тоҷикистон ҳоло дар марҳалаи ибтидоии худ қарор гирифта, роҷеъ ба ташаккули миқдори муайяни ҳизбҳои сиёсӣ, устувории онҳо, таъсиси дақиқи нерӯҳои сиёсӣ сухан рондан хеле барвақт аст» [20, с.136].

Таҳлили раванди инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ ва мақсадҳои барномавии онҳо ба чунин хулоса меорад, ки ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон дар аввали ташкилшавӣ ба ду гурӯҳ тақсим шуда буданд. Ба гурӯҳи аввал ҳизбҳое дохил шуданд, ки бо шиорҳои либералию демократӣ баромад мекунанд ва ҷомеаро ба сӯи демократия ва иқтисоди бозоргонӣ мебаранд. Ба гурӯҳи дуюм ҳизбҳо ва қувваҳои сиёсие дохил шуданд, ки майли чап доранд ва мақсад гузоштаанд, ки арзишҳои ҷомеаи сотсиалистӣ ё диниро аз сари нав барқарор намоянд. Иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар интихобот ва ташкили парлумони демократӣ ҳамчунин барои рушди онҳо шароити мусоид фароҳам меорад, ки тавассути парлумон ҳизбҳо имконияти иштироки фаъолонаро дар омода ва қабул кардани қонунҳо пайдо менамоянд.

Мубориза сиёсии ҳизбҳои сиёсӣ дар васоити ахбори оммаи ҳизбӣ инъикос мегардид ва ин рақобатро, асосан байни намояндагони онҳо мушоҳида кардан мумкин буд. Чунончӣ дар интихоботи парлумонии соли 1995 намояндагони ҳизби коммунист Қурбонҷон Мирзоева, ҳизби халқӣ Яҳё Азимов ва Халифабобо Ҳомидов дар ҳавзаи интихоботии 14-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров сурат гирифта буд. Интихобкунандагон ба моҳияти барномаҳои ҳизбӣ сарфаҳм нарафта, аслан ба шахсияти интихобшавандаҳо

баҳо медоданд. Дар натиҷа дар интихоботи мазкур директори комбинати қолинбофии Қайроккум Яҳё Азимов ғолиб омад. Профессори донишгоҳи давлатии Тоҷикистон Халифабобо Ҳомидов ҳамчун намояндаи собиқ ҳаракати ҷамъиятии «Растохез» муаррифӣ гардида мағлуб шуд. Дар интихоботи минбаъда дар телевизиони ҷамъиятии Симои Мустақили Хуҷанд аввалин дебатҳои телевизионӣ намоиш дода шуд, ки дан онҳо фаҳмиши интихобот ва низоми интихоботӣ маънидод гардид.

Чуноне ки муҳаққиқ Л.Ш. Сафаров қайд менамояд, «Бояд эътироф кард, ки то имрӯз фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дар Тоҷикистон амалкунанда дар сатҳи баланди сиёсӣ қарор надорад. Фаъолияти онҳо бештар ба анъанаҳо нигаронида шуда, онҳо ба таври қатъӣ тибқи барномаҳои худ амал мекунанд. Дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ низ беаҳамиятӣ зоҳир менамоянд, зеро ҳанӯз як низоми ягонаи ҳизбҳои сиёсӣ ба вуҷуд наомада, он ҳанӯз дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дорад. Маҳз бо ҳамин сабаб рақобати байниҳизбӣ низ рушд накардааст. Айни замон, ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди муайян кардани доктринаҳо ва ҳуҷҷатҳои барномавии худ қарор доранд. Дар натиҷа, сабаби асосии парокандагии ҳизбҳои сиёсиро дар сатҳи пасти фарҳанги сиёсии онҳо якҷонибагии фаъолияти сиёсӣ ва мафкуравии онҳо бояд ҷуст» [151, с.75].

Ин андешаро таҳқиқоте, ки мо анҷом додем, тасдиқ менамояд. Мушоҳида ва таҳқиқотҳои сифатӣ, ки дар байни донишҷуёни донишгоҳи давлатии Хуҷанд баргузор намудем, нишон дод, ки нақши ҳизби сиёсӣ дар маъракаҳои интихоботӣ чандон рӯшан нест. Таҳқиқоти мазкур дар чанд фокус-гурӯҳҳо бо иштироки 50 нафар сурат гирифт ва нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихобот муқаррар мегардид. Дар бораи интихоби номзадҳо аз руйи руйхати ҳизбӣ барои аксарият номаълум боқӣ мондааст. Дар Тоҷикистон интихобот аз руйи низоми омехта ҳам дар ҳавзаҳои якмандатӣ ва ҳам аз руйи руйхати ҳизбӣ дар ҳавзаи умумиҷумҳуриявӣ баргузор мегардад. Интихобкунанда ба мубориза сиёсии намояндагони ҳизбҳо дар ҳавзаи якмандата таваҷҷуҳ доранд ва барномаҳои ҳизбиро намедонанд.

«Ҳизбҳои сиёсии имрўза дар Тоҷикистон қудрати таъсири назаррас ба аҳолӣ надоранд, барои афзудани фаъолияти сиёсии омма таъсири мусбат расонида наметавонанд, мардум ҳоло нақши интихоботро дар демократикунонии ҷомеа ҳамчун як падидаи ба принсипҳои демократӣ асос ёфта нашинохтаанд» [23, с.138].

Ба назари мо, ба ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон ҳам дар стратегия ва ҳам дар тактикаи пешбурди муборизаи сиёсӣ тағйирот, такони ҷиддӣ зарур аст. Кор бо васоити ахбори оммаро дар сатҳ ва шакли дигар пешниҳод бояд кард. Маъракаҳои интихобот дар ин раванд заминаи хуби муаррифии ҳизб шуда метавонанд. Табиист, ки қисми норозии ҷомеа иштибоҳ ва камбудиҳоро дар соҳаи иҷтимоиву иқтисодӣ нишон медиҳанд ва вазифаи ҳукумат аз он иборат аст, ки танқиди одилона ва созандаи онро ба таври муътадил қабул намояд ва дар вақташ чораҳои зарурӣ андешад. Зеро демократия ин ҷараёни мураккаб ва ҳамешагист. Аз ин рў, ғалату иштибоҳ ҳамеша вуҷуд доранд, вале дар кишвари демократӣ метавон барои ислоҳи иштибоҳ кори пуртаҳрикеро ба роҳ монд. Ин фақат дар шароити мавҷудияти плюриализми солими сиёсӣ ва ширкати фаъолонаи шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа имконпазир аст.

Маълум аст, ки тарзи ягонаи ҳалли масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ вуҷуд надорад. Ҳар гуна модели давлатӣ ва ҷомеа камбудиҳо низ дорад. Аз ин рў, сиёсат бояд дар асоси таносуби дақиқ ҳисобшудаи манфиатҳо ташаккул ёбад. Ҷалби фаъолонаи шаҳрвандон ба ҳаёти сиёсии кишвар, донистани хуби қонунҳо ва платформаи сиёсии ҳизбҳои мавҷударо тақозо мекунад, ки мутаассифона, на ҳамеша ба хоҳишмандон дастрасанд. Гоҳо баъзе фаъолони ҳизбҳои сиёсӣ ва кормандони алоҳидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ба сабаби огаҳии нокифоя дар бораи оиннома ва барномаҳои ҳизбҳо ба вайрон кардани қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ роҳ медиҳанд, ки метавонанд ба нофаҳмӣ ва зуҳури баҳсҳои шадид оварда расонад.

Созмонҳои ибтидоию ноҳиявии ҳизбҳои сиёсӣ низ на ҳама вақт аз қонунҳо, қарорҳои ҳукумат ва чораҳои иқтисодию иҷтимоии андешидаи давлат огоҳанд, ки боиси тангназарии онҳо мегардад.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 ҳизби сиёсӣ: Ҳизби коммунистии Тоҷикистон, Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, Ҳизби демократии Тоҷикистон, Ҳизби аграрии Тоҷикистон, Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон, Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон ва Ҳизби сотсиал–демократии Тоҷикистон, ки расман аз қайд гузаштаанд, фаъолият доранд. Аз инҳо вакилони 6 ҳизб ба парлумони доиммоамалкунанда ва касбӣ – Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудаанд. Дар Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар вилоятҳо шаҳру ноҳияҳо низ намояндагони ҳизбҳои гуногун интихоб шудаанд.

Ҳизби коммунисти Тоҷикистон моҳи декабри соли 1924 ташкил гардидааст. Оид ба фаъолияти таърихӣ ва сиёсии ин ҳизби сиёсӣ китобу рисолаҳои бешумор таълиф гардидаанд, ки марҳилаи густариш ва мавқеи таърихии онро ба таври густурда фаро гирифтаанд. Дар таърихи навини кишвар 4 декабри соли 1991 Пленуми Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон мухторияти худро эълон кард ва соли 1992 дар Вазорати адлия номнавис шуд. Фаъолияти Ҳизби коммунистии Тоҷикистон аз муҳимтарин мавзӯъҳо буда, барои муайян намудани вазъи сиёсии давлати демократии Тоҷикистон аҳамияти махсус дорад. Нашрияҳои ин ҳизб «Нидои ранҷбар»,»Коммунисти Тоҷикистон» ва «Эътиқод» мебошанд, ки дар ҷомеаи имрӯз чандон мавқеъ надоранд. Дар 10 соли охир ин нашрияҳо соле 2-3 маротиба ба табъ расида, ба гоҳнома табдил ёфтаанд.

Ҳизби сиёсие, ки дар муҳити Тоҷикистон аъзо ва ҷонибдори зиёд дорад, ин Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон мебошад, ки дар замони фоҷиабор ва вазъи муташанниҷи сиёсӣ таъсис гардид.

Боиси зикр аст, ки он дар марҳалаи аввали ташаккулёбӣ бо номи Ҳизби халқии Тоҷикистон амал мекард. 6-уми декабри соли 1993 Кумитаи

ташкилии Ҳизби халқии Тоҷикистон дар ҳайати А.С. Достиев – раис, Қ.Д. Ашӯров, Д.Р. Давлатов – муовинони раис таъсис ёфт.

Анҷумани муассисони Ҳизби халқии Тоҷикистон 10-уми декабри соли 1994 баргузор гардид, ки дар кори он 200 нафар вакилон ва намояндаи Ҳизби Халқии Руминия Гаврил Николау иштирок карданд.

Дар анҷумани вакилон заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсии таъсиси ҳизб, Оиннома, Барнома, инчунин мақсадҳои стратегӣ ва ташкилии онро мавриди муҳокима қарор доданд. Дар анҷуман дар бораи таъсис додани нашрияи ҳармоҳаи «Минбари халқ» бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳизби халқии Тоҷикистонро Вазорати адлияи Тоҷикистон 15 декабри соли 1994 таҳти рақами №199 ба қайд гирифт [95, с.79].

Дар он марҳалае, ки масъулиятшиносӣ метавонист ҷонибҳоро аз бетарафӣ ба тақдири ояндаи Тоҷикистонро раҳо ва ба як сӯ гузоштани ҷангу ҷидол водор менамуд, ба вуҷуд омадани чунин ҳизб аҳамияти бузурги таърихӣ дошт.

Дар ҳалли масъалаи тақдирсоз, дар роҳи ба даст овардани мақсади нек аъзои Ҳизби халқии Тоҷикистон иштирокдори доимии гуфтушуниди миёни тоҷикон буданд. Маҳз дар ҳамин марҳалаи муҳими таърихӣ 9-уми марти соли 1996 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбарони 30 ҳизби сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистонро имзо карданд. Ҳизби халқии Тоҷикистон яке аз аввалинҳо шуда ба аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон ҳамроҳ гардид.

Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон ҳамчуни ҳуҷҷати дорои моҳияти таърихӣ дар ҳаёти сиёсии кишварамон нақши муҳим бозид. Зеро, ки бори аввал дар ҷомеаи мо баъд аз истиқлолият новобаста ба ақида ва мавқеъҳои сиёсии мухталиф барои ба даст овардани муттаҳидию ягонагии сиёсию миллии халқи тоҷик ва миллатҳои дигари сокини ҷумҳурӣ дар роҳи бунёди ҷомеаи озоду демократӣ заминаи хубе фароҳам оварда шуд.

Дар арафаи баимзорасии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон 25-уми июни соли 1997 дар шаҳри Душанбе Анҷумани III Ҳизби халқии Тоҷикистон баргузор шуд. Вакилони анҷуман баромадҳои роҳбарон ва аъзои Кумитаи иҷроияи Ҳизби халқии Тоҷикистонро оид ба масъалаҳои фаъолияти ҳизб, мақом ва нақши ҳизб дар раванди муътадилшавии ҷомеа шунида муҳокима ва фаъолияти минбаъдаи ҳизбро дар шароити нави таърихӣ ва сиёсӣ таҳлил намуданд.

Дар анҷуман ба Оинномаи ҳизб тағйироту иловаҳо ворид карда шуд. Ҳизби халқии Тоҷикистон ба Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон табдил ёфт. Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон табиатан халқӣ ва демократӣ буда, маҳсули тафаккури эҷодии халқи фарҳанговар ва созандаи тоҷик мебошад [95, с.79].

Дар марҳалаи аввали фаъолият роҳбари ин ҳизб яке аз шахсиятҳои сиёсии кишвар Раиси Маҷлиси миллии Тоҷикистон А. С. Достиев буд, ки сабаби таъсиси онро чунин иброз медорад: «Мо як гурўҳ ҳаммаслакон ба хулосае омадем, ки дар ҷомеа як ҳизби наве созмон диҳем, ки то ҷонибдори гуногунандешӣ, озодии воқеии виҷдон, тарафдори ҳокимияти халқ ба воситаи худи халқ, ҳимоятгари ҳуқуқҳои шаҳрвандон новобаста аз миллат, мансубияти динӣ, мақоми иҷтимоӣ ва дараҷаи моликиятдории онҳо бошад» [138, с. 50].

Ш. И. Қурбонова марҳилаҳои фаъолияти ҳизбро аз соли 1994 то соли 2019 мавриди омўзиш қарор додааст [61, с.285]. Дар санадҳои барномавии ҲХДТ ҳадафи аслии ин ҳизб бунёди давлати аз ҷиҳати сиёсӣ ва иқтисодӣ мутараққӣ, демократӣ ва дунявӣ маънидод шудааст. Баъдтар раисии ин ҳизбро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бар дўш гирифт. Имрўз ин ҳизб дар муҳити сиёсии кишвар аз маъруфтарин ҳизбҳо маҳсуб мешавад.

Зарурати пайвастшавӣ ва ба Раисии ин ҳизб интихоб шудани худро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин иброз доштааст: «Зарурати

пайвастшавии ман ба Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, бечунучаро, ба таҳлили ҳамаҷонибаи таносуби нерӯҳои сиёсӣ дар ҷомеаи мо, сатҳи камолот ва мундариҷаи барномаҳои онҳо асос ёфтааст. Ҳамзамон, ман ба масъалаи то чӣ андоза омда будани ҷомеа аз чунин иқдоми роҳбари давлат дар даврае, ки раванди ваҳдату ягонагии миллат ва эҳёи давлатдории тоҷикон оғоз ёфтааст, эътибори махсус додам.

Ниҳоят, боварии комил дорам, ки шомил шуданам ба ҳизби сиёсӣ ва ризоиҷт доданам барои роҳбарӣ ба он аз ҷониби шаҳрвандони Тоҷикистон дуруст пазируфта мешавад ва аз поён дастгирӣ мешавад» [95, с.79].

Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон ташкилоти ҷамъиятӣ-сиёсӣ буда, фаъолияташ барои бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона, самти иҷтимоӣ дошта, аз лиҳози иқтисодӣ тараққиёбанда ва ба беҳдошти сифати ҳаёти мардум кӯшанда равона шудааст.

Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба хиради олии сиёсӣ, сифатҳои ҳамидаи ахлоқӣ ва маънавиёти баланди аъзои худ такя намуда, донишу маҳорати онҳоро ба амалӣ гардонидани ғояҳои сиёсӣ ва ҳадафҳои барномавии хеш сафарбар менамояд. Ҳамчунин ба таҳкими истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат мусоидат мекунад.

Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар асоси Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналхалқии ҳуқуқие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, ҳамчун дар доираи Барнома ва Оинномаи хеш фаъолият мекунад.

Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон бо назардошти рушду пешрафти минбаъдаи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон бо ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар иттиҳодияҳову созмонҳои ҷамъиятӣ, ки фаъолияташон дар доираи Конститутсия ва қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад, ҳамкорӣ мекунад.

Фаъолияти ташкилию таблиғотиашро Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар асосӣ принсипҳои зерини демократӣ ба амал мебарорад:

– умумияти ғоявӣ, рафоқати ҳизбӣ, ягонагии манфиату ҳадафҳои ҳизб, баробарии ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳамаи аъзоёни ҳизб, интизоми бошуурона;

– эҳтиром ба нуктаи назари ҳар як аъзои ҳизб, худидоракунии ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ, ошкорою шаффоф будани фаъолияти ҳизбии сиёсӣ;

– интихоби будани ҳамаи вазифаҳои роҳбарикунандаи ҳизбӣ аз поён то боло;

– ҳамеша ҳисоботдиҳанда будани мақомоти ҳизбӣ;

– интизоми қатъии ҳизбӣ ва ҳатмӣ будани қарорҳои мақомоти болоии ҳизбӣ барои мақомоти поёнӣ;

– роҳбарии дастаҷамъона ба ҳамаи мақомоти ҳизбӣ, масъулияти шахсии ҳар аъзои ҳизб барои иҷрои вазифаҳою супоришҳои ҳизбӣ.

Матбуоти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро нашрияи «Минбари халқ», маҷаллаҳои «Меҳвар», «Зани муосир» «Сухани халқ» ва ғайра ташкил медиҳанд, ки ҳаёти ҳизро инъикос намуда, манфиатҳои онро ҳимоя мекунанд.

Дигар аз ҳизбҳои сиёсие, ки дар муҳити Тоҷикистон амал менамояд Ҳизби демократии Тоҷикистон мебошад. Ин ҳизб дар айёми пурталотуми ҳаёти сиёсии ҷумҳурӣ 10-уми августи соли 1990 (дар шаҳри Душанбе) дар Анҷумани муассисони он ташкил шудааст. Раис ва аксари ҳайати муассисон ва роҳбарияти ҳизб аз Созмони Мардумии «Растохез» буданд, ки дар ташкили Ҳизби демократии Тоҷикистон саҳм гузоштанд. Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 июни соли 1991 (такроран 3-юми декабри соли 1999, 31-уми январи соли 2013) сабти ном шудааст. Аз соли 1990 то соли 2006 ҳафтаномаи «Адолат» органи нашриётии Ҳизби демократии Тоҷикистон буд. Ин ҳизб сабабгори сар задани мушкилоту печидагиҳо дар раванди сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангиву маънавии давлати соҳибистиқлоли тоҷикон мебошад.

Ормонҳои инсондӯстона ва пайкору талош дар роҳи расидан ба ҳақиқат, адолати иҷтимоӣ, давлати воқеан демократӣ ва ҳуқуқбунёд, ҷомеаи

шаҳрвандӣ ва истиқлолияти томи сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон ҲДТ-ро ба майдони сиёсат кашидааст.

Мақсади асосии ҳизби мазкур бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошад, ки дар он шаъну шараф, ҳуқуқ ва озодиҳои фитрии инсон ва шаҳрванд аз мақомоти давлатӣ таъмин ва ҳифз карда шаванд. Гарчанде дар Конститутсияи Тоҷикистон шакли давлатдории он чун давлати демократии ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ифода шудааст, лекин ҷомеаи моро, аз як тараф, хатари бозгашт ба низоми коммунистӣ, аз тарафи дигар, дар зери шиори демократия шиддат гирифтани яккаҳокимиятӣ ва худкомии мақомоти марбутаи ҳукуматӣ, таҳдид дорад. Аз ин лиҳоз, ҲДТ мардуми кишварро аз ин хатар огоҳонида, барои ба тақдири давлату миллат бетараф набудан ва дар роҳи бунёд намудани давлати воқеан демократӣ ва ҳуқуқбунёд, ки заминааш аз арзишҳои миллӣ, динӣ ва умумибашарӣ сарчашма мегирад, саҳмгузор будан, даъват менамояд. Лекин ин роҳ хеле мушкил ва пурмашаққат буда, аз мардуми тоҷик дар роҳи комёб шудан ба ин мақсад ва маром, таҳаммул ва иродаи қавиро талаб менамояд.

Муҳаққиқ Р. Бобоҷониён қайд менамояд, ки «ҳизби демократии Тоҷикистон дар солҳои таъсисёбии худ ба митингҳои оппозитсионӣ мардумро даъват карда ба муқовимати маҳаллӣ асос гузошта аст ва ин дар матбуоти Русия дар он солҳо инъикос ёфта буд, аз роҳбари онвақтаи ҳизби демократ Шодмон Юсуф дар газетаи «Известия» иқтибос меорад. Номенклатураи имрӯза ба муқобили қувваҳои демократӣ муборизаи ҳамаҷониба шурӯъ намуданд» (Известия.–1992.–26 март). Ҳизби демократ бо қувваҳои исломи радикалӣ якҷоя гашта ба қонуншиканиҳо дастзад, бинобар ин, бо қарори Вазорати адлия фаъолияти он боздошта шуд. Баъд аз имзо расидани Созишномаи Истикрори сулҳ он дубора ба фаъолият шурӯъ мекунад, вале раиси он Шодмон Юсуф дигар ба Тоҷикистон барнамегардад. Солҳои минбаъда ҳизби демократи Тоҷикистон ба ду платформа тақсим гардид ва дар интихоботи парлумонӣ танҳо платформаи Саидҷаъфар Исмонзода имконияти ширкат намудан ва интихоб гардиданро пайдо кард.

Аз соли 2013 нашрияи «Истиқлол», ки сармуҳаррии онро Аҳмадшоҳ Комилзода ба уҳда дошт, маводи таблиғотии Ҳизби демократро нашр мекунад. Нашрияи «Истиқлол» аслан дар иду айём ва маъракаҳои интихоботӣ нашр мегардад.

Ҳизби аграрии Тоҷикистон аз 15-уми ноябри соли 2005 дар Вазорати адлияи Тоҷикистон сабти ном шудааст. Аз соли 2005 то 2014 раиси ин ҳизбро доктори илмҳои кишоварзӣ Қароқулов Амир Бӯриевич ба уҳда дошт. Аз соли 2014 то ин ҷониб сарварии онро Латифзода Рустам Барот ба дӯш дорад. Рӯзномаи ин ҳизб «Меҳргон» буда, дар се моҳ як маротиба нашр мегардад.

Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон моҳи октябри соли 2005 таъсис шудааст. То соли 2019 раиси он Олим Бобоев буд. Аз соли 2019 роҳбарии ҳизбро Рустам Қудратов ба уҳда дорад. Солҳои аввал рӯзномаи «Иқтисодиёт ва ҳаёт» нашр мешуд, вале чанд соли охир он аз нашр бозмондааст.

Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон 15 июни соли 1996 таъсис ёфта, 6-уми августи ҳамон сол сабти ном гардидааст. Нахустин анҷумани Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд баргузор шудааст. Дар соли 1997 роҳбарии ҳизбро Сафаралӣ Кенҷаев ба уҳда гирифт. Соли 2000 Мирҳусейн Назриев роҳбари ин ҳизб интихоб шуд. Соли 2004 миёни аъзо ва тарафдорони ин ҳизб ихтилоф ба миён омад ва моҳи июли ҳамон сол Абдуҳалим Ғаффоров роҳбари нави Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон таъин гардид. Органи нашриётиаш нашрияи «Иттиҳод» мебошад, ки чопи доимӣ надорад.

Ҳизби сотсиал–демократии Тоҷикистон. Аввалин анҷумани муассисони ҳизб 18 марти соли 1998, пас аз чанд моҳи поёни ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) баргузор шуд. Дар ибтидо ин ҳизб, ки баъд аз пайвастани нерӯҳои коммунистӣ ва Комиссияи оштии миллӣ аз ҷониби намояндагони гуногуни Иттиҳоди оппозисионии тоҷик ташкил шудааст, «Адолат ва тараққиёт « ном дошт ва худро мухолифи ҳукумати вақт меномид. Ҳизби «Адолат ва тараққиёт» пас аз 324 рӯзи таъсисёбӣ – 6 феврали соли 1999 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» сабти ном

шуд. Дар моҳи апрели соли 1999, ҳизб яке аз ташаббускорони таъсиси Шӯрои машваратии ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон буд, ки ба он панҷ ҳизб ва ду ҷунбиши ҷамъиятӣ ва сиёсии оппозитсионӣ шомил буданд. Ҳизб ба идеяи баргузорӣ ва натиҷаҳои раъйпурсии саросарии конститутсионӣ 26 сентябри соли 1999 вокуниши шадид нишон дод, бинобар, ин то 2 сентябри соли 1999, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи боздоштани фаъолияти ҳизби «Адолат ва тараққиёт» қарор қабул кард. 20-ми декабри соли 2002 анҷумани дуюми ҳизби манъ гардида бо иштироки лидерони собиқ, фаъолон ва аъзоёни он баргузор гардид, ки онҳо дар бораи барқароркунии ҳизб бо номи Сотсиал-демократ қарор қабул карданд ва ҳамон рӯз дар Вазорати адлия ин ҳизб номнавис гашт. Раиси ҳизб Раҳматилло Хамидович Зойиров, муовини якуми Раиси ҲСДТ Шокирҷон Ҳакимов интихоб шуданд.

Ҳизби Сотсиал-демократии Тоҷикистон интихоботи навбатии парлумониро дар соли 2005 «бойкот» эълон кард, ки сабаби он нобоварӣ ва эҳтимолияти тақаллуб аз ҷониби Ҳизби ҳокими Халқии демократии Тоҷикистон буд. Бархе аз коршиносон бар он ақидаанд, ки ҲСДТ ягона ҳизби қонунии оппозитсионӣ дар кишвар аст. Сотсиал-демократҳо дар интихоботҳои парлумонии кишвар ширкат варзида бошанд ҳам, маротибае натавонистанд монеаи 5% -ро расман бартараф кунанд ё дар ҳавзаҳои якмандатӣ пирӯз шаванд. Роҳбарияти ҲСДТ мақомоти кишварро ба фишор муттаҳам месозанд. 28 феврали соли 2010 вай дар интихоботи парлумонӣ монеаи 5-фоизаро паси сар накард ва дар палатаи намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой нагирифт.

6 ноябри соли 2013, ҲСДТ интихоботи президентиро бойкот кард ва изҳор дошт, ки «натиҷаи овоздиҳӣ барои онҳо пешакӣ маълум буд, аммо онҳо маълумоти КМИ-ро дидаву дониста зиёд нишон медиҳанд» ҲСДТ дар интихоботи навбатии парлумонӣ дар соли 2015 ширкат варзид, аммо тибқи маълумоти расмӣ, он боз монеаи 5% -и заруриро паси сар карда натавонист ва танҳо 0,5% -ро ба даст овард, ки ин дафъа аллакай ҷойҳои охирин - ҳаштумро ишғол кардааст. Дар интихоботи навбатии парлумонӣ дар соли

2020, ҲСДТ тибқи маълумоти расмӣ ҳамагӣ 0,3% ба даст овард ва дар интихобот бори охир мақоми охиринро ишғол кард ва ин дафъа аллакай ягона ҳизбе буд, ки дар ин интихобот ба парлумон роҳ ёфта натавонист. Дар интихоботи навбатии президентии соли 2020 ҲСДТ номзади худро пешбарӣ накард.

Мувофиқи баҳои ташкилотҳои байналхалқӣ Ҳизби сотсиал–демократии Тоҷикистон ягона нерӯи оппозитсионӣ дар ҷумҳурӣ ба шумор рафта, солҳои охир ба фишори ҷиддии мақомот дучор шуда мушкилоти молиявиро аз сар мегузаронад. Газетаи худро чоп накардааст.

Ҳизби дигари сиёсие, ки дар муҳити сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар амал мекард, Ҳизби назҳати исломии Тоҷикистон буд. ҲНИТ 26 октябри соли 1991 дар анҷумани муассисон дар ноҳияи Ленин ташкил ва 4 декабри соли 1991 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст. Маротибаи дуюм 28 сентябри соли 1999 сабти ном гардидааст. Органи нашриётиаш рӯзномаи «Наҷот» ва маҷаллаи «Сафинаи умед» буд.

Тибқи санад яке аз шартҳои оштии миллӣ ба таври қонунӣ эълон намудани ҳизбҳои сиёсии ИНОТ (Иттиҳодияи нерӯҳои мухолифони тоҷик) ба шумор мерафт. Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 августи соли 1999 бо назардошти он ки ИНОТ дар доираи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мувофиқи нормаҳову санадҳои Созишномаи миллӣ аз 17 июни соли 1997 муқаррар намуд амал менамояд, қарор кард, ки ҳукми коллегияи судӣ аз 21 июни соли 1993 дар хусуси қатъ намудани ҳизбҳои сиёсӣ ва ҷунбишҳои ИНОТ бекор шавад. Ба Вазорати адлияи Тоҷикистон фармуданд, ки шаҳодатномаҳои ба қайд гирифта шудани Ҳизби наҳзати ислом, Ҳизби демократии Тоҷикистон, созмони «Растохез»-ро ба онҳо баргардонад. Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин аҳзобу созмонҳо рухсат дод, ки дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон озодона фаъолият баранд. Дар муқаддимаи барномаи Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон оварда шуда буд, ки «Мо бо тозаги аз ҷанги шаҳрвандӣ берун омадаем ва он ҳатман нақши худро дар ҳаёти ҳамаҷонибаи кишвар ва тафаккури мардум хоҳад гузошт. Ин

ҷанге буд, ки дар асари якдигарнофаҳмӣ, бегонапарастӣ ва надоштани малакаи мустақил зистан ба вучуд омад. Ва ибрати хубе гашт барои миллати мо, бахусус сиёсатмадорон ва нерӯҳои солими сиёсӣ.

– Марҳилаи ниҳоят душворе моро дар пеш аст. Ин даврае аст, ки мо бояд истиқлолияти худро ҳам аз лиҳози сиёсӣ ва ҳам иқтисодию фарҳангӣ мустаҳкам созем. Хоҷагии харобгаштаи халқро барқарор созем ва аз ҳама муҳим, савияи маънавии мардумро, ки солҳои охир хеле поён рафтааст, боло бардорем» (Наҷот.–2005.–24 феврал).

Ҳизби мазкур ҳадафу самти фаъолияти худро чунин тарҳрезӣ намудааст: Аз тарафи дигар, ҷомеаи моро хавфи барқароршавии як системаи яккаҳокимиятӣ (авторитари) ба истифода аз шиорҳои демократӣ ва истиқлолиятхоҳӣ таҳдид менамояд. Вале дертар маълум гашт, ки ҳизби мазкур дар қолаби ин гуна андешаҳо мафкураи ғаразноки сиёсиро дар худ ҷой дода, мақсадаш давлатро сарнагун кардан будааст.

Барои исботи ақида ин ҷо порае аз таърихи корбарии ин ҳизб ёдрас мешавем.

Яке аз равияҳои кухнатарини исломи сиёсӣ, ки соли 1928 аз ҷониби Ҳасан-Ал-банно, олим ва муаллими мактаб дар шаҳри Исмоилияи Миср таъсис ёфт, ҳаракати панисломии «Ихвон-ул-муслимин» ё худ «ҷомеаи бародари исломӣ» ба ҳисоб меравад. Ҳадафи ниҳоии «Ихвон-ул-муслимин» ташкили хилофати исломӣ аст, ки ба қавли пешвоёнаш Ҳасан-Ал-банно ва Саид Қутб бояд аз Испания то Филлипину Индонезия густариш ёбад. Ба ин хилофат Қуръон ва суннат бояд ба мурожиати ягонаи танзими зиндагии оилавӣ, фардӣ, ҷамъиятӣ ва давлатии мусулмонон табдил ёбад.

Тибқи принсипҳои «Ихвон-ул-муслимин», ҳадафи якуми онҳо шариат бояд танзими асосии умури ичтимоию давлатиро дар дасти худ дошта бошад. Мақсади дуюми онҳо муттаҳид намудани кишварҳои исломӣ ва бавуҷудовардани хилофати исломӣ дар саросари ҷаҳон мебошад. Дар ин ҳадафи ниҳоӣ ва фундаменталӣ байни равияҳои исломӣ чун ваҳҳобия, ал-қоида, салафия, ҳизби таҳрир фаъолияти принсипиалӣ вуҷуд надорад. Ин

равияҳо барои расидан ба мақсади худ аз усулҳои хоси худ, махсусан, ба усули «қадам ба қадам» истифода мебаранд, ки принсипи асосии он инҳоянд: ташкил кардани ниҳодҳо ва ячейкаҳои алтернативии худ дар кишварҳое, ки фаъол ҳастанд; тарғиби илмҳои теологӣ, аз ҷумла калому ирфон ва шахсиятҳои таърихии ин илмҳо; ташкили ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ; исломисозии ҷомеа ва даъват «аз боло»; қатли шахсиятҳое, ки муқобили ин ҷараён ҳастанд [4, 2017.–№3].

Ин гуна ихвонҳо дар замони мавҷудият дар кишварҳои гуногун ниҳодҳои худро бо номҳои гуногун таъсис доданд. Онҳо барои расидан ба мақсади худ дар кишварҳои исломӣ мактабҳо, донишгоҳҳо, дармонгоҳҳо, фондҳои хайрия барои камбизоатон ва донишҷӯён, бонкҳои исломӣ, меҳмонхонаҳо, ширкатҳо ва марказҳои туристӣ, созмонҳои миссионерӣ, мазҳабӣ- хайриявӣ ва молиявии исломӣ ташкил дода ба ин васила фазои иҷтимоиро зери назорати худ медароранд. Ин буд, ки «Ихвон-ул-муслимин» ба шабакаи байналмиллалӣ табдил ёфта, даромадҳои худро аз ҳисоби аъзоҳаққӣ, хайрияҳо ва дастгирии молиявии аъзоён ва тарафдоронаш дар кишварҳои нафтхези Халиҷи Форс ба роҳ монд. «Ихвон-ул-муслимин» дар сар то сари ҷаҳон садҳо гурӯҳҳои худро бо номҳои гуногун таъсис додааст.

Пӯшида нест, ки роҳбарони ҲНИТ чун аз хориҷи кишвар ва, махсусан аз ҷониби «Ихвон-ул-муслимин» дастгирӣ мeёфтанд ва дар як муддати кӯтоҳ бо роҳи пур кардани фазо аз афкори авомфиребона дар байни аҳолии камсавод то андозае нуфуз пайдо намуданд. ҲНИТ пурра методҳои ихвониро истифода менамуд ва дар аксари маврид аз усули «қадам ба қадам» истифода намуда, сар то сари Тоҷикистон гурӯҳҳои худро таъсис дод.

Ҳамчунин тиҷоратҳои гуногун ташкил карда, барои афкори ҷомеаро дар зери нуфузи худ нигоҳ доштан воситаҳои ахбори оммаро сармоягузорӣ мекард ва шахсиятҳои мазҳабӣ, тарзи рӯзгори мазҳабӣ, аз ҷумла пӯшиши ҳиҷоб ва амсоли инро таблиғ менамуд ва фазои иттилоотии кишварро то ҷое дар зери таъсири худ гузошта буд. Яке аз ин гуна амалҳои ин ҳизб нашрияш

«Наҷот» буд, ки ба воситаи он дар байни мардум фикру ақида, ҳадаф ва мақсадҳои худро ҷой намуд.

Нашрияи ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон 4 шумора дар соли 1991 чоп ва паҳн шудааст. Сипас 14 январи соли 1992 ба қайд гирифта шуд ва 12 майи соли 1992 бори нахуст расмӣ чоп шуд. Таҳти рубрикаи «Симои рӯз», «Таърих гувоҳ аст», «Ғизои рӯҳ», «Чун парда дарафтод», «Ҳақ ва Ботил» барои муштариён мавод пешниҳод менамуд. Сипас аз соли 1993 якҷоя бо фаъолияти ҳизби мазкур баста эълон мешавад.

ҲНИТ баъди расидан ба оштии миллӣ тайи солҳо 1997-2015 аз ин шеваҳои ихвонӣ кор гирифта, сараввал сарони ин ҳизб марказҳои тиҷоратии мухталиф таъсис доданд ва шаклҳои гуногуни тиҷоратро, аз ҷумла бо роҳи ҷамъоварии эҳсону хайрия, баъдан бо роҳи худнамоӣ ва таҳти таъсир гирифтани фазои иттиллотӣ корҳои оддитарини хешро мавриди таблиғ қарор доданд. Шиорҳои озодӣ, демократия, баробарӣ ва озодии матбуотро ба миён гузоштанд, ки ингуна шиорҳо дар воқеияти исломи сиёсӣ татбиқ нашавандаанд.

ҲНИТ ва пайравонаш дар замони фаъолияти расмиашон чунин вонамуд мекарданд, ки гӯё онҳо ба мушкилоти сиёсию иқтисодии кишвар ягон дахл надоранд ва ҳамаи ҷурмро бар сари ҳокимияти сиёсӣ ҳавола менамуданд ва худро пуштибони озодиву адолат ва демократия ба намоиш мегузоштанд. Айни ҳол низ сарони дар пайгарди қонун қарор доштаи ин ҳизби мамнуъи террористӣ дар хориҷи кишвар ба фазилат фурӯшиву демогогия ва бадномсозии роҳбарият ва ҳукумати кишвар машғул шуда, бо роҳи бечораволӣ дар назди созмонҳои байналмиллалӣ аз адолату демократия ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳарф мезананд.

Ҳамчунин пайваста дар матбуоти даврии вақт таблиғ шудани шахсиятҳои исломӣ ва нашри фатвоҳои пешвоёни динӣ яке аз ҳадафҳои дигари «ором-ором» табдил додани ҷомеаи динии сиёсӣ гашт. Хушбахтона, мардум ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин гуна ифроткориҳои ҳизби мазкур ошноӣ пайдо намуда, фаъолияти нашрияро қатъ ва ҲНИТ-ро ҳамчун

ҳизби террористӣ-экстремистӣ эълон намуда фаъолияташро дар Тоҷикистон манъ карданд.

ҲНИТва аъзоёнаш ба содир кардани ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ, ифротгароӣ ва паҳнкардани ахбори иғвоангезона, ташкил ва ширкат дар иттиҳодияҳои ҷиноятӣ, даъватҳои оммавӣ барои бароҳи зӯроварӣ тағйир додани низоми қонунии Тоҷикистон ва барангехтани адовати динӣ барои ноором кардани вазъи сиёсӣ, муттаҳам шуданд ва аз ҷониби додгоҳи олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 29-уми сентябри соли 2015 Ҳизби наҳзати исломӣ Тоҷикистон ҳамчун созмони террористӣ эълон карда шуд ва фаъолияти онро дар қаламрави кишвар манъ кард. Инчунин нашри ҳафтаномаи «Наҷот» ва маҷаллаи «Сафинаи умед» ва саҳифаҳои интернетии он бо қарори додгоҳ қатъ карда шуд.

Раванди инкишофи демократия дар ҷомеа ҳарчӣ бештар рушд намуда, ҳизбҳову созмонҳои нав арзи вуҷуд менамоянд, ки аз вусъати гуногунақидагӣ ва плюрализми сиёсӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Бояд қайд кард, ки мавҷудият ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар демократикунонии умумии сохтори Тоҷикистон нақши калон мебозад. Як гурӯҳ бар он ақидаанд, ки ба ҳизбҳо асосан шаҳрвандони фаъол, ки ба фаъолияти сиёсӣ таваҷҷуҳ доранд, аъзо мешаванд.

Нуралӣ Давлат интихоботи парлумонии соли 2015-умро таҳлил намуда қайд мекунад, ки «Парлумон бори дигар бисёрҳизбӣ гардид, вале системаи бисёрҳизбӣ мавҷуд нест. Байни ин ду мафҳум фарқияти калон вуҷуд дорад. Системаи бисёрҳизбӣ, на бисёрҳизбияти оддӣ, он гоҳ ташаккул меёбад, ки агар ҳизбҳои сиёсии мавҷуда ба сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҳукумати кунунӣ дар кишвар таъсири худро расонида тавонанд» [154].

Ба ин маънӣ, дар кишвари мо алҳол дар бораи бисёрҳизбии оддӣ, ки ҳизбҳо дар таркиби он ҷой дошта, ба сиёсати ҳукумат чандон таъсири назаррас расонида наметавонанд, сухан рондан мумкин аст. Мутаносибан, сохтори парлумон ва фаъолияти он низ дар Тоҷикистон дар ҳамин радиф қарор дорад.

Вазъияти сиёсии солҳои охир, раванди демократикунонии ҳаёт ва плюриализми сиёсии ҷомеа, ислоҳоти сиёсӣ ва тағйироти бунёдии сохтори иҷтимоии ҷомеа барои сифатан беҳтар гардидани муносибатҳои ҳизбӣ шароити мусоид фароҳам овард. Аз ин рӯ, имрӯз вазифаи асосии ҳизбҳои сиёсӣ таҳкими мавқеи худ дар ташаккули парлумон, иштирок дар интихоботи парлумони оянда ва дигар чорабиниҳои сиёсӣ маҳсуб меёбад.

Хулоса низоми бисёрҳизбӣ тақозои замон буда барои рушди кишвар бо роҳи демократӣ асос мегардад. Тоҷикистон аз низоми яккаҳизбӣ ба низоми бисёрҳизбӣ гузашта бошад ҳам, он то охир ташаккул наёфтааст.

## I.2. Заминаҳои пайдоиш ва ташаккули матбуоти ҳизбӣ дар Тоҷикистон

Дар аввали солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон тағиротҳои ҷиддӣ ба вуҷуд омаданд. Ҳаракати «бозсозӣ», ки ҳанӯз солҳои 80-ум оғоз гардид, ба худшиносиву худогоҳии миллӣ замина гузошт. Дар баробари ин як гурӯҳ зиёиёни тоҷик, ки ба сифати тарҷумону корманд ба кишвари Афғонистон даъват шуда буданд, бо рӯҳияи нав ба Тоҷикистон баргаштанд. Дар байни донишҷӯён ҳаракати «Рӯ ба рӯ» ташкил гардида, маҳфилҳои гуногун баргузор мегардид. Дар баробари ин кишварҳои гуногун барои таъсиси ҳизбҳои сиёсӣ манфиатдор буданд. Ҳамчунин дар заминаи маҳал ҷамъиятҳои гуногун ба фаъолият шурӯъ карданд, ки манфиати худро доштанд. Дар ин раванд аввалин нишонаҳои гуногунандешӣ дар нашрияҳои расмӣ ба монанди «Комсомоли Тоҷикистон», баъдан дар нашрияи хусусӣ мисли «Растохез», «Чароғи рӯз» пайдо шуданд. Таъсиси ҳизбҳои сиёсӣ расман дертар оғоз ёфт, зеро ҷанги шаҳрвандӣ ба ин ҷараён таъсири манфӣ расонд.

Ҳарчанд ҲДТ, ҲНИТ миёни солҳои 1990 таъсис ёфта буданд, аммо низоми бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон баъд аз Истиқлолияти давлатӣ, аниқтараш баъд аз итмоми ҷанги шаҳрвандӣ пайдо шуд. Имрӯз ҳам ташаккулёбии низоми бисёрҳизбӣ идома дорад. Даъвои ҲНИТ, ки онҳо ҳанӯз

замони Шӯравӣ (1973) таъсис ёфта буданд, асос надорад. Зеро расман ин ҳизб ба қайд гирифта нашуда буд ва фаъолияташ махфӣ сурат мегирифт.

«Чароғи рӯз» нашрияи шахсии Дадоҷон Атоуллоев буда, шумораи нахустинаш 12 июли соли 1991 чоп шуд. Дар Вазорати матбуот ва ахбори Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 марти соли 1991 таҳти рақами №71 ба қайд гирифта шудааст. То моҳи декабри соли 1992 дар ҷумҳурӣ чоп мешуд. Нашрия худро «минбари озоди ҷавонон», «барқе дар осмони сукутварзидаи матбуот ва зиндагии мардуми Тоҷикситон» меномид.

«Чароғи рӯз» зери гӯшаҳои «Тоҷикистон таймс», «Оламу одам», «Соярӯшан», «Таҳхона», «Миш-миш прес», «Охируламр», «Бонги рӯз», «Чаро?-и рӯз» «Рӯзи сиёҳ» ва амсоли ин мавод чоп мекард. Муаллифони асосии нашрия бунёдгузор ва мудири масъул Додоҷони Атовулло, сардабир Салим Аюбзод, гурӯҳи эҷодӣ Қаюми Қайюмзод, Мирзои Салимпур, Соҷидаи Мирзо, Қодири Рустам, Зӯҳрои Мирзо, Искандари Марямхӯҷа буданд. Нашрия ҳайати мушовирон дошт, ки инҳо Акбар Турсун, Аслиддин Соҳибназаров, Ато Муҳаммадҷонов, Баҳманёр, Бӯрӣ Каримов, Давлат Худоназаров, Зафар Нозим, Комил Бекзода, Муҳаммадалии Саид, Отахон Латифӣ, Пӯлот Пӯлотов, Усмонхӯҷаи Нӯъмон, Фарзона, Ҳоҷимуҳаммад Умаров ва дигарон буданд. Инҳо ҳарчанд барои нашрия маводе таҳия намекарданд, вале номи баланд доштанд.

Равшан аст, ки ҳизбҳои сиёсӣ маҳз бо нашрия ва дигар васоити ташвиқотӣ ҳадафу ақоиди худро манзури ҷомеа месозанд ва ба ин васила аҳли ҷомеа аз матлабу мақсади ин ё он ҳизб воқиф мегарданд. Аз ҳамин рӯ, баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар Тоҷикистон фазои нисбатан озод ва вазъияти ошкорбаёнӣ ба вучуд омад, ки ин ба таъсиси ҳизбҳои сиёсӣ низ таъсир гузошт. Таъсиси ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳар мамлакат далели мавҷудияти демократия ва озодии ақоид аст.

Агар ба таври умум ба матбуоти даврии ҳизбҳои сиёсӣ назар афканем, маълум мегардад, ки ҳар кадоме маҳсули як давраи муҳими сиёсӣ ва таърихианд. Табиист, ки таъсис ва фаъолияти нашрияҳои ҳизбҳои сиёсӣ дар

густариши матбуоти даврӣ нақши босазо доранд. Ба ин манзур, назар афкандан ба таърихи таъсисёбии нашрияҳои ҳизбҳои сиёсӣ аз муҳимтарин ҳадафҳо хоҳад буд. Нашрияҳои ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон бо таври зер ҳастанд, ки мо бо назаргирии мавқеъ ва мақомашон мавриди тавзеҳ қарор додем.

Бояд қайд намуд, ки пайдоишу инкишофи матбуоти ҳизбӣ дар Тоҷикистон ба воқеоти сиёсию иҷтимоии ҷумҳурӣ дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта марбут аст. Дар ин давра дар миқёси ҷумҳурӣ ҷунбишу ҳаракатҳои ҷамъиятию сиёсӣ рӯйи саҳна омаданд, ки ба матбуоти худӣ ниёз доштанд.

Яке аз ин гуна ҷунбишҳо ҳаракати мардумии «Растохез» буд. Ҳаракати мардумии «Растохез» 14 сентябри соли 1986 дар Тоҷикистон ба амал омад. Мақсади ин ҳаракат дар Тоҷикистон бунёд кардани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ буд. Созмони «Растохез» масъалаи соҳибихтиёрии халқи тоҷикро бо сароҳат ба миён гузошт ва талош барои истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба мақсади асосии созмон табдил ёфт. Созмони «Растохез» мехост, ки дар Тоҷикистон забони тоҷикӣ забони давлатӣ бошад. Бо ин мақсад 25 феврали соли 1989 аввалин маротиба дар таърихи Тоҷикистони советӣ митинг баргузор гардид, ки иштирокчиёни асосии он донишҷӯён, устодон ва ходимони Академияи илмҳои Тоҷикистон ба буданд. Митингкунандагон талаб доштанд, ки дар Тоҷикистон ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шавад.

Зоҳиран, ин ҳадаф хилофи Қонуни Асосии кишвар набуд. Мувофиқи он Тоҷикистон яке аз ҷумҳурии шӯрави маҳсуб мешуд, яъне як давлати миллӣ буд. Муҳимтарин нишонаи давлати миллӣ – доштани забону фарҳанги миллӣ аст. Пас забони давлатии Тоҷикистон бояд забони тоҷикӣ бошад. Чунин ақида доштанд аъзоёни ин созмон.

Собиқ сардори созмони «Растохез» шодравон Тоҳири Абдуҷаббор дар мақолаи худ «Растохез» ва забони тоҷикӣ» (Фарҳанг ва адаб.–2008.–22 июл) доир ба таъсиси созмони номбурда нигоштааст, ки аъзо ва пайравони

созмони «Растохез», на танҳо равшанфикрон ва зиёиёни ҳамаи шаҳру деҳотҳои кишвар, балки шоирону нависандагон чун Сотим Улуғзода, Лоиқ Шералӣ ва Муҳаммадҷон Шукуров низ аъзои созмони «Растохез» буданд, ки барои амалӣ кардани ин ҳадаф фаъолият карданд.

Органи ин созмон нашрияи ҷамъиятӣ-сиёсӣ «Растохез» буд, ки дар аввал ба сифати варақа, баъдтар ҳамчун нашрияи мустақили Ҷунбиши мардумии «Растохез» нашр мегардид. Шумораи нахустини он бо ду забон – русӣ ва тоҷикӣ, дар ҳаҷми 5 ҳазор нусха моҳи майи соли 1990 ҳамчун моҳона, берун аз Тоҷикистон дар Маскав нашр гардид. Шиори нашрия: «Аз гавҳора то ба гӯр дониш биҷӯй» ва сармуҳаррираш Аҳмадшо Комилов буд.

«Растохез» на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми Осиёи Марказӣ аввалин нашрияи озод ва мустақил шуморида мешуд.

«Нидои ранҷбар». Нашрияи Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон буда, аз моҳи феврали соли 1992 ҳафтае як маротиба зери рубрикаи «Андешаҳо», «Ахбори ҳизбӣ», «Акси садо», «Доғи рӯз»чоп мешуд. Сардабирии онро Ҳабибулло Ёров ба уҳда дошт.

Ҳайати таҳририяи «Нидои ранҷбар» дар шумораи аввалааш аз 28 феврали соли 1992 ба хонандагонаш муроҷиат карда, аз ҷумла навиштааст: «Нидои ранҷбар» дар даврае ба гӯш мерасад, ки ҳизби коммунистро барои ҳарчӣ гунаҳкор кардан анъана шудааст. Албатта, ҳизби мо гуноҳҳо ва камбудиҳои ашхосеро, ки аз номи ҳизби коммунист «киштии моро ба рег нишониданд», на танҳо рӯпӯш намекунад, балки фошу маҳкум менамояд ва яке аз умдатарин вазифаи мо низ ин аст. Аммо бисёр хоҳиш дорем, як ба оҳанги ҷорӣ онҳое, ки имрӯз ҳизби коммунистро наҳ мезананд, бадгӯӣ мекунанд, дақиқ таваҷҷуҳ кунед. Оё навад дар сади онҳо коммунистони собиқ ё худ онҳое, ки коммунист шуданӣ буданд, нестанд! Оре, онҳоеанд, ки имрӯз худро ба даргоҳи дигаре задаву вазифа гирифтанианд. Боварӣ ҳаст, вақт симои онҳоро равшантар мекунад.

Аммо на инкор, на хусумату бадгӯӣ ҳадафи ин нашрия нахоҳад буд. Балки мо ба умед қалам меронем, ки дар Тоҷикистони азиз сулҳу салоҳ

бошад, ободӣ бошад, имон бошад, нону хона бошад, ба умед қалам меронем, ки хуни ноҳақ дигар дар замини тоҷик нарезад» [7, 1002.–28 феврал].

Дар баробари «Нидои ранҷбар» Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон нашрияҳои «Голос Таджикистана» (ба забони русӣ), «Тожикистон овозӣ» (ба забони ӯзбекӣ) –ро чоп мекард. Аз соли 1998 моликияти ҲК миллӣ гардид ва вазъи матбуоти он бад шуд. Нашрияҳои он ба моҳнома табдил ёфтанд ва даврияти чопи онҳо номуназзам гардид, соле 10-15 шумора мебаромаданд.

«Коммунисти Тоҷикистон» – органи нашриётии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон буда, муассисаш Комитети Марказии ҳизби Коммунистии Тоҷикистон мебошад. «Коммунисти Тоҷикистон» таҳти рақами 009/РЗ аз 9-уми апрели соли 2009 бо забони тоҷикӣ ва 9-уми марти соли 2009 таҳти рақами 0102/РЗ бо забони русӣ «Коммунист Таджикистана» дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Нашрия моҳе 1 ё 2 маротиба бо забонҳои русӣ, ӯзбекӣ ва тоҷикӣ, дар ҳаҷми 8 ва баъзан 16 саҳифа бо теъдоди 3000 нусха аз чоп мебарояд.

Ба ҳайати таҳририяи нашрия А. Насимов котиби МК.ҲКТ, З. Мирасанова котиби КМҲКТ, Л. Камолиддинов сармуҳаррирӣ нашрияи «Эътиқод» ва М. Ҳоҷиев узви Раёсати КМ.ҲКТ шомил мебошанд. Аксари вақт 2 шумораи он якҷо (2017.– №5-6), (2017.– №7-8), (2018.–№3-4), (2018.–№9-10), (2018.–№11-12), (2019.–№1-2), (2019.–№3-4) ва ғайра интишор мешавад.

«Эътиқод»– «Вера» нашрияи созмони вилоятии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон дар вилояти Суғд буда, аз 4 июли соли 1992 зери шиори «Пролетариатҳои ҳамаи мамлакатҳо як шавед!» бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ нашр мешавад.

Нашрияи мазкур бори аввал 14.06.1992 таҳти рақами 204 ва такроран 15.03.2017 таҳти рақами 0002/РЗ-97 аз ҷониби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Сармуҳаррири онро Лумониддин Камолиддинов ба уҳда дорад. Ба ҳайати таҳририяи нашрия Қ. Мирзоева, М. Раҳимова, И. Почоев, Ҳ. Тоатов,

М. Маҳмудов ва А. Одинаев шомил мебошанд. Нашрия моҳе ду ё се маротиба дар ҳаҷми 4 саҳифа нашр мешавад.

Дар нашрия бештар масъалаҳои марбут ба ҳаёти ҳизб нашр мешаванд. Нашрияи «Эътиқод» зодаи даврони истиқлолият аст. Аз унвони он бармеояд, ки коммунистон ба ҳизби худ, ба ғояҳои абадзиндаи доҳии пролетариати ҷаҳон В.И. Ленин ҳанӯз эътиқоди қавӣ доранду роҳи пешгирифтаи худро дар пешрафти ҷомеа яке аз роҳҳои дурусту пешбаранда мешуморанд. Дар ҳама маврид сохти имрӯзаро ба зери тозиёнаи танқид қарор дода, бунёди иттиҳоди абадқудратро талқин мекунанд.

«Минбари халқ» нашрияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон буда, аз 7 сентябри соли 1996 чоп мешавад. Нашрия фарогирии масъалаҳои муҳими рӯз мебошад. Он таҳти рубрикаҳои «Хабар доред?», «Акси садо», «Мушкилоти рӯзгор», «Шамъи хотира», «Шинохти ҷаҳон» ва ғайра мавзӯъҳои муҳими рӯзро инъикос мекунад. Адади нашри он соли 2007 бештар аз 21 ҳазор нусхаро ташкил медод. Аввалин муҳаррири он Бахтиёр Муртазоев мебошад. Баъдан Мансур Суруш вазифаи муҳаррирро иҷро кардааст. Имрӯз ин вазифа бар дӯши Бахтиёр Ҳамдамов буда, теъдоди нашри он зиёда аз 64 ҳазор нусха аст.

Нашрияи «Сухани халқ» ҳамчун нашрияи вилоятии Ҳизби халқи демократии Тоҷикистон 4-уми декабри соли 1993 аз чоп баромадааст. Сармуҳаррири нахустини он Муҳаммадӣ Салимов буд, ки он замон дар шӯъбаи идеологияи ҳукумати вилояти Суғд кор мекард.

Бояд таъкид кард, ки нашрияи минтақавии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон «Сухани халқ» пеш аз таъсисӣ Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон амал мекард. Баъди таъсиси ҲХДТ нашрияи мазкур органи чопии ин ҳизб дар вилоят шуд.

Шумораҳои нахустинро, асосан кормандони ҳафтаномаи «Нилуфар» бо сарварии Додохони Эгамзод ба чоп омода менамуданд. Дар солҳои аввал нашрия дар давоми сол ҳамагӣ 2-3 шумора мунташир гардида, аз солҳои 2000-ум нашри мунтазами он ба роҳ монда шудааст. Шумораҳои махсуси он

бештар ба маъракаҳои интихоботӣ ва барномаҳои пеш аз интихоботӣ бахшида мешуданд.

Баъд аз М. Салимов вазифаи сармуҳаррирӣ то соли 2006-ум дар зимма Додохони Эгамзод будааст. Солҳои 2006-2007 Нарзулло Дадобоев, солҳои 2007-2012 Абдусабури Абдуваҳҳоб, аз моҳи июни соли 2012-ум Мирзоаъзам Мақсудов дар вазифаи сармуҳаррир фаъолият намуданд. Ҳоло бошад сармуҳаррири нашрия Қурбонов Бобоҷон мебошад.

То соли 2012-ум «Сухани халқ» моҳе ду маротиба дар ҳаҷми 16 саҳифа нашр мешуд. Баъди сармуҳаррир шудани М. Мақсудов он ба ҳафтанома табдил ёфт. Дар айни замон ҳар ҳафта дар ҳаҷми 8 саҳифа аз чоп мебарояд. Дар маҷмӯъ шумораи саҳифаҳои он кам нашудааст. Замимаи «Сухани донишҷӯ»-ро барои ҷавонон сармуҳаррир Нарзулло Дадобоев ташкил кардааст. Соли 2011 дар назди Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон «Созандагони Ватан» таъсис ёфт. Бинобар ин номи «Сухани донишҷӯ» ба «Созандагони Ватан» иваз карда шуд. Бо назардошти 8-саҳифагӣ шудани ҳафтанома саҳифаҳои он низ аз 4 ба 2-то кам карда шуд. Айни замон нашрияи «Сухани халқ» бо 8815 нусха нашр мешавад. Дар вилояти Суғд ягон нашрияи дигар чунин адади нашр надорад.

Аз таъсисёбии ҳафтаномаи «Сухани халқ» соли равон 23 (2020) сол пур мешавад. Рӯзномаи «Сухани халқ» бо гӯшаҳои «Рангорангии зиндагӣ», «Мушкилот», «Таҳлил», «Оинаи хирад», «Маънавиёт», «Ҳизб ва ҷомеа», «Изтироб», «Намуна», «Ҷашнвора», «Ҳамкорӣ», «Минбари баҳс», «Хандоханд», «Чеҳра», «Нигоҳ», «Ҳуввият», «Кишоварз», «Оинаи рӯз», «Маориф», «Илҳом аз паём», «Зан ва зиндагӣ», «Саломатӣ» ва ғайра маводи гуногуни иҷтимоиву сиёсӣ, иқтисодиву фарҳангӣ ва илмиву оммавиро нашр мекунад. Аз шумораи №13 (207), (10.07.2012) ин гӯшаҳо аз миён рафта, рӯзнома бидуни гӯша ба нашр мерасад. Ҳамчунин дизайни рӯзнома тағйир ёфтааст [9.–2012.–10 иол].

Ба андешаи мо, ин иқдом ба кам шудани хонандагонаш мусоидат намуд, зеро замимаи «Сухани донишҷӯ» ихлосмандони зиёд дошт. Дар саҳифаҳои ин рӯзнома оид ба соҳаҳои мухталифи вилояти Суғд, Тоҷикистон ва ҷаҳон ахбори гуногун мунташир мегарданд. Дар саҳифаи 11-уми рӯзнома зери гӯшаи «Навидҳо» хабарҳои таҳия намудаи донишҷӯён ба табъ расидааст. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки саҳифаҳои11,12,13 ва 14-ум «Сухани донишҷӯ» унвон дошта, дар он ҳамеша маводи донишҷӯён дар жанрҳои гуногун мунташир мегардад.

Дигар аз нашрияе, ки дар муҳити иттилоотии Тоҷикистон амал мекард, нашрияи Ҳизби демократии Тоҷикистон – «Адолат» буд. Нашрия нахустин бор 20 сентябри соли 1990 берун аз ҷумҳурӣ (дар шаҳри Вилнюси Литва) рӯи чоп омада, ҳамагӣ 48 шумора чоп шудааст. Дар нашрия зери рубрикаҳои «Нӯшбод», «Сиёсатнома», «Саҳифаи хунини таърихӣ Ватан», «Шумо медонед, ки», «Паёми рангин», «Ҳаҷв», «Акси садо» мавзӯъҳои сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва баъзан фарҳангӣ инъикос шудаанд. Имомназар Холназар сармуҳаррир, А. Очилов, Бозор Собир, В.Терлетский, Искандари Хатлонӣ, Муҳаммадалии Саидзода, Рустами Ваҳҳобиён, Раҳими Мусулмониён, Шодмони Юсуф, Абдунабии Саттор дар ҳайати таҳририяи ин ҳафтавор шомил будаанд. Аҳли қалами нашрия Зулфиқор Исмоилиён, Рофеъ Рабеъ, Сабзалӣ Мурод, Саидқосим Қиёмпур, Шафкати Раҷабиён ва дигарон аз муаллифони фаъол маҳсуб меёбанд.

Фаъолияти ин нашрия дертар барои вайрон кардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар ВАО аз тарафи Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон боздошта шуд.

Аз соли 1990 то соли 2006 ҳафтаномаи «Адолат» органи нашриётии ҲДТ буд. Аз декабри соли 2012 органи нашриётии ин ҳизб бо номи «Ошкоро» тасдиқ шудааст. Лекин муаррифии ҳизб ба воситаи рӯзномаи «Истиқлол» сурат мегирад.

Рӯзномаи «Истиқлол» аз 5 августи соли 2009 дар Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 0195 ба қайд гирифта шудааст.

Сармуҳаррири он Шаҳбози Аброр таъин шуда, то соли 2015 фаъолият намудааст. Рӯзнома таҳти шиори «Пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек» дарҷ гардида, чун рӯзномаи ҷамъиятию сиёсӣ муаррифӣ гардидааст. Теъдоди нашри он қайд нашудааст. Баъдтар ҳаҷми рӯзнома аз 4 ба 8 саҳифа расида, Аҳмадшоҳ Комилзода сармуҳаррир таъин шудааст.

Дар шумораҳои он барномаи ҳизби демократи Тоҷикистон, мусоҳиба бо раиси ҳизби мазкур, таърихи ҳизб нашр гардидааст. Дар шумораи № 2 (92) аз 30.12.2013 нашри махсуси рӯзнома номзади ҳизби демократи Тоҷикистон Саидҷаъфар Усмоноврo ба мансаби Президенти кишвар муаррифӣ менамояд. Дар саҳифаи аввали рӯзнома шарҳи ҳол ва сурати Саидҷаъфар Усмонов ва баргузор гардидани Анҷумани XII ғайрнавбатии ҳизб маълумот дода мешавад. Қайд мегардад, ки Саидҷаъфар Усмонов аз соли 2006-2012 соҳибкор буд ва аз декабри соли 2012 раиси ҳизби демократи Тоҷикистон интихоб гардидааст. Ӯ номзади илмҳои иқтисодист, оиладор, соҳиби 7 фарзанд мебошад.

Дар шумораи 1 (94) аз 6.02.2005, ки нашри махсус ба интихоботи парлумонӣ аст, аз таърихи ҳизби демократӣ, номзадҳои он ба интихоботи парлумонӣ маълумот дода шудааст [1, 2005.–6 июн]. Дар ин шумора ҳамчунин қайд гардидааст, ки аз соли 1990 то соли 2006 ҳафтаномаи «Адолат» органи нашриётии ҲДТ буд. Аз декабри соли 2012 органи нашриётии ҲДТ бо номи «Ошкоро» тасдиқ шудааст, лекин муаррифии ҳизб ба воситаи рӯзномаи «Истиқлол» сурат мегирад. Ҳамчунин зикр гардида, ки ба Саидҷаъфар Усмонов имконият шуд, ки аз се гурӯҳи мухталифи дохилиҳизбӣ як ҳизби эътирофшуда таъсис диҳад ва роҳбари он интихоб гардад. Дар интихоботи парлумонии соли 2015-2020 4 номзади ин ҳизб аз ҳавзаи умумиҷумҳуриявӣ ва 3 номзад аз ҳавзаи якмандатӣ пешниҳод гашта буданд, ки дар натиҷаи интихобот аз ҳавзаи якмандатии Фархор-34 Саидҷаъфар Исмонов вакил интихоб гардид. Маълум мешавад, ки рӯзномаи «Истиқлол» нашри пайваста надошта, танҳо дар арафаи маъракҳои сиёсӣ дар шакли нашри махсус ба мақсадии муаррифии номзадҳо чоп мешавад.

Шумораи дигари он 1(96) 15.12.2019 ба Анҷумани XV ғайринавбатии ҳизби демократи Тоҷикистон бахшида шуда, доир ба рўзномаи анҷуман, таърихи мухтасари ҳизб, барномаи пешазинтихобот ҳизб барои маъракаи интихоботи парлумонӣ маълумот медиҳад. Ҳамчунин дар ин шумора мусоҳиба раиси ҳизб нашр гардидааст, ки доир ба фаъолияти ҳизб ва нақшаҳои он маълумот медиҳад.

Теъдоди нашри он қайд нашудааст. Баъдтар ҳаҷми рўзнома аз 4 ба 8 саҳифа расида, Аҳмадшоҳ Комилзода сармуҳаррир таъин шудааст. Шумораи охирини ин рўзнома ҳамчунин нашри махсус 1 (97) аз 22.08.2020 ба табъ расида ба пешбарии номзад ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст [2, 2019.–15 декабр].

Нашрияи «Меҳргон» органи нашриётии Ҳизби аграрии Тоҷикистон мебошад. «Меҳргон» соле як ё ду маротиба ба андозаи А3 дар ҳаҷми 8-16 саҳифа ба забони русӣ ва тоҷикӣ нашр мешавад. Дар он доир ба ҳодисаву воқеот ва масъалаҳои мубрами сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ мавод интишор мешавад. Он таҳти рақами 0024РЗ дар Вазорати Фарҳанги ҶТ аз 08.10.2007 ба қайд гирифта шуда, теъдоди нашраш аз 2000 то 4000 нусха аст. Сармуҳаррири рўзнома Зиё Раҳмон ва шиори он дар аввал «Зиндагии арзанда ба ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон» буд, ки аз барномаи пешазинтихоботии номзад ба мансаби Президентии Тоҷикистон БухориевТолибек Аҳмадович бармеомад. Дар шумораи №83 аз 30.10.2013 барномаи пешазинтихоботии номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ду забон: тоҷикӣ ва русӣ нашр гардидааст. Дар баробари он «Аз сафари кории Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Восеъ», «Ифтитоҳи маркази тиҷорат ва хизматрасонии Султони Кабир дар ноҳияи Восеъ», «Нигаронии Убайдуллоев аз марказҳои дилхушӣ», «Суханони кўтоҳ, вале пурмуҳтаво», «Фидоии касби хеш», «Эҳдо ба ҳизби аграрии Тоҷикистон» чоп шудааст [7, 2015.–23 феврал]. Шумораи навбатии рўзномаи «Меҳргон» баъди як сол №84, декабри соли 2014 бахшида ба анҷумани VI ҳизби агарарӣ нашр гардидааст. Дар ин шумора маърўзаи иҷрокунандаи вазифаи раиси ҳизб Рустам Латифзода, хабарҳо аз

чорабиниҳои КМИР, аз «натиҷаи фаъолияти комиссияи экологии парламент дар солҳои 2013-2014», минбари олим «Моро чӣ интизор аст», «Такя ба деҳотиён», «Дилномаи шоир» ба анҷумани аграриён нашр шудааст.

Дар шумораҳои минбаъда №88 аз 23.02.2015 номзадҳои ҳизби аграрии Тоҷикистон дар ҳавзаҳои якмандатӣ Зайнуддин Сафаров, Аҳмадҷон Қобилов, Ҷонона Холбобоева, Рустам Латифзода, Файзуллоев Абдукарим муаррифӣ гардидаанд [7, 2015.–23 феврал]. Ҷолиби диққат аст, ки дар ин рӯзнома рубрикаҳои гуногун ба монанди «Ахлоқ ва сиёсат», «Тозаахбор», «Замин-модари инсон», саҳифаҳои фарҳангӣ, нашри сканворд ба роҳ монда мешавад, ки мундариҷаи онро нисбатан рангорангу хонданӣ гардонидааст. Барои мисол, шумораи №90 аз 19 марти соли 2015 ба чорабиниҳои наврӯзӣ бахшида шуда, ҷуғрофияи рӯзнома васеъ гардидааст. Ҳамчунин доираи муаллифон аз ҳисоби олимон, ҷомеашиносон ва рӯзноманигорон рангоранг шудааст. Аз ҷумла, академик Кароматулло Олимов дар бораи «Наврӯз чӣ тавр ҷаҳонӣ шуд?» андешаҳои худро баён намудааст. Рӯзномаи «Меҳргон» одатан дар се моҳ як маротиба дар 8 саҳифа чоп мешавад. Шумораи №108-109 якҷо, дар ҳаҷми 16 саҳифа нашр гардида, маърӯзаи раиси ҲАТ Рустам Латифзода, хабарҳо аз конференсияҳои ҳизбӣ, барномаи пешазинтихоботии ҲАТ ба интихоботи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ-ро дар бар мегирад.

Дар соли 2020 ин нашрия ҳамагӣ ду шумора дарҷ гардидааст, ки барномаҳои пешазинтихоботии ҳизб, фаъолияти фраксияи ҳизби аграрӣ дар Парламенти кишвар, омилҳои инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва амсоли инро фарогир аст. Ҳамчунин дар ин шумора хонанда дар бораи академик Комилзода Давлатҷон, вижагиҳои кишти ҷуворимакка иттилоот гирифта метавонад. Аз соли 2019 рӯзнома бидуни зикри номи сармуҳаррир чоп шуда, М. Ахмедов, Умеда Шодмонова, Ф. Икромов масъули чопро ба дӯш доштааст.

Рӯзнома ҳамчунин маводи нашрияҳои дигарро бознашр мекунад. Аз ҷумла, дар шумораи 112 аз сентябри соли 2020 аз рӯзномаи «Ҷумҳурият» ва

китоби «Аз ману сомони ман» матолиб бозчоп шудааст. Дар боробари ин мусоҳибаи Муллораҷаб Юсуфзод бо раиси ҲАТ Рустам Латифзода таҳти унвони «Як хонаи панҷҳуҷраӣ дорам, замину бӯстонсаро надорам», ки дар радиои Озодӣ пахш гардидааст, бознашр шудааст. Боқимонда маводи рӯзнома ба соҳаи кишоварзӣ алоқаманд буда, хусусияти илмию оммавиро касб намудаанд [7, 2020. – сентябр].

Рӯзномаи ҳизби ислоҳоти иқтисодӣ «Иқтисод ва ҳаёт» унвон дошта, бо сабабҳои иқтисодӣ нашр намешавад. Муҳтавои шумораҳои интишоршудаи ин нашрияро бештар масъалаҳои иқтисодӣ ташкил медиҳанд.

Нашрияи «Иттиҳод» (Единство) нашрия Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон буда, дар марҳалаҳои гуногун барои нашраш сармуҳаррир Абдуҳаким Ғаффоров, котиби масъул Муртазо Аҳмадов, ҳайати таҳририя Гулназар Келдӣ, Урватулло Тоҳирӣ, Маъруфҷон Юсупов саҳмгузор будаанд.

Нашрия таҳти рақами №369, соли 1997 дар Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст.

Нашрия ба хотири таъмини гуногунандешӣ мақолаҳоеро низ ба дасти чоп медиҳад, ки бо муаллифон ҳамақида нест ва масъулияти онро ба дӯш намегирад. Он дар чопхонаи «Мега-Принт» бо теъдоди 2000 нусха ба табъ мерасидааст. Дар шумораи №61 (майи 2019) мақолаи раиси Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон таҳти унвони «Ҳадаф –таъмини адолати иҷтимоӣ» чоп шудааст [3, 2019.–май]. Ӯ аз ҷумла навиштааст: «Ҳизби моро, ки ҷавҳарашро адолати иҷтимоӣ ташкил медиҳад, маромаш бо нахустмоддаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки давлати моро давлати иҷтимоӣ эълон доштааст, як мебошад. Аз ин рӯ, мо ҳамеша дар талоши он ҳастем, ки адолати иҷтимоӣ дар Тоҷикистон таъмин мебошад. Ҳар як сокини кишвар, новобаста аз табақаи иҷтимоиаш, бояд аз ҳуқуқҳои худ бархӯрдор бошад, ки инро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад».

Дар идомаи мақолаи ӯ мазмунан чунин нуктаҳо таъкид шудаст. Ҷараёни аъзошавӣ ба ҲСТ сол ба сол афзоиш дорад. Айни ҳол теъдоди аъзои ҳизб 21557 нафарро ташкил дода, зиёда аз 4500 нафари онро дар хориҷӣ кишвар,

аз ҷумла, дар шаҳру кишварҳои Федератсияи Россия (Москва, Санкт-Петербург, Челябинск, Новосибирск, Тула, Тотористон, Иркутс) кору фаъолият карда истодаанд. Аъзои раёсати ҳизб дар сафарҳои худ ба Федератсияи Россия бо аъзои ҳизб вохӯриҳо доир намуда, онро бо вазъи сиёсӣ ва навгониҳои кишвар шинос менамоянд ва дар баробари ин, барои фаъолияти ҳизбиашон ёрии амалӣ мерасонанд.

ҲСТ дар давраи мавҷудияти худ дар интихоботҳои парламентӣ ва президентии кишвар ширкат варзида, таҷрибаи бою амиқ пайдо намуда истодааст.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳифзи ҳувияти миллӣ ва арзишҳои фарҳангиву маънавӣ мақоми авлавиятро касб мекунанд. Нашрия дар мавридҳои гуногун зери гӯшаҳои «Раҳнамо», «Обу ободонӣ» «Ёдбуд», «Раҳнамо» ба ин масъалаҳо ва ҳамчунин ба фаъолияти намояндагони сохторҳои гуногуни ҷомеа, бахусус Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таваҷҷуҳ намудааст. Масалан, дар саҳифаи «Раҳнамо» (шумораи №61, майи 2019) таҳти сарлавҳаи «Сафири Хуршед» маводе нашр гардидааст, ки доир ба бесарусомониҳои солҳои 90-уми асри ХХ, дар ҳар шаҳру ноҳия ва минтақаҳои Тоҷикистон худро шоҳ ҳисобиданди роҳбарон, ба касе итоат накардани гурӯҳҳои яроқнок нақл ибрози назар намуда, афзудааст: «Истиқлолиятро бо лутфи таърих ба даст овардаему аз шаҳди меваaш начашида, кишварро фарзандони бегонапарасту печида ба доми фиреби душманони берунаамон ба коми ҷанги шаҳрвандӣ кашидаанд. Зеро замона дигар гашта буду роҳбарони кишвар бо он шеваи пешин ва қолаби дигар кишварро идора карда наметавонистанд ва мардум акнун мисли пештара зиндагӣ кардан намехостанд.

Дар ҳамин айёми мушкил қуввае лозим буд, ки нерӯҳои мухолифро дар як ҷо ҷамъ овараду бо ҳам муттаҳид кунад ва кишварро, ки рӯ ба пошхӯрӣ оварда буд, аз вартаи муҳлик наҷот диҳад. Дар назди Президенти ҷавони ҷумҳурӣ масъалаҳои ҳолталаби басо муҳиму заруре меистоданд, ки

таърихнопазир буданд. Барои рафъи мушкилот аз ҳама имкониятҳои мавҷуда пурсамар истифода бурдан лозим буд.

Аввалин суханронии ин сарвари тозаинтихоби кишвар вакилонро ба якдилию якдигарфаҳмӣ ва ҳамкории беғаразона ҳидоят намудан буд. Ӯ сари зону зада ливои кишварро бӯсид ва иброз дошт, ки то як гурезаи тоҷик берун аз марзи кишвар аст, ӯ ором буда наметавонад ва ҳама кӯшишу ғайраташро ба он равона мекунад, ки ҳар яки онҳоро ба Ватан орад ва тадриҷан оромиву осудагии кишварро таъмин намояд. Кишвар бо сарварии Президенти ҷавон Эмомалӣ Раҳмон баъди талошҳо ва гуфтугузорҳои тӯлонӣ рӯ ба оромӣ овард».

Муаллиф ба корнамоиву қаҳрамонӣ, ҷасуриву матинироdagии сарвари давлат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қоил аст.

Дар гӯшаи «Ободу ободонӣ»-и ин нашрия, муҳити экологии кишвар, табиати зебои он, ҷараёни корҳои ободониву бунёдгарӣ дар қолаби жанрҳои гуногуни публитсистӣ, бахусус мақолаву очерк инъикос гардидаанд. Масалан, мақолаи Миҷгона Рустамова ва Гуландом Олимова, узви раёсати КИҲСТ «Ба қадри обҳои ҷорӣ мебояд расид имрӯз» перомуни нарасидани оби ошомиданӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, ба масъалаи глобалӣ табдил ёфтани он, сабабҳои тағйир ёфтани иқлим, обшавии пиряхҳо, афзоиши аҳолӣ дар сайёра баҳс мекунад. Муаллифон аз ҷумла навиштааст: «Тоҷикистон дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз кишварҳое ба шумор меравад, ки дорои манбаи оби фаровон мебошанд. Дар як сол дар қаламрави ҷумҳурӣ 64 миллиард метри мукааб об ташкил меёбад. Ин беш аз 60 фоизи оби дарёҳои ҳавзаи Аралро ташкил медиҳад. Мардуми тоҷик аз чунин захираи об танҳо 10 фоизашро истифода мебараду халос. Баъзе аз мардуми шаҳру ноҳияҳои дурдасти кишвар ҳоло ҳам аз набудани оби нӯшокӣ азият мекашанд. Ба ғайр аз ин, дар Тоҷикистон ҳар сол сар задани офатҳои табиӣ, нокифоя будани маблағҳо дар соҳаи истифодаи об ба пешрафти соҳаҳои умдатарини кишвар таъсири манфӣ мерасонад».

Мавриди зикр аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳалли чунин мушкилот ва ноил шудан ба ҳадафи рушди ҳазорсола «Барномаи беҳтар намудани таъминоти аҳолии мамлакат бо оби тоза дар давраи солҳои 2008-2020-ро қабул кардааст.

Аз маводи ин нашрия маълум мешавад, ки тӯли панҷ соли охир дар натиҷаи чорабиниҳои муҳим зиёда аз як миллион нафар бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин гардида, барои 600 ҳазор нафар имкони истифода аз оби нӯшиданиро ба вуҷуд оварданд.

Фоҷиаи Арал барои мардуми Осиёи Марказӣ ҳодисаи басо талх мебошад. Азхудкунии заминҳои нави обёришаванда, ки дар соли 1960 масоҳати 4 миллионро ташкил мекарду имрӯз ба 9 миллион гектар расидааст, яке аз омилҳои асосӣ ба шумор меравад. Ба ғайр аз ин, дар қаламрави кишварҳои поёноб зиёда аз 100 обанбор сохта шудааст, ки ҳаҷми умумии онҳо беш аз 1,5 баробари Арал муайян шудааст. Дигар ин ки, агар соли 1956 аҳолии Осиёи Марказӣ 20 миллионро ташкил медод, имрӯз он ба 63 миллион нафар расидааст. Ин омилҳо боиси он гардиданд, ки вуруди об ба баҳри Арал коҳиш ёфт ва ҳаҷми он даҳ маротиба кам гардид. Танзими истифодаи захираҳои об дар чунин шароит хеле душвор мебошад, зеро тақсимоти он дар минтақаҳои Оссиёи Марказӣ нобаробар аст. Кишварҳои болооб зиёда аз 80 фоизи оби дарёҳои ба Арал ҷоришавандаро таъмин менамоянд, ҳоло он ки кишварҳои поёноб 85 фоизи обро истифода мебаранд. Барои ҳалли ин масъалаи басо муҳиму тақдирсоз ҳамкорӣ ва созишномаи дарозмуддати ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ зарур аст. Аз рӯйи ҳисоботи коршиносон, аз сабаби нодуруст истифода бурдани обёрии зироати кишоварзӣ аз 30 то 60 фоизи об бебазгашт талаф мешаванд. Тоҷикитстон барои ҷилавгирӣ беш аз 30 фоизи кишти пахтаро кам намуда, ба ҷои он зироати ба шароити камобӣ тобоварро парвариш намуда истодааст, ки ба сарфаи об мусоидат мекунад.

Ҷиҳати таъмини мардум бо оби софи нӯшокӣ дар вилояти Хатлон корҳои зиёде ба анҷом расидааст. Аз ҷумла, барои таъмин бо оби софу тоза аз таҷҳизоти замонавӣ, ки дар шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия

омода гардидааст, истифода бурда мешавад. Ин дастгоҳи филтеркунонии об Гейзер ном дошта, дар лӯлаҳои обгузари манзили зист, кӯчаву хиёбонҳо ва ҳатто коргоҳҳову маконҳои бузурги истеҳсолӣ насб карда мешавад ва барои истифодабарандагони об хеле созгору муфид мебошад.

Дар доираи пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди ҳалли масъалаи об дар кишвари маҳбубамон корҳои шоистаи таҳсин анҷом дода мешаванд. Дар робита бо ин моро зарур аст, ки захираҳои оби кишварамонро ҳифз намоем, сарфакор бошем ва ба ин васила ба шукуфоии диёри азизамон бештар ҳиссагузор бошем» [3, 2019.– май].

Муаллифони камбудиҳои соҳа ва муаммоҳои дар ин соҳа ҷойдоштаро баррасӣ намуда, барои рафъи онҳо пешниҳодоти худро иброз намудаанд.

Дар саҳифаи «Ёдбуд» перомуни шоирону нависандагон, олимону муҳаққиқон ва бузургони илму адаб очерку ҳикояҳо интишор мешавад. Масалан, дар саҳифаи 12-уми шумораи мазкур маводи очеркгунаи устоди ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Равшани Ҳамроҳ бо номи «Сабақҳои нотакрори устод Лоиқ» чоп шудааст, ки оид ба ҳаёту фаъолият ва лаҳзаҳои хотирмони зиндагии шоири варзида Лоиқ Шералӣ иттилоот медиҳад. Ҷолибияти ин мақола дар он аст, ки муаллиф бо қаҳрамони нигоштааш ҳамнишину ҳамсуҳбат будааст. Ӯ менигорад: «Нахустин мулоқоти мо бо эшон дар бинои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон сурат гирифт. Ман донишҷӯи курси сеюми ҳозира ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров будам. Ҳамроҳи ҳамсабақонам ба озмуни забон ва адабиёти донишҷӯён омада будем. Пас аз анҷоми озмун ният кардем, ки ба дидори устод мушарраф шавем. Эшон моро дар ҳуҷраи кории худ, ки сармуҳаррири маҷаллаи «Садои Шарқ» буданд хоксорона пазироӣ карданд. Мо чанде аз шеърҳои худ эҷодкардаамонро ба устод қироат кардем он кас моро бо диққат гӯш карданд ва баъди қироат қоҳ-қоҳ зада хандиданд. Ҳанӯз он чеҳраи устод аз назарам намеравад. Бо ҳаяҷон ба устод нигаристам. Он кас бо меҳр ба мо гуфтанд:

– Писарҷон, одам ин хел суханҳои ҳавоӣ наменависад. Шумо бояд чизе бигӯед, ки ба ҳақиқат рост ояд, ақл онро қабул кунад. Баъзан дурӯғ намаки шеър аст, аммо бояд андозаи муайян дошта бошад».

Муаллиф ин суханони устодро шиори зиндагии худ қарор додааст. «Ин суханон маро дар ҳаёт муваффақ гардониданд».

Аз ҳизбҳои сиёсие, ки мавриди омӯзиш қарор додем, Ҳизби халқи демократии Тоҷикистон сомонаи интернетӣ дорад, ки нишонаш www.hamsafon.tj аст. Сомонаи мазкур аз саҳифаҳои фаъолияти ҳизб, сабзқалам, ҷахони андеша, сохтор, созандагони ватан ва робита дорад, ки ҳамарӯза дар онҳо маводи тоза гузошта мешавад. Сафи хонандагони ин саҳифаҳо дар як руз аз 64 то 200 нафар мерасад.

Дар ин сомона ҳамчунин нашрияи «Минбари халқ» низ ҷой дода мешавад, ки барои дастрасии хонандагон дар ҳама гӯшаю канори дунё имконият медиҳад.

Ҳизбҳои сиёсии дигари Тоҷикистон сомонаи махсуси интернетӣ надоранд, онҳо асосан аз шабакаҳои иҷтимоӣ истифода мекунанд. Дар баробари ин дар арафаи маъракаҳои интихоботӣ аксари азҳоби сиёсӣ аз майдони расонаҳои мустақили Тоҷикистон ва расонаҳои хориҷии муқими кишварамон истифода мекунанд. Хусусан, радиои Озодӣ дар ин самт пешсаф аст. Масалан, соли 2012, соати 22.10 ин радио мусоҳиба бо намояндагони ду ҳизби рақиб: Сӯҳроб Шарипов, намояндаи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон ва Раҳматулло Зойиров – раиси ҳизби сотсиал-демократи Тоҷикистон бо номи «Нигоҳ аз ду зовия» мусоҳибае таҳия намудааст, ки дар он андешаҳои мусоҳибон дар бораи қонун дар бораи интихобот баён гардидааст. Воқеан дар арафаҳои чорабиниҳои сиёсӣ шабакаҳои иҷтимоӣ ба таблиғу ташвиқи азҳоби сиёсӣ зиёдтар таваҷҷуҳ мекунанд.

Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, бахусус сохторҳои шаҳриву ноҳиявии он дар Фейсбук саҳифаҳои худро низ доранд, ки дар он аз фаъолияти рӯзмарраи худ хабару гузоришҳо ба табъ мерасонанд. Дар

баробари кумитаҳои маҳаллии иҷроияи ҳизбӣ дар 11 шаҳру ноҳия газетаҳои худро бо ҳамкории аъзоёни фаъоли ҳизб нашр мекунанд.

Ин баррасиҳо далолат бар он мекунанд, ки Тоҷикистон дар марҳалаи аввали ташаккули ҷомеаи демократӣ қарор дорад. Барои ин дар мо таҷрибаи сиёсии кофӣ, фазои ором, шароити мубориза мавҷуд аст. Ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд бо риояи назокатҳои сиёсӣ ва ахлоқӣ фаъолияти худро пеш баранд. Танҳо азҳоби сиёсиро зарур аст, ки психологияи миллӣ, анъанаву суннатҳои мардум, одобу ахлоқи таърихан ташаккулёфтаи халқамонро ба назар гиранд. Ин омилҳо барои мустаҳкам шудани асосҳои давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон хеле арзишмандaнд.

Дар шароити кунунии Тоҷикистон мақсади асосии ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеа муаррифии худ ҳамчун як нерӯи созанда аст, ки дар доираи қонунгузорӣ ҷараён мегирад. Воқеияти сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа тақозо мекунад, ки ҳизбҳои сиёсӣ пешбарандаи ҷомеа бошанд, дар мустаҳкам намудани сохтори сиёсӣ, ташаккул ва инкишофи парламентаризм фаъолона ширкат варзанд. Барои иҷрои мақсадҳои худ бо сохторҳои мақомоти давлатӣ ҳамкориро вусъат бахшанд. Роҳбарони ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ бояд амиқ дарк намоянд, ки онҳо барои фардои давлату давлатдории тоҷикон, сулҳу субот, ваҳдату ягонагӣ ва барои ояндаи дурахшони Тоҷикистон ва нуфузи он дар ҷомеаи ҷаҳонӣ фаъолият менамоянд.

Аз таҳлилу баррасии ин боб метавон чунин натиҷа гирифт:

– матбуоти ҳизбии Тоҷикистон дар замони шӯравӣ шакл гирифта, пас аз Истиқлолияти давлатӣ густариш пайдо кардааст. Маҳз истиқлолияти давлатӣ сабаб гардидааст, ки низоми якҳизбӣ аз байн рафта, дар Тоҷикистон азҳоби сиёсӣ ташкил шаванд ва фаъолияти худро ба роҳ монанд;

– фаъолияти мунтазами ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон нишонгари он аст, ки дар ҷумҳурӣ ҷомеаи шаҳрвандӣ ва сохти демократии давлатдорӣ комилан ҷараён дорад;

– дар оғози истиқлолияти миллӣ бо ташкили ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ нашрияҳои зиёде таъсиси ёфтанд, ки боиси рушди матбуоти ҳизбӣ замина фароҳам омад;

– матбуоти ҳизбии тоҷик маҳз дар замони истиқлолияти миллӣ шакл гирифта, рӯ ба рушд ниҳодааст;

– фаъолияти матбуоти ҳизбҳои сиёсӣ журналистикаи амалии тоҷикро рангоранг ва пурмазмун намуда, барои плюарализми сиёсӣ замина фароҳаи меорад. Таваҷҷуҳ дигар нашрияҳои даврӣ ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ низ аз сарчашмаи рушди журналистикаи сиёсӣ буда метавонад.

Таъсиси нашрияҳои ҳизбӣ аз муҳимтарин рӯйдодҳое ҳаст, ки барои пешрафти сиёсат ва соҳаҳои дигари ҳаёти ҷомеа муассир мебошад, зеро он аз як тараф, ҷомеаи демократиро муаррифӣ менамоянд, аз ҷониби дигар, дар таъмини озодии сухан замина мегузорад. Бешубҳа нақши ҳизбҳои сиёсӣ ва матбуоти даврии онҳо дар дигаргунии ҷомеа ва пешбурди он муҳим ва бориз аст.

# БОБИ II.
# ТАРҒИБ ВА ТАШВИҚИ ҒОЯҲОИ ҲИЗБӢ ДАР МАТБУОТИ АҲЗОБИ СИЁСӢ

## II.1. **Нақши рӯзномаҳои ҲХДТ дар инъикоси ғояҳои иҷтимоии замони муосир**

Яке аз нишонаҳои муҳими ҷамъияти воқеан демократӣ озодии сухан, мавҷудияти матбуоти оппозитстонӣ, бемамониат фаъолият намудани ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ мебошад. Ҳамаи ин дар Тоҷикистони соҳибистиқлол вуҷуд дорад ва касе онро инкор карда наметавонад. Дар ин фасл рӯзномаҳои сертиражтарин, ки нашрияҳои Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон мебошанд, таҳлил мешаванд. Далели таваҷҷуҳ ба рӯзномаҳои ин ҳизб аз чанд лиҳоз асоснок аст: а) онҳо аз соли 1994 инҷониб мунтазам ҳафтае як маротиба нашр мешаванд; б) аз сернуфузтарин рӯзномаҳо ба ҳисоб мераванд, теъдоди нашрашон аз 8620 ба 64000 нусха расидааст; в) мазмуну муҳтавои онҳо ба инкишофи жанрҳои публитсистика мусоидат менамояд; г) истифодаи усулҳои муосири замонавӣ дар ин рӯзномаҳо хуб ба роҳ монда шудааст; д) рӯзномаҳо барои вусъати ҷаҳонбинии сиёсии мардум мусоидат мекунанд.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки «Таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсие, ки мақсад ё амалашон ба зӯран сарнагун кардани сохти конститутсионӣ ва ташкил намудани гурӯҳҳои мусаллаҳ равона гардидааст ва ё низои нажодӣ, миллӣ, маҳаллӣ, иҷтимоӣ ва диниро тарғибу ташвиқ менамоянд, манъ карда мешавад».

Чуноне ки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудааст: «дар шароити бисёрҳизбӣ ҳар як ҳизб ва созмони сиёсӣ бояд мавқеи худро муайян созад. Албатта, ҳар як ҳизб ҳадафу манфиатҳои худро дорад ва ин табиист.

Маҳз барои ҳамин яке аз принсипҳои асосии фаъолияти Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон эҳтироми ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳамаи ҳизбҳо ва

созмонҳои сиёсие мебошад, ки дар доираи Конститутсия амал мекунад. Умуман, дар шароити кунунӣ ягон ҳизб ва созмони сиёсӣ танҳо ба сари худ дар бунбаст вуҷуд дошта наметавонад. Ҳизбҳои сиёсӣ барои ташаккул ва ифодаи иродаи халқ фаъолият намуда, ҳар яке аз онҳо барои ба даст овардани боварии мардум ба майдони сиёсат ворид мешаванд. Ин раванд бояд як падидаи оддӣ ё маъмулӣ бошад, вале ҳатман дар доираи қонунҳои амалкунанда сурат гирад.

Асос ва ҷавҳари ин меъёри сиёсиро ҳифзи манфиатҳои олии миллӣ ва давлатӣ аз ҷониби ҳар як ҳизби сиёсӣ ва ҳар узви он ташкил медиҳад, зеро Ватан, Миллат, Истиқлолият, Ваҳдати миллӣ ва оромиву осудагии ҷомеа муқаддастарин арзишҳое мебошанд, ки ягон ҳизб, гурӯҳ ё шахсе ҳаққи халалдор кардани онҳоро надорад» [140, с.154].

Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон ҳамеша бо дарназардошти ин арзишҳо фаъолият мекунад ва кӯшиш менамояд, ки татбиқи онҳоро таъмин намояд.

Дар ҷомеаи мо маданияти сиёсӣ ва худшиносии миллӣ ҳанӯз ба қадри кофӣ инкишоф наёфтааст. Ҳамин аст, ки аъзову тарафдорони баъзе ҳизбҳои сиёсӣ, асосан намояндагони як маҳаланд. Аз ин рӯ, дар ҷомеаи мо, мутаассифона, мансубият ба ҳизб аз ҷониби аъзои ҳизбҳои дигар ҳамчун мухолифати оштинопазир арзёбӣ мегардад.

Вобаста ба ин, Пешвои миллат оид ба муносибати байни ҳизбҳои сиёсӣ қайд кардаанд: «Дар чунин вазъият муносибати байни ҳизбҳои сиёсӣ бояд комилан тағйир ёбад ва дар заминаи баробарӣ ва эҳтироми тарафайн қарор дошта бошад. Ин яке аз шартҳои асосии инкишофи ҷомеаи демократӣ мебошад. Дар акси ҳол, дар раванди сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва, умуман ҷомеаи Тоҷикистон номуназзамӣ ба амал меояд.

Албатта, муносибати роҳбарияти кишвар дар мавриди ҳизбҳои сиёсӣ, пеш аз ҳама, аз мавқеи онҳо нисбат ба Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда вобаста аст. Дар айни замон дар Конститутсияи ҷумҳурии мо омадааст: «ҳеҷ як шаҳрванд барои ақидаҳои сиёсӣ ва динӣ таъқиб

намешавад. Агар мо ба ҳамдигарфаҳмӣ ҳамкории самараноки байни ҳизбҳо ва созмонҳо муваффақ шавем, дар як муддати кӯтоҳ ба рушди муътадили ҷомеа ноил мегардем» [140, с.157].

Бояд қайд кард, ки инъикоси воқеаву рӯйдодҳои мамлакат, минтақа ва олам фаъолияти рӯзмарраи расонаҳои хабарӣ маҳсуб меёбад, вале матбуоти ҳизбӣ дар маъракаҳои сиёсӣ ва интихоботӣ чун обу ҳаво зарур аст.

Дар низоми матбуоти Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон нашрияи «Минбари халқ» ҳамчун нашрияи марказӣ манфиатҳои ғоявии ҳизбро ҳимоя карда, бо забони фаҳмову равон ва андешаҳои солим матолиб интишор менамояд.

Самти асосии фаъолияти нашрияи «Минбари халқ» инъикоси сиёсати Ҳукумат ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тарғиби Барномаи ҳизб, дастовардҳои Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, арзёбии нақши Фраксияи ҲХДТ дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амсоли ин мебошад.

Маводи матбуоти даврӣ, расонаҳои хабарӣ ва сомонаҳои интернетӣ вобаста ба сиёсати давлат ва фаъолияти ҳизб, инчунин дигар ахбори ҷаҳонӣ мунтазам таҳлил карда мешаванд. Бо мақсади тарғибу ташвиқи ҳадафҳои барномавии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон ва сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин аз сомонаҳои интернетӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад.

Нашрияи «Минбари халқ» инъикосгари фаъолияти тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, масоили марбут ба ҳаёти ҷавонону занон буда, дар мавриди рушди маънавию ахлоқӣ, таҳсил ва фаъолияти онҳо, муҳоҷирати меҳнатӣ, тарбияи ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси худшиносиву ватандӯстӣ, ахлоқи ҳамида, эҳтироми падару модар ва калонсолон, сабру таҳаммул, омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунарҳои муосир, меҳнатдӯстӣ ва риояи волоияти қонун дар зеҳну шуури насли наврас ва ҷавонони кишвар саҳми арзанда дорад.

Ҳадафу ормонҳои Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон бо сиёсати умумии давлат оид ба ҳифзи истиқлолият ва таъмини рушди бонизоми иқтисодиву иҷтимоии кишвар бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ, имконияту захираҳои воқеӣ, таҷрибаи давлатдории миллӣ ва тибқи меъёрҳои пазируфташудаи байналмилалӣ муҳимтарин самти кори нашрияи «Минбари халқ», ҷавҳари аслии муҳтавои маводи он мебошад.

«Минбари халқ» яке аз нашрияҳое аст, ки пеш аз ҳама, ташвиқи сиёсати ҳизбро дар мадди аввал мегузоранд, муҳимтарин матолиби он вобаста ба фаъолияти муассис буда, яке аз рӯзномаҳои ҳизбии серхонандатарини Тоҷикистони муосир ба ҳисоб меравад.

Маводи ин нашрия зери рубрикаҳои «Ҳафтаи Президент», «Мулоҳиза», «Нақшдодҳои олам» «Иҷтимоиёт», «Маънавиёт», «Ислоҳот», «Нишасти матбуотӣ», «Тандурустӣ», «Ҳаёти ҳизб», «Ҳамкорӣ», «Ватандорӣ», «Ҷавонон ва ҷомеа», «Дарси хештаншиносӣ» «Иқтисодиёт», «Танзим», «Мусоҳиба» «Фарҳанг», «Варзиш» ва монанди ин интишор мегардад. Аз ҷумла, дар шумораи якуми он бо номи «Мароми мо ҳамдилист», «Тоҷикистон хонадони ягона», «9-уми сентябр ҷашни истиқлоли Тоҷикистон – ид муборак дӯстон», «Эҳсони фарзанди миллат», «Тоҷикон дар ҷаҳон», «Сарат аз санг бодо Тоҷикистон» матолиби ҷолиб ба табъ расидааст.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти нашрияи «Минбари халқ» инъикоси масоили сиёсии кишвар маҳсуб меёбад. Нашрия дар инъикоси ин масъала мавқеи назаррас дошта, хонандагонашро бо иттилооти гуногуни сиёсӣ таъмин менамояд. «Минбари халқ» чун нашрияи ҲХДТ бешубҳа аз сиёсати кунунии Президент ва Ҳукумат пуштибонӣ мекунад. Дар он бештар сафарҳои дохилии Роҳбари давлат, мулоқот бо аҳолӣ, ҷамъомадҳо, маҷлисҳо ва ҷашнҳо, қонуну қарорҳои нави ҳукумат, сиёсати созандагию бунёдкорӣ, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ, раҳоӣ аз бумбасти комуникатсионӣ, тавзеҳи ҳадафҳои стратегӣ, истиқлолият, арзишҳои миллӣ, ойини ватандӯстӣ, ҳамзистии мусолиматомез, роҳҳои ҳифз ва тақвияти ваҳдати миллӣ, фаъолияти парламент, вазъи экологӣ, паёмадҳои тағйирёбии

иқлим, нақши ҷавонон ва мақоми занон дар ҷомеа, вазъи соҳаи кишоварзӣ, пешрафтҳо ва мушиклоти иқтисодиёт, саноат, технология, ислоҳоти соҳаи маориф, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, самтҳои муҳоҷират, ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирон, вазъи иҷтимоии аҳолӣ ва амсоли инъикос мегардад.

Матолиби нашрияи мазкур дар мавзӯъҳои вобаста ба ҳаёти ҳизб, паёмҳои Сарвари давлат, ҳамкориҳои дохилӣ ва хориҷӣ, қонунҳо ва вазъи амалишавии онҳо дар ҷомеа, нақшаҳои ояндаи ҳизб ва ғайра дарҷ мешавад. Гузашта аз ин мавриди зикр аст, ки дар нашрияи мазкур, бо вуҷуди ҳизбӣ буданаш, баъзан матолиби гуногун ба рӯйдодҳои варзишӣ, иқтисодиётӣ ва фарҳангӣ низ ба табъ мерасанд.

Бештари ҳолатҳо дар саҳифаҳои якум ва дуюм, хабару ҳисоботҳо вобаста ба ҷаласаҳои Сарвари давлат, аъзои парлумон, сафарҳои кории сарварони ҳизб ва ғайра дарҷ мешаванд. Дар саҳифаҳои минбаъда вобаста ба муҳимият ва аҳамият матолиби мухталиф инъикос мегарданд.

Ҳамчунин, дар ин нашрия зери гӯшаи «Авзои ҷаҳон» хабару мақолаҳои доир ба вазъи ҷаҳон дарҷ карда мешаванд. Маводи ин гӯша, ки бевосита ва ё бавосита ба Тоҷикистон иртибот дошта, аксарияти онҳо хусусияти сиёсиро касб кардаанд. Ин нашрия дар ташвиқи идеологияи ҳизби сиёсӣ ва бархӯрдоркунандаи аудитория аз ҳаёти ҳизб маҳсуб меёбад.

Чуноне ки дар боло ишора кардем, нашрия рубрикаҳои зиёд ва гуногун дорад. Аз ҷумла, дар саҳифаҳои 2-3-юм зери рубрикаи «Ҳафтаи Президент» амру фармонҳо, сафарҳои корӣ ва мулоқотҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зери номҳои «Қонунҳои муҳим ба тасвиб расиданд», «Боздид аз мактаб-интернати шаҳри Душанбе», «Тавсеаи ҳамкории кишварҳои осиё», «Мулоқотҳои судманд» хабару гузоришҳо нашр мешаванд. Дар рубрикаи «Рӯйдодҳои ҳафта» рӯйдодҳои гуногуни дар давоми ҳафта рух дода, бо номҳои «Кӯмаки башардӯстонаи Русия ба Тоҷикистон», «Истеҳсоли сӯзандору дар Тоҷикистон» (А.Ҷӯраев), «Аёдати маъюбон ва рипонсолон», «Ҳамоиши соҳибкорони тоҷику афғон» (Зокир Ҳасан), «Эъмори кохи

фарҳанг», «Сеҳҳои худсоз маҳв мегарданд», «Барандагони ҷоизаҳои озмуни китоби сол» (А.Ҷӯраев), «Қиссаҳои замини барои наврасон», «Қатъи рейсҳои иловагӣ дар самти Хуҷанд-Москва» (А.Сафар), «Заводи нави пахта фаъол гашт» ҷой дода шудааст. Дар рубрикаи «Ҳаёти ҳизб» мақолаҳо оиди фаъолият ҲХДТ, собиқадорон ва дастовардҳои ҳизб амсоли «Меҳрномаи як шаҳрванди Тоҷикистон ба сарвари давлат» (Р. Ҳасанов), «Меҳнати пурмаҳсул-асоси пешрафт» (Анвар Юсупов корманди Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи И. Сомонӣ), «Чорабинии идона», «Иқдоми шоиста», «Маҳфили «Мулоқоти ду насл» (хабарнигори МХ), «Варзиш нишонаи пирӯзӣ ва зебоист» (А.Саломатшоева), «Мақоми зан волост» (Ҷ. Сатторов раиси КИ ҲХДТ дар ноҳияи Шаҳринав), «Ислоҳи амалҳои номатлуб» (А.Ҷӯраев) , «Корамон бояд пурмаҳсул бошад» (Усмон Солеҳ котиби матбуоти Дастгоҳи КИМ ҲХДТ), «Тарғиби ғояҳои ҳизб», «Комёбии аъзои нави ҳизб» ва ғайраҳо чоп мешаванд. Дар саҳифаи «Парлумон» бошад «Стратегияи баланд бардоштани некӯаҳволии мардум қабул шуд», «Вакилон вазъи энергетикиро баррасӣ карданд» (Маъруфи Бобораҷаб хабарнигори парлумони «Минбари халқ»), «Мубориза ба муқобили тамокукашӣ тақвият меёбад» ва ғайраҳо интишор шудаанд. Дар саҳифаи «Мусоҳиба» мусоҳибаҳо бо собиқадорон, кормандони шоиста, раисони ташкилоту муассисаҳои гуногун таҳти сарлавҳаҳои «Дилҳои гарму чеҳраҳои пурнур» (Усмон Солеҳ мухбири «Минбари халқ»), «Шароит барои маъюбон чи гуна мебошад», «Корвони «Адиб» меояд» нашр гардидаанд. Дар рубрикаи «Навгонӣ» навгониҳои соҳаи илму маориф, тандурустӣ, иқтисодиёт мунташир мегарданд, ки «Силро пинҳон надоред», «Қаллоби бо орд», «Интернетро бояд оқилона истифода бурд», «Исфара макони бунёдкориҳо» намунае аз онҳост.

Дар саҳифаи «Тарбия» маводҳои марбут ба самти тарбия ба мисли «Нақши тарбия бояд бориз бошад» (С.Усмонов омӯзгори Донишгоҳи соҳибкорӣ ва хизмат), «Кори мулло тарбия аст ва ё тафриқ?», «Ҳикмати ниёгон ва ахлоқи ҷавонони имрӯза», «Аз илму тарбия то одамияту

маънавият», «Мояи бузургӣ дар илму дониш аст», «Такмили ихтисоси омӯзгорон сифати таълимро баланд мебардорад» мунташир гардидааст.

Зери рубрикаи «Ислоҳоти замин» масъалаҳои кишоварзӣ, замин ва умуман соҳаи хоҷагии қишлоқ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегиранд, ки матолиби «Тағйироту иловаҳо дар Кодекси замин» (Манижа Қурбонова), «Зарари сӯзишвории газӣ ба муҳит камтар аст» (Шамс Назар, сардори шуъбаи назоратии ҳифзи муҳити зисти Ҷ.Т), «Рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ ва мавқеи занон», «Ҳар ҷо будем обод кардем», «Наврӯз муждаи баҳор, иди кишоварзон аст» аз намунаи онҳост.

Зери рубрикаи «Мулоҳиза» ба мақолаҳое амсоли «Истиқлолиятро таҳким мебояд» (Д. Хуморов устоди ДДТТ), «Маро дар Саразм гӯронед!», «Акси Аҳмадшоҳи Масъуд дар рӯи санг», «Нахустин руси муҳаққиқи «Шоҳнома» аз нигоҳи муҳақиқи рус», «Арҷгузори дирӯз-ибрати имрӯз» дучор омадем, ки баҳси масъалаҳои гуногунро фаро гирифтаанд. Ин гурӯҳи мақолаҳо то андозае хусусияти илмию оммавӣ доранд, зеро дар онҳо масъалаҳо ё вижагии илмӣ доранд ва ё дар рӯҳияи илмӣ таҳлилу арзёбӣ шудаанд.

Рубрикаи «Хештаншиносӣ» дар саҳифаи 12 ҷой дода шудааст, ки дар он бештар нигоштаҳои аҳли илму маориф доир ба асарҳои илмиву таърихӣ доир ба тоҷикону Тоҷикистон, санъату фарҳанги он мунъакис шудаанд. Ин гурӯҳи матолиб ҳаҷман калон буда, аз ҷониби муаррихону ҷомеашиносон ва фарҳангиёну санъатшиносон навишта шудааст. «Тоҷикистон чун халқ ва миллат дар масири таърих», «Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди модели нави давлатдорӣ», «Мусаввараи рассоми тоҷик Амрикоро тасхир кард», «Соҳибони дасту дили гарм ва забони ширин» мисоли чунин нигоштаҳоянд.

Дар саҳифаи 13-уми нашрия таҳти рубрикаи «Фарҳанг» навгони ва дастовардҳои илмиву фарҳангӣ дар нигоштаҳое амсоли «Олам аз овозам лабрез», «Боғи шукуфони ҳунар», «Ҷоизаи адабии фарҳанг ба Ато Ҳамдам», «Ситораи дурахшон», «Тавсифи зодгоҳ дар шеъри Бозор Собир», «Марди

саҳна», «Одамушшуаро Рӯдакӣ-тараннумгари ормонҳои миллӣ» ҷой дода шудаанд.

Рубрикаи саҳифаи 14 «Музофот» ном дошта, дар он мақолаҳои мубоҳисавӣ ба монанди «Ҳадафҳои Ширинбек амалӣ шуданд», «Овози розҳо», «Оинаи хаёл» ва амсоли инҳо дарҷ гардидааст.

Дар саҳифаҳои 15-16 зери рубрикаҳои «Донишатро бисанҷ» ва «Варзиш» красворду филвордҳо ва хабарҳои варзишии дохиливу хориҷӣ ҷой дода шудаанд.

Дар шумораи №50 (925) аз 18. 12. 2013 ин нашрия нигоштаи Ҳусейн Сайфиддинов мушовири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ, котиби Шӯрои миллии муқовимат бо коррупсияи ҷумҳурӣ тахти унвони «Коррупсия-умдатарин мушкилоти иҷтимоӣ» нашр шудааст. Ин мақола то андозае хусусияти назариявӣ дошта, ба муносибати Рӯзи байналмиллалии мубориза бо коррупсия, ҳамзамон ба тасвиб расидан ва мавриди амал қарор гирифтани санади барномавии миёнамуҳлати умумимиллию умумидавлатии зиддикоррупсионӣ – «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» навишта шудааст. Муаллиф моҳияти коррупсия, вазифаҳои ин ниҳод, сиёсати давлатӣ роҷеъ ба коррупсия ва амсоли инро шарҳ дода, мушкилоти марбут ба коррупсияро маънидод намудааст.

Ӯ ҳамчунин, вазифаҳо ва мушкилоти кори ниҳоди коррупсияро шарҳ дода, аз ҷумла чунин менависад: «Коррупсия-яке аз мушкилоти умдатарини иҷтимоӣ маҳсуб ёфта, ҳамқадами ҷомеаи инсонист ва то имрӯз ба ягон давлати дунё муяссар нашудааст, ки коррупсияро пурра аз байн барад, вале кишварҳои Шведсия, Дания, Сингапур ва Олмон тавонистаанд, ки сатҳи ин зуҳуроти номатлубро то ба ҳадде коҳиш диҳанд.

Иқтисоддонҳо ва сиёсатшиносон низ бар он ақидаанд, ки маҳз коррупсия бар пешрафти иқтисодиёт халал мерасонад, бунёди ҷомеаи демократиро заиф месозад ва ба рушди демократия таъсири фоҷиабор мезанад.

– Истилоҳи лотинии «коррупсия» аз калимаи юнонӣ гирифта шуда, маънои «ифлосӣ» ва зиёда аз даҳҳо маънии дигарро низ дорад: аз ҷумла обро ифлос кардан, боигариро аз даст додан, озодиро вайрон кардан ва ғайраҳоро дорад».

Муаллиф перомуни коррупсия дар ҷомеаи имрӯза ва решакан намудани он дар байни мардум андешаҳои мухталиферо баён намудааст: «Коррупсия ба мисли таърих қадима буда, яке аз умдатарин масъалаҳо ва мушкилоти иҷтимоӣ ба шумор меравад. Он як амали дур аз ахлоқ буда, тобиши ҷиноятомез дорад. Аз байн бурдан ва решакан кардани он имрӯз вазифаи ҳар як фарди ҷомеа аст» [7, 2013.–7 март].

Дар саҳифаи 8-9-и нашрия шумораи №10 (855) 07.03.2013 бахшида ба рӯзи матбуоти тоҷик доир ба матбуоти даврӣ ва нақши он дар ҷомеа матолиби гуногун инъикос ёфтааст. Аз ҷумла, мақолаи директори АМИТ «Ховар» Садриддин Шасиддинов бо номи «ВАО ва нақши муассири он дар рушди ҷомеа» диққатҷалбкунанда аст. Нигорандаи ин матлаб дар бораи рисолати ВАО, хосса матбуоти даврӣ мулоҳиза ронда, нақши онро дар ҳаёти мардум, бунёди иншооти муҳими давр, бунёди роҳҳо, кандани нақбҳо, сохтани пулҳо, нерӯгоҳҳои барқии обӣ, каналҳо, суръат бахшидани ҷараёни ободонии шаҳру ноҳияҳо ва минтақаҳои гуногуни кишвар, ҳамчунин ташаккули афкори нави замонавӣ, оммавигардонии маъалаҳои адабиву фарҳангӣ, дар замони тарғиби фарҳанг, муаррифии дастовардҳои фарҳангии миллии худ ба ҷаҳониён муҳим арзёбӣ кардааст. «ВАО аз манбаъҳои муҳими таъсиргузори иттилоотии ҷомеа ба шумор меравад. Беҳуда устод С. Айнӣ нагуфта буд: «Нашрияи ҳар қавму миллат забони эшон аст ва ҳар қавму миллате, ки нашрия надорад, гӯё забон надорад». Аз ин рӯ, нақши ВАО дар рушди ҳама соҳаҳои ҷомеа аз оғоз хело назаррас мебошад. Имрӯз низ ба ҳамагон маълум аст, ки нақши ВАО дар ҳаёти ҷомеаи муосир то чӣ андоза бузург аст. Зеро ВАО ба ташаккули афкори ҷомеа таъсири муқтадир ва муассир расонида, ба рушду густариши сатҳи маърифатнокӣ, огоҳӣ, раванди ҷаҳонишавӣ ва амсоли инҳо мусоидат мекунад» [7, 2013.–7 март].

Дар мавриди танқид дар ВАО муаллиф бо истифода аз гуфтаҳои Сарвари давлат назарашро чунин баён мекунад: «Танқид ҳамчун падидаи созанда яке аз омилҳои асосии рушди ҷомеа маҳсуб меёбад. Аз ин хотир, ҳар маводи танқидие, ки ба хотири созандагӣ ва рушди ҷомеа дар ВАО нашр мегардад, бидуни шак ва раванди пешравиҳои ҷомеа созгор бошад. Сарвари давлат зимни суханронӣ дар маҷлисӣ тантанавӣ бахшида ба 100-солагии матбуоти тоҷик (10.03.2012) махсус таъкид намуда буд: «Бори дигар хотирнишон месозам, ки танқид ҳамчун падидаи созанда яке аз омилҳои асосии асосӣ рушди ҷомеа мебошад, зеро озодии андеша, назари интиқодӣ ва таҳлилӣ ба далелу рӯйдодҳои ҷомеа боиси ошкор шудани нуқсу камбудиҳо ва ислоҳу пешрафти фаъолияти ин ё он соҳа мегардад. Гузашта аз ин, танқид ҳатто худи инсонро дигар мекунад ва ба рушду камоли онҳо сабаб мегардад. Ман матбуотро ҳамчун унсури муҳими муҳити сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар маҳз аз ҳамин дидгоҳ мепазирам ва фаъолияти онро аз ҳамин нуқтаи назар арзёбӣ мекунам». Дар ҳақиқат, танқид агар ғарази шахсиву гурӯҳӣ надошта бошад, яке аз унсурҳои аслии рушди ҷомеа ва густариши соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангию илмӣ мебошад».

Ҷоизи зикр аст, ки танқид тавассути ВАО-и давлативу ҳукуматӣ махсусияти хос надорад, зеро ҳадафи асосии матбуот иҷрои рисолати касбӣ, яъне хизмати содиқона ва софдилона ба манфиати халқу Ватан аст.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар нашрияи «Минбари халқ» муҳимҳимтарин масъалаҳои ҷомеаи муосири Тоҷикистон бо назардошти манфиаташон ба ҷомеа мавриди баррасӣ қарор гирифтааast.

Ба ҳамин маънӣ, дар саҳифаи 10-уми шумораи мазкури нашрия мақолаи мубоҳисаомезе Толиби Луқмон бо номи «Матбуот ойинаи ростнамо ё каҷнамост?» дарҷ гардидааст. Муаллиф назари коршиносони соҳа профессор Асадулло Саъдуллоев, устоди ДМТ Саъдулло Ҳайдарӣ ва раиси Шӯрои ВАО Қироншоҳ Шарифзодаро доир ба мавқеи матбуоти даврӣ дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон асос намуда, аз ҷумла чунин менигорад: «ВАО имрӯз дар ҷомеа мавқеи вижа доранд, зеро онҳо самти ҳаракати афкори

ҷамъиятро муайян мекунанд, ба мафкураву пиндорҳои онҳо таъсири амиқ мегузоранд, нигоҳашонро тағйир медиҳанд. Чунин ба назар мерасад, ки имрӯз дар расонаҳои хабарии мо, махсусан, дар матбуоти даврӣ рӯйдодҳову падидаҳои дохиливу хориҷӣ то ҷое мунсифонаву беғаразона инъикос намеёбанд. Ин масъала имрӯз ба муаммои сарбастае табдил ёфтааст, ки барои кушодани он бисёр талош меварзанд. Аммо ин «гиреҳ» ҳамчунон нокушода боқӣ мемонад. Коршиносон ба ин назаранд, ки зимни матраҳ кардани масоили мухталифи сиёсиву иҷтимоӣ дар матбуот, хусусан дар нашрияҳои хусусӣ принсипи касбият то ҳадде риоя намешавад. Бо вуҷуди ин матбуот имрӯз ба минбаре табдил ёфтааст, ки мардум тавассути он хостаҳо ва ормонҳои худро баён мекунанд, перомуни масоили гуногун андешаҳояшонро ифроз менамоянд».

Ӯ ба хотири асоснок намудани ин андешааш назари коршиносони соҳаро иқтибос меорад. Ба ақидаи профессор Асадулло Саъдуллоев «Дар замони Шӯравӣ мардум бо матбуот алоқаи бисёр қавӣ дошт. Нашрияву маҷаллаҳое, ки аз ҷониби нашриёти давлатӣ чоп мешуданд, хонандаи бисёр доштанд. Масалан, мардум барои харидани нашрияи «Ҷумҳурият» (Тоҷикистони советӣ) субҳгоҳон дар назди дӯкони нашрияфурӯшӣ навбат меистоданд. Онҳо нашрияҳоро бесаброна интизор мешуданд. Ба фикри ман дар нашрияҳои мо воқеият инъикос меёбад, аммо назарсозӣ, яъне аз нуқтаи назари фард ба воқеаҳо баҳо додан маъмул шудааст, ки на ҳама вақт он нуқтаи назарҳо дурустанд. Ҳар нашрияву маҷалла назари хоси худ ва сиёсати худро дорад. Масалан, дар нашрияҳои «Минбари халқ», «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Народная газеа» нуқтаи назари расмию давлатӣ дуруст инъикос меёбанд. Вақте ки нашрияҳои шахсиву тиҷоратиро мехонед, назарҳо комилан фарқ мекунанд. Ростнамо ё каҷнамо будани ойинаро (матбуот) фаъолияти нашриянигор муайян мекунад.

Лозим ба тазаккур аст, ки дар нашрияҳои шахсии мо воқеаҳо яксон инъикос намеёбанд. Аз ин хотир хуб мебуд, ки мо як нашрияи доимии давлатӣ медоштем ва хуб мебуд, ки назорати умумӣ аз болои нашрияҳо ҷорӣ карда

шавад.Аслан мувофиқи Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон сензура набояд бошад, аммо назорати умумӣ лозим аст, чунки харaҷу мараҷи бисёр дар матбуот ба кор намеравад. Ман албатта тарафдори ташкили главлит нестам, лекин агар як ниҳоди масъул назорат кунад хуб аст».

Саъдулло Ҳайдарӣ устоди ДМТ нисбати ин масъала чунин ақида дорад:

«Воқеан дар ҷомеае, ки матбуот мақоми хоса дорад, яъне набзи замонро муайян мекунад, метавон гуфт, ки он як рукни муҳими ҷомеа мебошад. Масъалаҳое, ки дар ҷомеа мавҷуданд, аз мадди назари матбуот дур намемонад. Ростнамо ва ё каҷнамо будани ойинаро (матбуот) фаъолияти нашриянигор муайян мекунад. Агар дақиқтар нигарем, мебинем, ки матбуот имрӯз ба қадри тавони худ мушкилот ва хостаҳои мардумро инъикос мекунад. Аз ҷониби журналистон ҳаддалимкон кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки масоили муҳим дар саҳифаҳои нашрияҳо матраҳ шавад. Лозим ба тазаккур аст, ки имрӯз дар мо бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла, ошкорбаёниву бисёрфикрӣ вусъат ёфта истодааст. Акнун якрангиву якмаромиву яксамти вуҷуд надорад».

Ба ақидаи Раиси Шӯрои ВАО Қироншоҳ Шарифзода «Инъикоси воқеяти рӯз дар воситаҳои ахбори омма аслан рисолати журналистика аст. Вале имрӯз матбуоти мо на ҳамеша аз пайи иҷрои ин рисолати худ аст. Ҳама ҳодисаву равандҳои ҷомеа дар нашрияҳо яксон инъикос намеёбанд. Барои ин гунаҳкор ҳисобидани журналистон дуруст нест, чун омилҳое ҳастанд, ки онҳоро ба роҳ додани чунин камбудӣ такон медиҳанд. Бо таассуф бояд гуфт, ки муносибати манбаъҳои иттилоот бо нашрияҳои мо якхел нест. Ин дар ниҳояти кор боиси духӯра рӯйи сафҳа омадани матлаб мегардад ва ё сабаби он мегардад, ки айни як ҳодиса ё воқеа дар нашрияи расмӣ ба таври дигар ва дар нашрияи мустақил ба таври дигар инъикос шавад. Бинобар ин агар мо ВАО-ро ойинаи ҷомеа бигӯем, бояд пеш аз ҳама муносибати манбаҳои иттилоотӣ бо онҳо яксон бошад. Аз ҷиҳати дигар ин масъала ба касбияти журналист вобаста аст. Мутаъсифона, муносибат ё меъёргирӣ ҳангоми инъикоси воқеа аз ҷониби журналистони мо якхела нест. Баъзан мешавад, ки нашриянигорони нашрияҳои

мустақил аз пайи серхаридор шудани нашрия ин масъаларо чандон дуруст инъикос намекунанд. Дар натиҷа мебинем, ки ин аъмоли онҳо дар шӯрои ВАО ва ҳатто дар судҳо баррасӣ мешаванд. Баъзан аз рӯйи муносибати хунукназаронаву рӯякии муаллифон ин чиз ба миён меояд» [7, 2013.– 7 март].

Аз назари мутахассисони соҳа маълум мегардад, ки муносибати иддае аз рӯзноманигорон ба касби худ ҷиддӣ нест. Масъала ин аст, ки аввалан бояд манбаъҳои иттилоот бо журналистон назари яксон дошта бошад ва, аз ҷиҳати дигар, худи журналистон бояд ба вазифаи худ аз рӯйи тақозои касбият муносибат кунанд. Фикр мекунем, ки дар ин суръат масъала ҳалли худро меёбад.

Нашрияи «Минбари халқ» дар тӯли фаъолияти худ минбари розу ниёз мардум ва ғанӣ гардонидани маънавиёти онҳо буду ҳаст. Хосатан агар масъулони васоити ахбори омма воқеаву ҳодисаҳоро мӯшикофона ва воқеъбинона таҳлилу баррасӣ намуда, мавқеи худро дар ҳама ҳолат нишон дода тавонанд, аз маҳбубтарин расонаҳои хабарӣ дониста мешаванд. Арзи ҳастӣ намудани нашрияи дилогоҳи ҳизбиёни кишвар бо номи «Минбари халқ» натанҳо афкору ақидаи ҳизбиёнро, балки ҷомеаро ба сӯйи фардои дурахшон раҳнамун месозад. Мо ҳамарӯза аз саҳифаҳои он хабару гузоришҳо, таҳлилу мусоҳибаҳои саривақтиро мутоила намуда, ҷаҳони маънавии худро бойтар месозем. Тибқи мушоҳидаҳо масъулини нашрия мекӯшанд аз шумора ба шумораи дигар онро пурмуҳтавою ҷолиб таҳия кунанд. Махсусан, вокунишҳо ба ин ё он мавод, андешаҳои коршиносони сиёсӣ, таҳлилу баррасии ин ё он воқеа хеле моҳирона дар саҳифаҳои нашрия дарҷ мегарданд. Нашрия дар ваҳдату худшиносии миллӣ, шинохти аслии чеҳраҳои тобноки бузурги миллат хидмати шоиста карда, аз фаъолияти густурдаи давлат ва ҳукумати кишвар дар шахсияти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маълумотҳои бештар медиҳад. Ҳамзамон нашрия минбари розу ниёзи ҳизбиён буда, дар

ҳар шумора аз ҳаёти ҳизбии кишвар маълумоти амиқу дақиқ интишор мекунад.

Хулоса нашрия аз маҳбубтарин расонаҳои хабарии кишвар маҳсуб шуда, алҳол сафи муштариёнаш наздики 65 ҳазор нафарро дар бар мегирад.

Дигар аз нашрияи ҲХДТ, ки дар минтақаи вилояти Суғд нашр мешавад, нашрияи «Сухани халқ» мебошад, ки яке аз рукнҳои асосии фаъолияти он инъикоси масъалаҳои сиёсии кишвар ба ҳисоб меравад. «Сухани халқ» нашрияи ҲХДТ дар қаламрави вилоят аст ва бешубҳа аз сиёсати Президенти кишвар ва Ҳукумат пуштибонӣ мекунад. Дар он бештар сафарҳои дохилии Роҳбари давлат, мулоқот бо аҳолӣ, ҷамъомадҳо, маҷлисҳо ва ҷашнҳо, қонуну қарорҳои нави ҳукумат, сиёсати созандагию бунёдкорӣ, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ, раҳоӣ аз бумбасти комуникатсионӣ, тавзеҳи ҳадафҳои стратегӣ, истиқлолият, арзишҳои миллӣ, ойини ватандӯстӣ, ҳамзистии мусолиматомез, роҳҳои ҳифз ва тақвияти ваҳдати миллӣ, фаъолияти парламент, вазъи экологӣ, паёмадҳои тағйирёбии иқлим, нақши ҷавонон ва мақоми занон дар ҷомеа, вазъи соҳаи кишоварзӣ, пешрафтҳо ва мушиклоти иқтисодиёт, саноат, технология, ислоҳоти соҳаи маориф, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, самтҳои муҳоҷират, ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирон, вазъи иҷтимоии аҳолӣ ва амсоли инъикос мегардад.

Тавре ки роҳбари Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамояд: «Вазифаи меҳварӣ ва асосии давлату ҳукумати Тоҷикистон ва ҳамзамон Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон муттаҳид намудани тамоми гурӯҳҳо ва қишрҳои ҷомеаи кишвар дар атрофи ғояи «Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол-Ватани маҳбуби ҳамаи мо» чун нуқтаи пайванд ва ҳалқаи баҳамоварандаи тамоми мардуми кишвар, сарфи назар аз миллату забон, дину мазҳаб ва ақидаву мавқеи сиёсӣ, чун василаи муассиртарини ҳифзи Тоҷикистони озоду соҳибистиқлоли мо мебошад» [140, с. 154-157].

Бояд гуфт, ки дар ин замина ҳифз кардан ва таҳким бахшидани давлатдории миллӣ, ҳифзи ин дастоварди бузург, яъне ҳимояи давлату давлатдории миллӣ ва таҳкими аркону пояҳои он, хусусан дар шароити пуртаззоду печидаи солҳои охир, рӯз аз рӯз мураккаб шудани вазъи геополитикии минтақа ва ҷаҳон, шиддат гирифтани рақобат ва бархӯрди манфиатҳои кишварҳои абарқудрат ва таҳти таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ осебпазир гардидани истиқлолияти давлатҳои миллӣ муҳим буда, самтҳои асосии фаъолияти нашрияи «Минбари халқ» ва «Сухани халқро»-ро ташкил медиҳад.

Дар баробари ин, таҳким ва ҳимояи давлату давлатдории миллӣ ва истеҳкоми аркону пояҳои он, вазъи геополитикии минтақа ва ҷаҳон, шиддат гирифтани рақобат ва бархӯрди манфиатҳои кишварҳои абарқудрат ва таҳти таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ осебпазир гардидани истиқлолияти давлатҳои миллӣ аз самтҳои асосии фаъолияти нашрияи «Минбари халқ» ва «Сухани халқ» маҳсуб меёбанд.

## II. 2. Шеваи таблиғи ғояҳои барномавии ҳизбҳои ҷудогона дар нашрияҳои даврӣ

Дар таърихи давлатдории навини ҳар халқу миллат ташаккул ва таҳаввулоти ҳизбҳо аз муҳимтарин рӯйдодҳои сиёсӣ ба шумор меравад. Зеро дар муҳити сиёсии замони муосир ҳизбҳои сиёсӣ дар густариш ва пешрафти сохтори давлатӣ нақши муассир гузоштаву хоҳанл гузошт.

Равшан аст, ки ҳизбҳои сиёсӣ барои амалӣ намудани барномаҳои ҳизбии худ ва ворид шудан ба муҳити сиёсӣ, ҳамчунин тарғиби сиёсати худӣ, пеш аз ҳама, аз ВАО истифода менамоянд. Дар ҷаҳони муосир исбот гардидааст, ки яке аз воситаҳои муҳими тадбиқ намудани сиёсати ин ё он ҳукумат ВАО, бахусус матбуоти даврии он аст. Ин нуқта таъкиди он аст, ки матбуоти даврии ҳизбҳои сиёсӣ дар амалӣ намудани барномаи сиёсии худ нақш ва мавқеи бориз доранд.

Дар Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ хуб ба роҳ монда шудааст, ки нишонгари фазои демократӣ ва озодии афкор аст. Тавре дар боби аввал баррасӣ шуд, имрӯз дар кишвари мо 7 ҳизби сиёсӣ амал мекунанд, ки бо назардошти ҳадаф ва барномаҳои ҳизбиашон самтҳои мухталифи пешрафти ҷомеаро интихоб намудаанд.

Яке аз ҳизбҳое, ки аз оғози ворид гардидан ба арсаи сиёсат бо барнома ва мақсаду ҳадафҳои мушаххас дар муддати кӯтоҳ ба созмони бонуфузи сиёсӣ табдил ёфт ин Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон мебошад.

Агар матолиб ва навиштаҳои дар бораи ҳизби мазкур дарҷгардидаро мавриди мутолиа қарор диҳем, равшан мегарадад, ки органи марказии ин ҳизб – «Минбари халқ» дар муаррифӣ ва ташвиқи барномаҳои сиёсии худ аз фаъолтарин нашрияҳои ҳизбӣ ба шумор меравад. Раиси ин ҳизб Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни таъсис ва муаоррифии ҳизбҳои дигар чунин иброз намудаанд: «Ҳизби моро бошад ашхосе таъсис доданд, ки ҳокимият доштанд. Онҳо мехостанд ба давлатдорӣ, ба ҳамкории сиёсӣ ҳазорҳо нафар одамони ҳаммаслакашонро ҷалб кунанд, ки дар сояи мансабталошиҳо аз назар дур монда буданд. Як гурӯҳ шахсони ҳамфикру ҳамақида, одамони касбу кори гуногун аз дастгоҳи роҳбарии давлат то олимону муаллимон, адибону нашриянигорон, деҳқонону коргарон ба мақсади ба вуҷуд овардани пояҳои идеологияи ҳизби нав барои тарғибу ташвиқи ғояҳои он дар байни мардум фаъолият мебурданд, Ҳизби мо чун раҳнамои демократия ба вуҷуд омад» [138, с. 43]

Ин мулоҳизаи Раиси ҳизб як навъ оҳанги муаррифномаи ҳизб аст, ки бо шеваи баланд ифода шуда, ба зиёд шудани сафи аъзоёни он таъсири расонида метавонад. Ин суханонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар муайян кардани мақоми ҳизб шинохти шахсияти аъзоёни ҳизб аҳамияти муҳим дорад. Яъне ӯ ишора ба он мекунад, ки ҳизби мо (яъне ҲХДТ) дар замоне ба вуҷуд омад, ки бархе аз ашхос даъвои мансабу давлат мекарданд ва барои ба

даст овардани ҳокимият талош доштанд. Аммо ҲХДТ, ки аз ҳар табақаи ҷомеа намоянда дошт, тавонист ҳадафҳои созандаи худро дар муҳити сисёсии кишвар пиёда созад. Ин оҳанги таъкид табиист, ки дар бедор намудани эҳсоси мусбат нисбат ба ҲХДТ мусоидат мекунад. Вақте хонанда ба дарки чунин гуфтаҳо мерасад, албатта нисбат ба ба ин ҳизбэътимодаш зиёд мешавад. Аз ҳамин сабаб матбуоти даврии ин ҳизб барои мунтазам муаррифӣ намудани он аз ҳар гуна нуқтаҳои муассир истифода менамояд. Дар иқтибоси мазкур, ки аз нашрияи «Минбари халқ» гирифта шуд, натанҳо хонанда аз мавқеи иҷтимоии аъзоёни ҳизби мазкур огоҳӣ пайдо мекунад, балки аз таъкиди боварибахши раиси ҳизб «Ҳизби мо чун раҳнамои демократия ба вуҷуд омад», перомуни ояндаи он бетараф буда наметавонад. Аз ҷиҳати дигар, нашри чунин андеша дар нашрия ва паҳн гардидани он дар миёни ҷомеа дар афзун намудани аъзоёни ҳизб низ муассир буда метавонад. Ин гуна ишораҳо нисбат ба ҲХДТ дар матбуоти даврии ин ҳизб, ҳамчунин нашрияҳои дигар зиёд ба назар мерасад, ки моҳиятан мақсад ва вазифаҳои аслии ҳизбро ифода мекунанд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки нашрияҳои даврии ҲХДТ дар ҳар шумора, гоҳо дар ҳар мавод дар бораи пешрафтҳои ояндаи ҳизб, ҷалби таваҷҷуҳи муштариён эътибори хосса медиҳад. Барномаҳои пешазинтихоботӣ як навъ маводи омӯзишӣ ва муаррифкунандаи фаъолияти ҳизб ба шумор мераванд. Барномаҳои пешазинтихоботии парлумонӣ ва президентӣ, ки фаъолияти минбаъдаи ҳизбро бозгӯ месозанд, дар рӯзномаҳои ҳизбӣ на танҳо нашр мегарданд, балки шарҳу тавзеҳ меёбанд. Чунончи, дар арафи интихоботи парлумонии солҳои 2015-2020 нашрияи «Минбари халқ» шиори ҲХДТ – «Ояндаро бо ҳам месозем»-ро дар ҳар шумора таъкид сохтааст.

Матбуоти ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон низ дар инъикоси ҳадаф ва барномаи сиёсии худ аз ҳар гуна восита ва имконоти нашрияҳои худ истифода намудааст. Агар ба навиштаи нашрияҳои даврии ин ҳизб мутаваҷеҳ шавем, ба осони пай мебарем, ки муаррифӣ ва мавқеи он дар мазмуни

иқтибоси зайл баён гардидааст: «Ҳизби сотсиолистии Тоҷикистон ба принсипҳои ахлоқии инсонпарварӣ ва арзишҳои умумибашарӣ истинод менамояд ва ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои меҳнаткашон (табақаҳои миёна ва поёнии ҷомеа), қатъи назар аз мансубияти миллӣ, динӣ, иҷтимоӣ ва мансаб мебарояд. Муттаҳид намудани оммаҳои халқ ба мақсади аз буҳрони иқтисодӣ ва сиёсӣ баровардани мамлакат, барпо кардани давлати ҳуқуқбунёд тантанаи адолати иҷтимоӣ, дар ҳар шакл роҳ надодан ба қонуншиканиҳо, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, иштирок дар интихоботҳои мақомоти қонунгузор ва маснади президентӣ, мақсадҳои ҳизб эълон карда мешаванд» .

Ҳизби мазкур низ дар муаррифии фаъолияти худ аз матбуоти даврӣ ба таври васеъ истифода намуда, ҳадафҳояшро мушаххасан ба мардум – ҷонибдоронаш расонидааст. Масалан, дар шумораи № 61-уми нашрияи даврии «Иттиҳод» мақолаи раиси Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон А. Ғаффоров бо номи «Ҳадаф-таъмини адолати иҷтимоӣ» нашр шудааст, ки дар он ҳадаф ва принсипҳои ҳизби мазкурро чунин арзёби шудааст: «Ҳизби моро, ки ҷавҳарашро адолати иҷтимоӣ ташкил медиҳад, маромаш бо нахустмоддаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки давлати моро давлати иҷтимоӣ эълон доштааст, як мебошад. Аз ин рӯ, мо ҳамеша дар талоши он ҳастем, ки адолати иҷтимоӣ дар Тоҷикистон таъмин бошад. Ҳар як сокини кишвар новобаста аз табақаи иҷтимоиаш, бояд аз ҳуқуқҳои худ бархӯрдор бошад, ки инро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад. Бояд зикр кард, ки ҳизби мо дар фаъолияти бисёрсолаи худ роҳи басо пуршебу фарозеро тай кардааст. Буданд шахсоне, ки манфиатҳои шахсии худро аз манфиатҳои миллию давлатӣ ва ҳизбӣ боло мегузоштанд. Мо тавонистем чунин ашхосро аз сафи ҳизб дур созем ва сафарамонро аз одамони содиқ ва ба ғояҳои созандаву ватанпарваронаи ҳизб пурра намоем. Имрӯз дар сафҳои мо ашхосе ҳастанд, ки дар ҳақиқат, ба ғояву ақидаҳои ҳизб содиқанд ва дар маъракаҳои сиёсию фарҳангӣ ширкат варзида, ёрии хешро ҷиҳати беҳбуд бахшидан ба фаъолияти ҳизб дареғ намедоранд» [3, 2019.– май].

Ин гуна матолиб дар инъикоси мавқеъ ва мақоми ҳизб аз ҳар ҷиҳат қобили боварӣ хоҳад буд. Аммо мусаллам аст, ки дар аксари барномаҳои пешазинтихобии ҳизбҳои сиёсӣ мо матолиби ба ин монандро мушоҳида мекунем. Аз таъкидҳои ин ҳизби сиёсӣ метавон дарёфт, ки он дар мавридҳои зарурӣ аз нашрияҳои даврии худ ва ҳамчун дигар истифода карда метавонад. Дар аксари адабиёти марбут ба сиёсат ва фаъолияти ҳизбҳо таъкид гардида, ки аҳзоби сиёсӣ бояд матбуоти худро бо навиштаҳое пур кунанд, ки мақсад ва мароми онҳоро ифода карда тавонанд, барои амали гардидани барномаву тасмимҳояшон мусоидат кунанд.

Ҳизби демократии Тоҷикистон низ дар муаррифӣ ва таъкиди ҳадафҳои худ аз имконоти нашрияи худ ва нашрияҳои дигар ба таври васеъ истифода мебарад. Бахусус, намояндагони ин ҳизб дар арафаи маъракаҳои сиёсӣ – интихобот аз ҳастии худ дарак медиҳанд ва ҳадаф ва барномаи худро тавассути нашрияҳои даврӣ инъикосу тарғиб месозанд. Ба далели фикр ба матлаби зайл, ки дар он ҳадафҳои ин ҳизб бозгӯ шудааст, мурочиат мекунем. «Ҳизби демократии Тоҷикистон бо санадҳои барномавии худ дар маъракаи интихоботи 27 феврали соли 2000 ширкат варзид. Номзадҳои ҳизб ба парламенти ҷумҳурӣ чунин мешуморанд, ки онҳо барои ҷомеаи воқеан демократӣ меарзанд, ки дар чунин ҷомеа мардум тавассути намояндагони худ давлатро идора мекунанд. Омили асосии давлати демократӣ аз якдигар ҷудо будани се шохаи ҳокимият – ҳокимияти қонунбарор, иҷроия ва судӣ мебошад. Дар ҷомеаи демократӣ танзими кори ин се шохаи ҳокимият аз рӯи принсипи худидорӣ ва муқовимат бояд амал намояд, дар акси ҳол эҳтимоли ба тасарруфи мутлақи як шоха – ҳокимияти иҷроия расидан меафзояд».

Аз ин матлаб метавон дарёфт, ки он асосан барои муаррифии ҳизб нигошта шудааст, бинобар ин ҳадафу мароми он асосан ба таври мусбат арзёбӣ шудааст. Як хусусияти ин гуна муаррифиҳо дар он аст, ки аксарияти ҳизбҳои сиёсӣ, аз ҷумла ҳизби мавриди назар дар шарҳу тарғиби барномаи худ, барномаи ҳизбҳои дигарро паст мезананд, ки ин аз назари сиёсати фаъолияти ҳизбҳо дуруст нест. Ҳар як ҳизбро мебояд аз имконоти матбуоти

даврӣ, бахусус нашрияҳои худ чунон истифода намояд, ки боиси паст задани мақом ва мавқеи сиёсии ҳизбҳои дигар нагардад. Ба ибораи дигар, дар арсаи муборизаҳои сиёсӣ аз ҳисоби паст задани обрӯи ҳизбҳои дигар мавқеъ пайдо кардан номумкин аст, зеро мардум ин усулро намеписанданд ва он натиҷаи баръакс доданаш мумкин аст. Барномаи пешазинтихоботии ҳизби демократи Тоҷикистон аз соли 2013 инҷониб дар арафаи маъракаҳои интихоботӣ бо таҷдиду таҳрир дар рӯзномаи «Истиқлол», хусусан дар шумораҳои махсуси он бозчоп мешавад. Дар ин шумора, асосан дар бораи таърихи ҳизб, фаъолияти он, мақсад ва вазифаҳои нав, аъзоёни фаъол, шахсони барои иштирок дар интихоботҳои сатҳи гуногун иштироккунанда маълумот дода шудааст. Аз ҷумла қайд дар яке аз шумораҳои махсус мехонем «ҲДТ имрӯз аз нав ба фазои сиёсии Тоҷикистон ворид шуд ва бештарин сомонаҳои шаҳриву ноҳиявии он дубора ба фаъолият оғоз карданд. Раиси тозаинтихоб С. Исмонов тавонист ҲДТ-ро аз буҳрони дохилиҳизбӣ берун барорад ва ба мушкилоти асосии дохилиҳизбӣ хотима бахшад. Ӯ тавонист ҳамаи гуруҳҳои парокандаро дубора ба сафҳои ҳизб даъват кард ва нуфузи ҳизбро бо иштирокаш дар интихоботи президентии Тоҷикистон (6.11.2013) ба маротиб боло бардорад» [2, 2020.– 22 август]. Дар ҳамин шумора Барномаи пешазинтихоботии ин ҳизб барои иштирок дар маъракаи интихоботи вакилони маҷлиси намояндагони маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ низ нашр гардидааст, ки он аз он аз панҷ самт: сиёсат, иқтисодиёт, ҳаёти иҷтимоӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва амнияти миллӣ ва ҳаёти фарҳангиро фаро гирифтааст.

Ҳизби коммунистии Тоҷикистон чун ҳизби собиқадор дар ҳар маврид мақоми аз дастрафтаи худро такрор ба такрор ёд мекунад ва бо бозгӯ сохтани зиндагонии замони шӯравӣ, ки даврони фаровонӣ будааст, таваҷҷуҳи мардумро ба худ ҷалб месозад ва ба ин васила мақсаду вазифаҳои худро одилона ва инсондӯстона муаррифӣ мекунад. Ин мазмунро дар навиштаи зерин, ки дар нашрияи миарказии ин ҳизб – «Коммунисти Тоҷикистон» интишор гардидааст, ошкоро пай бурдан мумкин аст. «КТ дар замони шӯравӣ

124 ҳазор аъзо дошт. Аксари онҳо ҷавонони то 30-солаанд. 63 фоизи ҳайати ҳизб намояндагони аҳли меҳнат, коргарон ва деҳқонон, зиёиён мебошанд. Қабули аъзоёни нав тавассути рӯйхати коллективӣ не, балки ба тарзи инфиродӣ сурат мегирад. Дар 63 ноҳия, вилояту шаҳр ва муассисаву корхонаҳо созмонҳои ибтидои амал мекунанд. Синну соли аъзои ҲКТ ба ҳисоби миёна андаке беш аз 40-сола ташкил дорад. Ба қавли раиси онвақтаи ҳизб Ш. Д. Шабдолов, ин ҳизби нафақахӯрон нест, чуноне ки баъзе «хайрхоҳон»-и мо мегӯянд» [4, 2016.–№3-4].

Ин матлаб як навъ оҳанги гила ва норизоӣ аз ҳизбҳои сиёсии дигар, бахусус ҳизбҳои пешбарандаи ҳаёти иҷтимоӣ мебошад. Ба назар чунин мерасад, ки дар аксари навиштаҳои ҲКТ ҳиссиёти норизоӣ аз муҳити сиёсӣ ва фаъолияти камфаъоли ҳизбҳои дигар ба ҳукми анъана даромадааст.

Чунончи, дар шумораи навбатии нашрияи даврии «Коммунисти Тоҷикистон» Барномаи пешазинтихоботии номзади ин ҳизб ба мансаби Президентӣ Абдуллоев Мироҷ Санонович таҳти унвони «Таъмини адолати иҷтимоӣ мароми мост!» нашр гардидааст. Таҳиякунандагони ин ҳуҷҷат моҳияти барнома ва самтҳои онро шарҳ дода, аз ҷумла таъкид кардаанд: «принсипи ҳизб аз ҳар кас мувофиқи қобилияташ, ба ҳар кас муовофиқи меҳнаташ» мебошад, ки асоси адолати иҷтимоиро таъмин менамояд. Ба назар чунин мерасад, ки гӯё ин принсип дар барномаҳои азҳоби сиёсии дигар нест. Ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ ин принсипи муносибат ба фаъолияти инсониро таъкид месозанд ва барои тадбиқи он мекӯшанд. Бо вуҷуди ин Барномаи пешазинтихоботии ин ҳизб, ки дар нашрияи мазкур интишор гардидааст, бо бобҳои «ислоҳоти идоракунӣ», «таъмини волоияти қонун ва ислоҳоти судию ҳуқуқӣ» ва «дар самти сиёсати хориҷӣ» аз барномаҳои азҳоби сиёсии дигар фарқ мекунад. Ин фаркро, пеш аз ҳама, дар риояи «адолати иҷтимоӣ» метавон нисбат дод.

Рӯзномаи «Меҳргон» барномаи пешазинтихоботии номзади Ҳизби аграри Тоҷикистонро ба мансаби Президентӣ, ки аз 6 боб иборат аст, нашр кардааст. Ин бахшҳо сиёсати дохилӣ, сиёсати байналмилалӣ ва таъмини

амният, иқтисодиет, иҷтимоиет, ҳифзи оила, модар ва кӯдак ва ҷавононро дар бар мегиранд.

Номзади ин ҳизб ба мансаби Президентии Тоҷикистон Рустам Латифзода Барномаи пешазинтихоботии худро пурратар намуда, ду бахши дигар «Сиёсати бахши аграрӣ» ва «бахши илм ва маориф»-ро илова намудааст [6, 2015.– 23 феврал; 2020.– сентябр].

Тавре ишора намудем, азҳоби сиёсии кишвар дар арафаи маъракаҳои интихоботӣ аз минбари нашрияҳои даврии мустақил низ истифода кардаанд. Аниқтараш, ин типи нашрияҳои даврӣ бо намояндагони азҳоби сиёсӣ доир ба барномаву вазифаҳояшон мусоҳибаҳо ташкил намудаанд. Чунончи, нашрияи «Самак» бо раиси Ҳизби демократи Тоҷикистон Саидҷаъфар Исмонзода, раиси Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон Абдуҳалим Ғаффоров мусоҳибаҳо оростааст, ки аввали таҳти унвони «Имкони 30 млн ҷои корӣ дорем», ва дуюмӣ бо номи «Ҷонибдорони Кенҷаев аз мо дастгирӣ мекунанд» дар ҳамин нашрияи даврӣ ба табъ расидааст.

Миёни раисои азҳоби сиёсӣ раиси Ҳизби сотсиал демократи Тоҷикистон Раҳматилло Зойиров бештар аз шабакаҳои иҷтимоӣ, бахусус Фейсбук истифода менамояд.

Ҳамин тариқ, аз омӯзиши нуқтаҳои барномавии дар нашрияҳои даврии азҳоби сиёсӣ дарҷгардида метавон чунин натиҷа гирифт:

–ҳизбҳои сиёсӣ барои таблиғи ҳадафҳои барномавии худӣ аз органи марказии худ ва нашрияҳои даврии дигар бештар дар арафаи маъракаҳои интихоботӣ истифода кардаанд;

– дар муқоиса бо нашрияҳои даврии азҳоби сиёсӣ, нашрияи марказии ҲХДТ – «Минбари халқ» ва нашрияи даврии вилоятии он «Сухани халқ» дар бозтоби саҳм ва мавқеи ин ҳизб дар эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ ва демократии Тоҷикистон нақши нишонрас дорад;

– нашрияҳои даврии ҲДТ ҳангоми барасии барномаҳои сиёсии худ, бештар ба як нуқта, яъне бо истиқлолият ҳамрадиф будани худ, таъкид намудаанд, ки ин тарзи ифодаи матлабро метавон аз шеваи хоси нашрияи ин

ҳизб – «Адолат» ва «Истиқлол» маҳсуб донист. Ин нашрияҳои даврӣ дар мавқеи худ устувор буда, матолиберо дарҷ кардаанд, ки сиёсати пешгирифтаи ҳизби худро муқарраран бозгӯ менамоянд;

– дар нашрияҳои даврии ҲКТ «Нидои ранҷбар» ва «Коммунисти Тоҷикистон» бартариҳои сиёсати замони Шӯравӣ мунтазам тавсиф ва таъкид мешавад, намояндагони ин ҳизб низ дар ҳар гуна гуфтор ва навиштор ин нуктаро зикр намудаанд, ки ин тасмимҳои таблиғи сиёсати ин ҳизб дарак медиҳад;

– нашрияи «Меҳргон» аслан, сиёсати Ҳизби аграри Тоҷикистонро дар алоқамандӣ бо масъалаҳои соҳаи кишоварзӣ муаррифӣ намудааст;

– ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон дар инъикоси ғояҳои барномавӣ ва барномаҳои номзадҳои худ, тавассути нашрияҳои даврӣ, аз усулҳои гуногуни таблиғу ташвиқ ба қадри тавон кор гирифтаанд;

– миёни нашрияҳои даврии азҳоби сиёсӣ, танҳо нашрияҳои Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон мунтазам теъдоди зиёд нашр интишор гардида, дар баробари тарғиби ғояҳои ҳизб, масъалаҳои муҳими ҷомеаро низ инъикос менамояд.

## БОБИ III.

## ВИЖАГИҲОИ МАВЗӮИВУ ЖАНРИИ НАШРИЯҲОИ ҲИЗБӢ

### III.1. Инъикоси масъалаҳои муҳими ҷомеа дар контексти жанрҳои публитсистӣ.

Равшан аст, ки журналистика инъикоскунандаи муҳимтарин рӯйдодҳо ва воқеаҳои мухталифи замон буда, дар тарвиҷу ташвиқи ин ё он сиёсат нақши муассир дорад. Матбуот низ дар таҳлилу баррасии масоили мухталифи ҷомеа аҳамияти махсусро соҳиб аст. Бо пешрафти ҷомеа матбуоти даврӣ низ густариш ёфт ва дар ҳалли муҳимтарин масъалаҳои ҷомеа таъсираш бештар гардид. Дар фазои сиёсӣ таъсири матбуот ба дараҷае расид, ки ҳизбҳои сиёсӣ дар татбиқи барномаҳои худ бештар ба он такя мекунанд. Ба ин маънӣ, матбуоти азҳоби сиёсӣ ташаккул ёфта ҷараён гирифт. Матбуоти ҳизбҳои сиёсӣ яке аз самтҳои муҳими журналистика маҳсуб мешаванд, зеро дар ин типи матбуоти даврӣ, на танҳо масоили сиёсӣ баррасӣ мешаванд, балки он дар таҳкими фазои хуб барои озодии сухан ва истиқлоли фикр замина фароҳам меорад. Матбуоти ҳизбҳои сиёсӣ на танҳо ташвиқгари сиёсати ҳизбҳои ҷудогона, балки баррасикунандаи масъалаҳои мухталифи ҷомеа ва таҳлилу интиқоди афкору ақоиди намояндагони азҳоби гуногун низ мебошанд. Дар инъикоси ин ва амсоли ин масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ нашрияҳои даврии азҳоби сиёсӣ чун «Эътиқод», «Коммунисти Тоҷикистон», «Минбари халқ», «Сухани халқ», «Адолат», «Истиқлол», «Меҳргон», «Иттиҳод», «Иқтисод ва ҳаёт» аз имконоти жанрҳои гуногуни публитсистӣ истифода кардаанд.

Аз ҷумла, мундариҷаи асосии рӯзномаи «Эътиқод»-ро инъикос ва таблиғу ташвиқи мақсаду мароми ҳизб бошад ҳам, инъикоси масъалаҳои гуногуни иҷтимоиро фаъолияти ҳизб марбут месозад. Дар он ғояҳои коммунистӣ, рӯзгори пурнишоти даврони коммунистӣ тавсиф гардида, гумроҳии сотсиалистӣ, рӯзгори пурнишоти даврони ноустувор сахт мазаммат карда мешавад. Пӯшида нест, ки дар ҳар ҷомеа давраи гузариш хеле вазнин ва бо душвориву мушкилӣ паси сар мешавад. Тоҷикистон аз давлати Шӯравӣ

чизи зиёде ба мерос нагирифта, бар зимми ин дучори бархӯрдҳои сиёсии дохилӣ гардид. Ҷанги гражданӣ ба иқтисодиёту иҷтимоиёт, фарҳангу маънавиёти мардум латма зада, хисорати зиёд ворид намуд. Ин ҳама боиси қашшоқӣ ва рӯ ба гурез овардани мардум дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ гардид, ки таъсири он то ба имрӯз эҳсос мешавад.

Дар саҳифаҳои ин нашрия, аксаран дар бораи шахсони бузург, ки аъзои ин ҳизб буданд ва садоқати онҳо ба ғояҳои ҳизб бештар будааст, матолиб ба интишор мерасад. Матнҳои «Ҳеҷ чизро ҳарчиз кардӣ, зинда бош, эй инқилоб!», «Муҳаққиқи тавонои инқилоби Октябр», «Соҳиб эҳтиром», «Зиндаву ҷовид монд...», «Ба ифтихори ҷанговарони байналмиллал», «Меҳнати бедареғ чашми халқ хоҳад шуд», «Ленинский портрет», «22 апрел–зодрӯзи В.И. Ленин», «Ба ифтихори мавлуди доҳӣ», «Амали шоистаи омӯзиш ва пайравӣ», «Мактаби комсомол (ба истиқболи 100–солагии таъсисёбии комсомоли ленинӣ)», «Истиқболи сазовори санадҳои таърихӣ», «Маънии ҳаёт», «Васфи ному васфи шони комсомол», «Аз таърих шӯъла бояд бардошт», «Боиси ифтихор», «Таърих гувоҳ аст», «Бо азму нияти нек», «Бузургтарин падидаи таърихи инсоният», «Кору пайкори ҷовидонаи Сталин», «Тоҷикон»– шиносномаи миллат», «Мактаби бузурги тарбия», «Комсомол – моя судьба», «Из истории Ленинского комсомола Таджикистана», «Таърих дар аксҳо», «Кори мардон равшаниву гармӣ аст!», «Мукофотҳои шоистаи комсомол», «Ҳамеша дар саф», «Эътибор дар меҳнат дарёфт», «Шарафманд», «Ёди некаш дар қалбҳост», «Аз дида ба дилҳо рафт», «Дунёе аз донишу шеър», «О Ленинском искустве полемики», «Ташкилотчӣ ва илҳомбахши ғалабаи бузург», «Генералииссимус победы», «Инсони асил ва коммунисти матин», «Номи худ нақши дафтар карданд», «Ҷашни саодати собиқадори ҳизбу меҳнат» аз намунаи нигоштаҳое мебошанд, дар шумораҳои гуногуни ин нашрия дар қолаби жанрҳои таҳлилии публитсистика дарҷ гардидаанд.

Яке аз чунин мақолаҳо ба истиқболи 90-солагии фарзанди фарзонаи миллат, арбоби намоёни давлатию ҳизбӣ Бобоҷон Ғафуров ба табъ расидааст,

ки ба қалами сармуаллими кафедраи илмҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи Муҳаммад Осимӣ Шавқат Шарипов тааллуқ дошта, «Арбоби барҷастаи ҳизбӣ давлатӣ» (19981.- 9 май) унвон дорад. Муаллиф бештар ба хидматҳои Бобоҷон Ғафуров таваҷҷуҳ зоҳир намуда, нақши ҳизби коммунистро дар ташаккули фаъолияти меҳнатии ӯ бозгӯ менамояд. Ӯ менависад: «Академик Бобоҷон Ғафуров зиндагии наҷибу дурахшон ва ибратомӯз ба сар бурда, номи ӯ дар таърихи илму фарҳанги тоҷик, таърихи партияи комунистии Тоҷикистон абадӣ сабт ёфтааст». Бино ба таҳлилҳои ӯ маҳз дигаргуниҳои иҷтимоию сиёсии ибтидои садаи XX роҳи илму маърифатро пешорӯйи Бобоҷон Ғафуров боз намуд ва ҳама дастовардҳои меҳнатии ӯ ба ҳизби коммунистӣ алоқаманд аст. Бобоҷон Ғафуров ба ин ҳизб ва ғояҳои он содиқ буд ва баҳри халқи тоҷикро дар арсаи олам машҳур кардан зиндагӣ мекард.

Ба ҳамин монанд, мақолаи Сафар Эркаев, номзади илмҳои таърих, дотсенти ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ба ифтихори 110-солагии зодрӯзи Бобоҷон Ғафуров зери унвони «Тоҷикон»– шиносномаи миллат» (2018.– декабр (№11 (401)) чоп шудааст.

Дар мақолаи мазкур оид ба кору фаъолияти алома Бобоҷон Ғафуров ва китоби ӯ «Тоҷикон» сухан меравад. Дар баррасиҳои муаллифи ин мақола «Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров аз ҷумлаи фарзандони фарзонаи халқи тоҷик аст, ки дар қатори шахсиятҳои бузургтарини миллат эътирофу дар таърих сабти ном шудааст.....

Академик Бобоҷон Ғафуров шахсияти таърихист, ӯ ҳамчун арбоби сиёсию давлатӣ, муаррихи тавонои садаи бистум дар ҳавзаи аҳли тамаддун боқист, хизматҳояш дар поягузории давлатдории тоҷикон ба ҳайси котиби аввали КМ ҲКТоҷикистон-сарвари аввали ҷумҳурӣ, дар инкишофи илму фарҳанг ба ҳайси директори Институти шарқшиносии АУИҶШС, дар барқарории ҳақиқати таърихӣ ба ҳайси муаррих, аз ҷумла муаллифи китоби безаволи «Тоҷикон» беназир мебошад». Дар давоми мавод муаллиф оид ба

мундариҷа ва бобу фаслҳои китоби«Тоҷикон» сухан ронда арзиши пурқиммати онро баён кардааст [10, 2018.– декабр].

Агар муаллифи мақолаи аввал, ки дар боло зикраш рафт, Бобоҷон Ғафуровро дастпарвари ҳизби коммунист муаррифӣ карда бошад, нигорандаи мақолаи дуюм – Сафар Эркаев Бобоҷон Ғафуровро пурра муҳаққиқ таърихнигор тавсиф намуда, чун таърихнигор ба осори ӯ муносибат карда, баҳои баланд додааст.

Дар саҳифаи аввали шумораи №8 (389) ноябри соли 2017 нашрия, ки он пурра ба муносибати ҷашни 100-солагии инқилоби кабири сотсиалистии Октябр бахшида шудааст, суханони табрикии намояндагони мақомотҳои гуногуни ҷомеа аз қабили Раиси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, роҳбари фраксияи ҳизби коммунистии Федератсияи Россия дар Думаи Русия Геннадий Зюганов, котиби аввали кумитаи вилояти Суғди ҲКТ, вакили Маҷлиси вилоятӣ Қурбонҷон Мирзоева нашр шудааст. Ин ашхоси баруманд аҳамияти иҷтимоиву сиёсии инқилоби Октябрро мухтасаран бозгӯ намуда, ҲКТ ва аъзоёни онро ба муносибати ин ҷашн табрик ва барои фаъолияти ояндаашон таманиётҳо орзу кардаанд. Аз ҷумла, дар сухани табрикии ҲХДТ, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зери сарлавҳаи «Ҳеҷро ҳарчиз кардӣ, зинда бош эй инқилоб!» чунин омадааст: «Чи ҷои пинҳон дорӣ? Дар арафаи инқилоб ҳолати сиёсӣ ва иҷтимоии мардуми мо ба харобӣ расида буд. Аз фишорҳои бераҳмонаи бадхоҳони қудратманди дохиливу хориҷӣ халқи тоҷик рӯ ба таназзул оварда буд. Мавқеи таърихию иҷтимоии ӯ аз ҳар ҷиҳат суст мешуд. Илму адабиёт ва забони пурмояву ширадори тоҷикӣ дар шаҳрҳои бостонӣ шукӯҳу шаҳомати қадимаи худро аз даст медод. Ҷабру ситами аҷнабиён кишварро хароб, мардумро пажмурдаву ноумед сохта, косаи сабрашонро лабрез менамуд.

Ба ин маънӣ, метавон гуфт, ки Инқилоби Октябр ба мардуми мо умеду умри дубора бахшид. Халқи тоҷик баъди ҳазор соли аз байн рафтани сулолаи Сомониён боз соҳибдавлат шуда, дар харитаи сиёсии ҷаҳон арзи вуҷуд кард.

Инқилоб Тоҷикистонро соҳиби ҳудуд кард ва аз зери фишори бадхоҳонаш озод намуд. Барои мардум танг ҳам бошад, майдони кор ва эҷоду фаъолият муҳайё сохт...

Дар радифи дигар ҷумҳуриҳо Тоҷикистон дар тамоми соҳаҳо рӯ ба тараққӣ овард ва ба як мамлакати ободу зебо табдил ёфт» [10.–2017 ноябр].

Шумораи №3 (393) моҳи марти соли 2018 ба ҷашнҳои 8-март – Иди модарон ва Наврӯзи оламафрӯз бахшида шуда, дар бораи ин ҷашнҳо порчаҳои назмиву насрӣ, мақолаҳои публитсистӣ ва табрикоту ва пайғоми Ҳизби коммунистӣ таҳти рсарлавҳаҳои «Наврӯзатон фирӯз бод, Ҳар рӯзатон Наврӯз бод», «Пайғоми Наврӯзӣ», «Каломи Наврӯзӣ», «Пайванди меҳр ба ифтихори рӯзи модарон» ва мисли ин инъикос гардидааст [10, 2018 март].

Нашрияи дигари ин ҳизби сиёсӣ – «Эътиқод» низ бештар интишори мавсимӣ дошта, дар арафи ҷашну санаҳои муҳими таърихиву фарҳангӣ ба табъ расидааст. Масалан, шумораи №4 (394) (апрели соли 2018) ин нашрия пурра ба мавлуди Асосгузори Ҳизби коммунистӣ ва давлати Шӯравӣ Владимир Илич Ленин бахшида шуда, доир ба таҷлили 148-солагии ин шахсияти таърихӣ хабару мақолаҳо таҳти унвонҳои «22-апрел зодрӯзи В.И. Ленин», «Ба ифтихори мавлуди доҳӣ», «Амали шоистаи омӯзиш ва пайравӣ» дарҷ гардидааст. Аз ҷумла, «Ба ифтихори мавлуди доҳӣ» дар қолаби жанри хабар таҳия гардида, аз ҳамоиши идона дар маркази вилояти Суғд – шаҳри Хуҷанд, ки бо ибтикори кумитаҳои вилоятӣ ва шаҳрии ҲК Тоҷикистон «бахшида ба 148-солагии зодрӯзи доҳии ранҷбарони ҷаҳон, Асосгузори Ҳизби коммунистӣ ва давлати Шӯравӣ Владимир Илич Ленин ҳамоиши баргузор шудааст, хабар медиҳад. Аз мазмуни ин хабар бармеояд, ки «фаъолони ҳизб ва намояндагони аҳли ҷомеа дар назди муҷассамаи муҳташами доҳӣ дар боғи «Ғалаба» ҷараён гирифта, бо гузоштани гулчанбарҳо ба пояи ҳайкали В.И. Ленин оғоз ёфтааст. Сипас котиби аввали кумитаи ҳизбии шаҳри Хуҷанд Мубинҷон Маҳмудов ҳамоиши тантанавиро бо сухани ифтитоҳӣ оғоз бахшида ҳозиринро бо мавлуди доҳӣ муборакбод намудааст. «Олими маъруфи таърихшинос, котиби кумитаи ҳизбии вилоят

Ҳабибулло Тоатов дар мавзӯи «В.И.Ленин–шахсияти бузурги қарни бистум» бо маърӯзаи илмӣ баромад карда, нақши намоёни дар таърихи башарият гузошта В. И.Ленинро ба таври ҷолибу муътамад баён дошт.

Дар интиҳо аз ҷониби Кумитаи Марказии ҲК Тоҷикистон-котиби аввали кумитаи ҳизбии вилоят Қурбонҷон Мирзоева ва собиқадорони маъруфи ҳизб ба як гурӯҳ ҷавонони нав ба ҳизб аъзо шуда билетҳои ҳизбӣ супорида шуд. Ҳамчунин ба гурӯҳи собиқадорон ва фаъолони ҳизб медали ҷашнии 100-солагии инқилоби Октябр тақдим гардиданд» [10, 2018 апрел].

Хабари мазкур дар навъи хабари васеъ таҳия гардида, дар он воқеаи руҳдода ба тафсил шарҳ дода шудааст.

Чуноне ки дар боло қайд кардем, нашрия бештар дар бораи ҳаёту фаъолияти собиқадорони ҷангу меҳнат, коммунистони фидоии ба ҳизби худ содиқ, воқеаҳои таърихии марбут ба ҳизб, корнамоиҳо аъзои ҳизб ва амсоли ин таваҷҷуҳ намудааст. Гузашта аз ин, чун чопи он асосан дар арафаи санаву ҷашнҳои гуногун сурат гирифтааст, матнҳои табрикотиву таманиётӣ низ кам нестанд. Шояд чопи мавсимӣ сабаб гардида бошад, ки дар нашрияҳои ин ҳизб ба масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангиву илмӣ камтар таваҷҷуҳ шудааст. Баъзан дар саҳифаи охирини нашрияи «Эътиқод» порчаҳои шеърӣ ва матнҳои табрикотии алоқаманд ба зодрӯзи ин ё он намояндагони ҳизб ба назар мерасад.

Омӯзишҳои муқоисавӣ нишон медиҳанд, ки таваҷҷуҳи нашрияи «Эътиқод» доир ба ҳаёти собиқадорони ҳизб, онҳое, ки иштирокчии бевоситаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ будаанду дар ин ҷабҳа корнамоиҳои зиёд ва далерию ҷасорат нишон дода, то ба имрӯз дар байни мардум маҳбубият доранд, низ бештар будааст. Хусусан, ин мавзӯъ дар шумораҳои бахшида ба Рӯзи Ғалаба, рӯзҳои хотира зиёдтар ба назар мерасад. Масалан, дар яке аз шумораи 20 майи соли 1997-и ин нашрия мақолаи рӯзноманигор Сайфулло Маҳкамов тахти унвони «Забон лозим» ба табъ расидааст, ки дар бораи роҳи ҷангии разведкачии моҳир Ҷумъаназар Нуров ҳикоят мекунад. Мавсуф бештар аз 50 сол боз коммунист ва ба ҳизб содиқ будааст.

Дар мақолаи дигаре, ки дар ин шумора ба назар расид «Андешаҳо оиди идеология» ном дошта, ба қалами сиёсатшинос профессор Карим Абдулов (шодравон) марбут аст. Мақолаи мазкур то андозае моҳияти сиёсиву иқтисодӣ дорад. Муаллиф ҳамчун тарбиятдидаи ин ҳизб, ба таърихи ҳизб ва мавқеи он дар ҷомеа руҷуъ намуда, сабабҳои буҳронии иқтисоди кишварро шарҳ медиҳад. Ба назари ӯ «то он рӯзе, ки ҳамаи механизмҳои иқтисодии ҳамаи ҷумҳуриҳо барқарор нагарданд, муносибатҳои ягонаи байни онҳо дуруст ба роҳ монда нашавад, муомилоти мол бояду шояд ба роҳ монда нашавад, меъёрҳои гумрукӣ ба танзим надароянд, пешравии иқтисодиро додан амри маҳол аст».

Номзади илмҳои таърих С. Ҳомидов низ ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, таҳти унвони Дирӯзу имрӯзи сотсиализм ва капитализм» (1998. – май) доир ба муносибат ба моликият, нобаробарӣ ва беадолатии иҷтимоӣ изҳори андеша намуда, таъкид менамояд, ки дар ҷомеаи муосир ин гуна муносибат реша давонида истодааст. Ба назари ӯ «Коммунистон инро маҳкум менамоянд ва аз байн бурданашро дастгирӣ менамоянд».

Ин назари нав нест, балки он ҳануз пас аз инқилоби Октябр бо шиори «Замин ба деҳқонон, заводу фабрика ба коргарон» оғоз ёфта буд. Муаллиф дар бораи афзалияти моликияти хусусӣ ба замин сухан ронда, таъкид менамояд, ки дар шароити ҳаёти демократӣ дигар роҳҳои аз буҳрон баромадан намондааст, бояд аз таҷрибаи давлатҳои хориҷии дурру наздик омӯхт, вагарна ин роҳ ба касофати маънавӣ ҳам расониданаш мумкин аст. Ӯ доир ба ин масъала баҳс намуда, оид ба яккаҳизбӣ таваққуф мекунад ва таъкид менамояд, ки бисёрҳизбӣ барои ҷамъият чизи нав набуда, балки дар мамлакатҳои зиёди дунё муносибати муқаррарист. «Бинобар ҳамин, дар вақташ Ленин ба ин ақида тарафдор буд. Ӯ таъкид мекард, ки ҳамкорию созиш ба ҳизбҳои мухолиф на фақат дар давраи мубориза барои ҳокимият, балки пас аз ба дастовардани он дар давраи бунёди ҷомеаи нав низ зарур аст. Ҳамин тавр, ғояи бисёрҳизбӣ аз худи моҳияти назарияи марксизм-ленинизм бармеояд. Тавре маълум аст, ки таҳти рақамии 1006, аз 25 майи соли 1998

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амволи Ҳизби коммунисти Тоҷикистон» баромада буд. Баробари ба амал расидани амр рӯзнома ба ҳимояи ҳизби худ бархост ва якчанд муроҷиатномаву номаҳои роҳбарони ҳизби коммунистиро ба унвони Раиси Маҷлиси Олӣ Сафаралӣ Раҷабов ба интишор расонид. Дар онҳо нодурустӣ ва одилона набудани фармон тазаккур ёфт. Ба ин муносибат номаҳои Олег Шенин, Раиси Шӯрои Кумитаи «Барои иттиҳод ва бародарии халқҳо», Геннадий Зюганов, роҳбари фраксияи ҳизби коммунистии Федератсияи Россия дар Думаи Русия, Ромиз Асхадов, раиси ҳизби коммунистии Озарбойҷон ва боз чанде дигарон ба унвони роҳбарони давлати Тоҷикистон номаҳо ирсол намуда, аз чунин иқдоми онҳо боиси таассуф намудаанд. Ҳамзамон, дар ин бора аз ҷониби намояндагони ташкилотҳои ҳизбии шаҳрию ноҳиявӣ низ номаҳо ба интишор расидааст. Барои тақвият бахшидани гуфтаҳои боло ин ҷо яке аз номаҳоро рӯи қоғаз меоварем: «Андешаҳо дар бораи фармони президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бораи амволи Ҳизби коммунистии Тоҷикистон гуногунанд. Ҳар кас ба ин ҳуҷҷат ба қадри донишу фаҳмиши хеш баҳогузорӣ намуда истодааст. Ман ҳамчун як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мазмуни он шинос шудам, ки фармон ягон асоси қонунӣ надорад. Ин як навъ фишороварӣ ба фаъолияти Ҳизби коммунистии Тоҷикистон мебошад. Ман ҳамчун як нафар коммунисти қаторӣ, ин фармонро мутлақо нодуруст ҳисобида ҳамаи коммунистон, онҳое, ки ба ин ҳизб ҳамақида мебошанд, ба муташаккилӣва устуворӣ даъват месозам.

Аз ин нома ба хулосае расидан мумкин аст, ки М. Убайдуллоев дар ҳақиқат коммунисти асил ва ба ақидаи коммунистии хеш устувор мебошад. Аз ҳамин лиҳоз худро бетараф наҳисобида, нома навишт ва коммунистонро ба ваҳдату муттаҳидӣ даъват кард».

Нашрияи «Эътиқод» дар самти тарғибу ташвиқи ғояҳои Ҳизби коммунистии Тоҷикистон вазифаи худро ба дараҷаи зарурат ба сомон мерасонад. Саривақт масъалаҳои муҳимтарини сиёсии дар ҳизби худ ва ҳизбҳои манотиқи давлатҳои муштарак-ул-манофеъ баамаломадаро ба саъми

коммунистон мерасонад. Дар мавриди маъракаҳои сиёсӣ ба мардум муроҷиат намуда, онҳоро барои фаъолона иштирок намудан, коммунистонро дастгирӣ кардан даъват менамояд.

Хулоса, рӯзнома ба аҳли қалами он равияи худ, мавзӯи худ, шаклу тарзи хоси коммунистонаи худро дорад ва дар ин самт кор мебарад. Аз ҳамин лиҳоз ҷонибдорони худро пайдо кард ва дар ҳамин раванд ба муваффақият ноил гардид.

Нашрияи Ҳизби коммунистии Тоҷикистон «Коммунисти Тоҷикистон» дар инъикоси масъалаҳои муҳими ҷомеа низ пешсаф аст. Дар саҳифаҳои аввали ин нашрия, асосан табрикот, суханрониҳои сарвари давлат, қарорҳои плениум, хабарҳои расмӣ ва инчунин анонси нашрия зери сарлавҳаи «Дар ин шумора» ҷой дода мешаванд. Дар саҳифаҳои 2 ва 3 хабару гузоришҳои гуногун аз ҳаёти кишвар («Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷлисӣ Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Вохӯри бо намояндагони ВКД», «Плениуми кумитаи ҳизбии минтақа» ва ғайраҳо ҷой дода шудаанд. Дар саҳифаҳои 4, 5, 6, 7, 8, 9, 10, 11 ва 12 бошад мақолаву мусоҳиба, очерк ва лавҳаҳои портретӣ дар бораи шахсоне, ки бо ҳизб пайвастагӣ доранд ва дар роҳи содиқ будан ба ҳизби худ хизматҳои шоиста карданд ва ё нафароне, ки ба ҳизб хиёнат кардаанд, нашр мешаванд. «Ҳаёти ҳизб», «Ҳар дардро давое», «Саҳифаи бонувон», «Зикри хайр», «Муҷдалар», «Оинаи таърих», «Сухани рӯз» ва «Олами зебоӣ» аз рубрикаҳои асосии ин нашрияанд.

Масалан, дар шумораи №3-юми соли табрикоти Раиси ҲКТ шодравон Исмоил Талбаков ба муносибати солгарди инқилоби кабири сотсиалистии Октябр ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зери сарлавҳаи «Баробарию бародарӣ ва сулҳу субот ҳадафи мост» нашр гардидааст, ки чунин фабула дорад:

«Ҳамдиёрони азиз! Имрӯзҳо мо дар арафаи таҷлили солгарди ду воқеаи муҳими таърихӣ дар ҳаёти халқи пуршарафамон – солгарди ғалабаи Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр -7 ноябри соли 1917 ва қабули

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 6 ноябри соли 1994, қарор дорем» [5, 2016.– №3-4].

Талбаков И. ин ду ҳодисаи муҳими таърихиро бо ҳам алоқаманд дониста, ғалабаи инқилоби кабири сотсиалистии Октябрро заминаи воқеии бунёди давлати миллии тоҷикон бо номи Тоҷикистон донистааст.

Ӯ иброз медорад, ки Тоҷикистон дар натиҷаи амалишавии сиёсати миллии Ҳизби коммунистӣ, ки боиси тақсимоти ҳудудӣ- миллии халқҳои сокини Осиёи Миёна гардида буд, ҳамчун Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистӣ соли 1924 бунёд гардида, минбаъд он соли 1929 ба Ҷумҳурии мустақили Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон табдил дода шуд. Соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон Истиқлолияти давлатии худро ба даст овард.

Раис ҲКТ-ро ҳамчун созмони мустақили сиёсӣ дар ҳудуди Тоҷикистон шуморида, таъкид медорад, ки он фаъолияти худро дар доираи Конститутсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, таълимоти марксистӣ-ленинӣ ва дастовардҳои замони соҳибистиқлолиро бо назардошти ҳифзи манфиатҳои умумимиллӣ, истиқлолияти воқеӣ, як порчагии кишвар, сулҳу субот, амнияти миллӣ, ҳалли муваффақонаи масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва беҳдошти зиндагии мардум, сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, баромади иҷтимоӣ, мавқеи ҷамъиятӣ ва дину мазҳаб ҳимоя намуда, баҳри дар амал тадбиқ намудани онҳо ҷидду ҷаҳд менамояд.

Ҳадафи асосии ҲКТ таъмини адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа, сулҳу субот, баробарию бародарӣ, ваҳдату якпорчагии кишвар ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Ба таъкиди ӯ «Ҳизби коммунистии Тоҷикистон манфиатҳои умумимиллӣ ва умумидавлатиро вазифаи муқаддас ва стратегии худ шуморида, дар фаъолияти сиёсии худ ба онҳо аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад ва фаъолияти тактикии худро ба манфиатҳои умумимиллӣ ва умумидавлатӣ ҳамоҳанг месозад.

Дар ин радиф ҳамкориҳои судмандро бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар созмонҳои ҷамъиятӣ васеъ ба роҳ монда, дар бунёди давлати

соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ ва ягона, ки Конститутсия онро мақсади асосии мо муқаррар намудааст, саҳми арзандаи худро мегузорад».

Дар шумораи №4-и соли 2016-и нашрия матни нохуше интишор гардидааст, ки аз марги нобаҳангоми Раиси Ҳизби коммунистии Тоҷикистон Исмоил Талбаковро дарак медиҳад. Ин мавод, ки «Талбаков Исмоил» ном дорад, як навъ некролог аст, ки аз фавти Раиси Ҳизби коммунистии Тоҷикистон Исмоил Талбаков хабар медиҳад, ҳаёт ва фаъолияти пурсамари ӯро бозгӯ ва идома ёфтани иқдомҳои ӯро таъкид месозад.

Дар мақолаи «Инқилоби Октябр ба мо чӣ дод?» (2016.– №1) мулоҳизаҳо, натиҷа ва дастовардҳои инқилоби Октябр бозгӯ шуда, аз ҷумла зикр гардидааст, ки: «Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр ба азнавсозии инқилобии ҷаҳон, давраи гузариш аз капитализм ба фарматсияи нави ҷамъиятӣ-сиёсӣ бо номи сотсиализм ибтидо гузошт. Бо ифодаи В.И. Ленин вай ба тамоми ҷаҳон роҳи гузаштан ба сотсиализмро нишон дод» [5, 2016.– №3-4].

Муаллиф шаҳомати ин инқилобро баррасӣ намуда, собит кардани мешавад, ки агар ин ҳодисаи таърихӣ «ҳодисаи тасодуфӣ», «табаддулоти давлатӣ» ё худ «хоҳиши чанд нафар авбош» мебуд, то ба охир музаффариятҳои инқилобро ҳимоя карда наметавонист, дар ибтидо ҳуҷуми 14 давлати мутараққии ҷаҳонро, ки «кӯдакро дар гаҳворааш буғӣ кардани буданд», зада барнамегардонид. Агар инқилоби Октябр «моҷарои сиёси»-и фикр карда баромадаи гурӯҳи мансабхоҳон бо сардории Ленин мебуд, вай «муҳосираи иқтисодӣ»-и давлатҳои капиталистӣ баромада наметавонист. Барои боз ҳам асоснок намудани андешаҳояш, аниқтараш эътиқодаш ба инқилоби Октябр ӯ ба гуфтаҳои дигарон рӯ меорад, иқтибос мекунад. Чунончи,

«Пётр Милюков, таърихчӣ, сиёсатмадор, аъзои ҳизби кадетҳо. Белоэмигрант: «Ғалабаи болшевикон тамоюлоти умумии револютсияи Русияро давом дод. Вай давраи навро кушод. Чизи аз ҳама асосӣ дар ин

ғалаба ивазшавии шахсони алоҳида дар сатҳи роҳбарии ҳукумат, ҳатто тағирёбии тактика ва стратегияи амалиёти он набуда, балки пайдарҳамии мавҷи асосии табадулотҳои бузурги револютсионӣ дар Русия мебошад».

Философи машҳури идеалист, белоэмигрант Николай Бердяев мегӯяд: «Инқилоби Рус қувваи бузурги халқи Русияро бедор намуд ва аз банд озод кард. Ана дар ҳамин аст мазмуни асосии он».

Ба дарки муаллифи мақола инқилоби Октябр тақозои замон, натиҷаи амалӣ гаштани қонунҳои объективии тараққиёти ҷамъият буда, бузургтарин бозёфти он барҳам додани истисмори одам аз тарафи одам будааст.

Муҳимтарин ва арзишноктарин бозёфте, ки инқилоби Октябр ба мо дод бунёди давлати миллӣ буд. Дар таърихи халқи тоҷик давлате бо номи ҳамин миллат дар харитаи ҷаҳон пайдо шуд. То ин дам дар тӯли чандин ҳазорсолаҳо дар ҳудуди тоҷикнишин давлатҳои гуногун арзи ҳастӣ кардаанд. Вале ягонтои онҳо номи ин миллатро надоштанд. Ҳоло он ки дар аксари давлатҳои дунё аз рӯзи пайдоишашон номи давлат инъикоскунандаи номи миллатест, ки дар он ҳудуд зиндагӣ мекунад.

Муаллиф ифроз медорад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз узви баробарҳуқуқии Созмони миллали муттаҳид мебошад, меваи ҳамин инқилоби Октябр аст.

Қобили қайд аст, ки ба шарофати инқилоби Октябр на танҳо давлати миллии тоҷикон бунёд гардид, балки дар мавҷудияти Ҷумҳурии шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон пояи моддӣ-техникии ин давлат гузошта шуд. Тоҷикистон аз гӯшаи қафомондаи Бухорои Шарқӣ ба давлати мутараққии индустриявиву аграрӣ табдил ёфт. Тӯли солҳои гуногун даҳҳо шаҳрҳои нав бунёд гардиданд, садҳо ҳазор гектар заминҳои нав обёрӣ карда шуданд, беш аз 430 корхонаи калони саноатӣ сохта ба истифода дода шуд, роҳҳои автомобилгард ба ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон ва роҳҳои оҳан ба марказҳои муҳимтарини маъмурӣ бунёд гардид. Соҳаи илм, маориф фарҳанг инкишоф ёфт.

Хуллас, ҳар комёбие, ки дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангӣ мо дорем, таҳкурсии он дар замони сотсиализм ба шарофати инқилоби Октябр гузошта шуда буд.

Ин як навъ аз муносибат ва мавқеи Ҳизби коммунисти Тоҷикистон дарак медиҳад, ки тавассути нашрияҳои он, аз ҷумла «Коммунисти Тоҷикистон» баён гардидааст.

Дигар аз нашрияи ҳизбие, ки дар инъикоси масъалаҳои сиёсӣ ва тарғиби ғояҳои ҳизбӣ пешсаф аст, нашрияи ҲХДТ «Минбари халқ» мебошад.

Дар ин нашрия зери гӯшаи «Нигоҳ аз Душанбе» дар шумораи № 11 (1043) маводи Солеҳ Юсуфов таҳти унвони «Туркияро дигаргуниҳо дар пеш аст?» зикр мешавад, ки «Аз амали террористии шаби якшанбеи гузашта (13 март) дар пойтахти Туркия ба ҷузъ 37 нафар қурбонӣ садҳо нафар ҷароҳат бардоштанд». Сабаби таълифи маводи мазкур ҳодисаи таркиш дар шаҳри Анқараи Туркия буда, муаллиф бо овардани чанд ҳолати таркиш дар ин кишвар доир ба вазъи давлати Туркия изҳори назар кардааст. Аз таҳлилҳои муаллиф бармеояд, ки ӯ ин масъаларо хуб омӯхта, дар раванди таснифи мавод аз санадҳои аниқ, изҳорот ва суханрониҳои намояндагони мақомотҳои қудратии Туркия ва фикру назари коршиносон истифода кардааст. Ҳадафи асосии муаллиф бо зикри якчанд ҳолатҳои таркиш ва шарҳи нооромии вазъи осоиштаи ин кишвар танҳо расонидани иттилоот набуда, инчунин ҳушдор додани пешгирии таъсири нооромиҳо ба Тоҷикистон низ будааст. Нашри чунин мавод, аз як тараф, барои ташаккули тафаккури иҷтимоиву сиёсии хонанда таъсир гузорад, аз ҷониби дигар, барои ба вуҷуд овардани афкори солим байни омма мусоидат мекунад.

Нашрияи мазкур новобаста аз он ки рисолати асосиаш инъикоси ҳамаҷонибаи ҳаёти ҳизб аст, дар инъкоси мавзӯъҳои соҳаҳои мухталифи ҳаёти хоҷагии халқи мамалакат низ нақши муассир дорад.

Ин нашрияи даврӣ на танҳо ба сиёсати дохилӣ, балки дар инъикоси сиёсати кишварҳои хориҷӣ низ пайваста талош намуда, дар такя ба андешаи коршиносон дар баррасии масъалаҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ низ кӯшиш

мекунад. Бахусус, даргириҳи дар минтақаҳои алоҳидаи Ховари Миёна руй дода Тоҷикистонро низ ба таҳлука овардааст. Кишварҳои Ховари Миёна ба Тоҷикистон ва сулҳу суботи кишвари мо таъсири бевосита доранд.

Дар шумораи №1 (1033)-и ин нашрия бо имзои С. Юсуфов таҳти унвони «Хашми Арабистону Эрон чӣ паёмад хоҳад дошт?» зери гӯшаи «Нигоҳ аз Душанбе» маводе ба нашр расидааст, ки аз нигоҳи жанрӣ мақола аст. Чавҳари мақола «Кушташудани 1 рӯҳонии шиа дар қатори 46 нафари дигари муттаҳам ба терорризм дар Арабистони Саъудӣ шиа мазҳабони дунёро ба шӯр овард» аст, ки дар шакли лид зикр шудааст. Муаллиф сабабҳои асосии кушта шудани рӯҳонии шиамазҳабро дар Арабистони Саудӣ беасос маънидод намуда, нигарон аз он мешавад, ки он метавонад дар оянда ба зуҳури эътирозҳои нав байни шиамазҳабон ва сунъи мазҳабон сабаб гардад. Дар солҳои охир бинобар даргириҳои шадиди динию мазҳабӣ ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таҳлука афтодааст. Аз сабаби он, ки аксарияти аҳолии кишвари моро мусалмонон ташкил медиҳанд, онҳо доир ба ҳаёти ҳамарӯзаи мардуми мусалмони дунё донистан мехоҳанд. Нооромиҳо дар кишварҳои араб аз ҷиҳати иқтисодӣ низ ба Тоҷикистон таъсиргузор аст. Чунки кишварҳои Араб манбаи асосии таъминкунандаи маъсулоти нафт ба шумор меравaнд, онҳо метавонанд дар баланд ва ё паст шудани нархи нафт дар миқёси бозори ҷаҳонӣ нақши ҳалкунанда бозанд. Ин нукта дар маводи мазкур хеле хуб шарҳ ёфтааст. «То ҳол гуфта мешуд, ки Арабистон бо маслиҳати кишварҳои ғарбӣ ва бо мақсади зарари бештар ворид кардан ба иқтисоди Руссия нархи нафтро ба таври сунъи поён мебарад»[168]. Азбаски Тоҷикистон аз кишварҳои воридкунандаи нафт аз дигар давлатҳо мебошад, аз ин рӯ, барои он вазъи кишварҳои истихроҷкунандаи нафт басо муҳим аст. Барои Тоҷикистон кишваре, ки ҳам бо Эрон ва ҳам бо кишварҳои Араб равобити хуб дорад, аз низову мунокишаҳои ду тараф нафъовар нест.

Бо вуҷуди ин ки бо ин кишварҳо робита ва ҳамкориҳои иқтисодии мо дар сатҳи миёна аст, вале тирагии муносибати Арабистон ва Эрон ба муносибатҳои дуҷониба бетаъсир нест. Маводи мазкур бо вуҷуди аз

таҳлилҳои амиқ бархӯрдор будан, ифодакунандаи фикри як нафар аст. Агар муаллиф ба фикру андешаҳои коршиносу мутахасисони низ такя мекард, моҳияти аслии масъала боз ҳам равшантар инъикос мегардид.

Маводи дигаре, ки ба қаламиСолеҳ Юсуфов мансуб аст, «Туркияро дигаргуниҳо дар пеш аст?» зикр мешавад, ки «Аз амали террористии шаби якшанбеи гузашта (13 март) дар пойтахти Туркия ба ҷузъ 37 нафар қурбонӣ садҳо нафар ҷароҳат бардоштанд» [169]. Сабаби таълифи маводи мазкур ҳодисаи таркиш дар шаҳри Анқараи Туркия буда, муаллиф бо овардани чанд ҳолати таркиш дар ин кишвар доир ба вазъи давлати Туркия изҳори назар кардааст. Аз таҳлилҳои муаллиф бармеояд, ки ӯ ин масъаларо хуб омӯхта, дар раванди таснифи мавод аз санадҳои аниқ, изҳорот ва суханрониҳои намояндагони мақомотҳои қудратии Туркия ва фикру назари коршиносон истифода кардааст. Ҳадафи асосии муаллиф бо зикри якчанд ҳолатҳои таркиш ва шарҳи ноороми вазъи осоиштаи ин кишвар танҳо расонидани иттилоот набуда, инчунин ҳушдор додани пешгирии таъсири нооромиҳо ба Тоҷикистон низ будааст.

Нашри чунин мавод, аз як тараф, дар ташаккули тафаккури иҷтимоиву сиёсии хонанда таъсир гузорад, аз ҷониби дигар, барои ба вуҷуд овардани афкори солим байни омма мусоидат мекунад. Зеро маҳз таҳлил, баррасӣ ва баҳсҳо метавонанд боиси тавлиди ҳақиқат гарданд. Яке аз заъфҳои журналистикаи кишвари мо он аст, ки доир ба муносибатҳои геосиёсӣ ва вазъи кишварҳои минтақаҳои алоҳида таҳлилҳои объективона камтар аст.

Нашрияи мазкур новобаста аз он ки рисолати асосиааш инъикоси ҳамаҷонибаи ҳаёти ҳизб аст, дар инъкоси мавзӯъҳои соҳаҳои мухталифи ҳаёти хоҷагии халқи мамалакат низ нақши муассир дорад.

Умуман, нашрияи даврии «Минбари халқ» бо тақозои набзи замон, мавзӯъ ва масъалаҳои муҳими сатҳи кишвариву хориҷиро фаро гирифта, дар бозтоб ва дарку маърифати моҳияти онҳо аз ҷониби хонанда саҳми намоён гузоштааст.

Дигар аз нашрияи ҲХДТ, ки дар инъикоси воқеиятҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангии кишвар ва берун аз он нақш дорад, «Сухани халқ» аст. Яке аз самтҳои асосии фаъолияти нашрияи «Сухани халқ» инъикоси масоили сиёсии кишвар, аниқтараш пахши иттилооти гуногуни сиёсӣ дар қаламрави вилояти Суғд мебошад.

Дар ин нашрияи даврӣ маводи таҳлилӣ ва публитсистию бадеӣ нисбатан зиёд ба чашм мерасанд. Барои мисол, дар шумораи №21 (03.06.2015) таҳти унвони «Инро ба касе гӯй, ки туро нашносад» матолиби Назирмарди Сафар ба нашр расидааст, ки онро аз нигоҳи жанрӣ метавон ба фелетон нисбат дод. Дар он доир ба шахсияти Абдуло Ҳабибов ва найрангҳои ӯ сухан меравад.

Муаллиф бо як руҷӯи лирикӣ суханро аз шарҳи сарлавҳа шурӯъ кардааст. «Дар интихоби сарлавҳа хеле истиҳола кардам. Вале беҳтар аз ин истилоҳе пайдо карда натавонистам, ки хислати қаҳрамони матлабро пурра инъикос кунад. Зиндагиаш саропо бо ҳамин сифат тавъам аст. Ҳамеша дар ҳаёт худро дар зоҳир яку дар ботин дигар нишон додааст. Талош дорад худро тавре ба атрофиён муаррифӣ созад, ки умри худро сарфи хизмати мардум кардааст. Маҳз ҳамин кӯшишҳои мунҳарифсозаш таҳрикам доданд, ки қалам ба даст бигираму бо ин навишта чеҳраи аслашро барои онҳое бикушоям, ки ӯро намешиносанд ва худашро низ ҳушдор созам» [211].

Шарҳи мазкур фабула аст, ки барои ироаи андешаи муаллиф ва ё нақли корнамоиҳои қаҳрамон гиреҳро мекушояд. Чунончи дар ин матлаб гиреҳи аввал муаррифии зиндагиномаи Абдулло Ҳабибов ва чи гуна ба сари мансаб омадани ӯ аст.

«Албата, ҳар як шаҳрванди кишвар ҳаққи ибрози назар дорад, вале фикру андеша бояд такя бар мантиқ дошта бошад ва ҳамзамон хонандаро ҷониби раҳгумӣ набарад. Ин амал хоси генерали мустаъфии мост, чун ҳаёташро ҳамеша бо назардошти набзи замон тағйир додааст....

Котиби вақти КМ Ҳизби коммунистии Тоҷикистон Раҳмон Набиев шахсан ӯро ба вазифаи роҳбари ҳизбии Вазорати корҳои дохилӣ пешниҳод карда буд. Вале соли 2011 дар мусоҳибааш бо хабарнигори ҳафтаномаи

«Азия-Плюс» Абдулло Ҳабибов намояндагони шимоли ҷумҳурӣ, хусусан Раҳмон Набиевро, шадидан ҳамчун маҳалгаро маҳкум кард. Нафаре, ки худро интернатсионалист ва дӯсти Россия мехонд, ҳамватанони худро ба ду гурӯҳ, шимолу ҷануб тақсим кардаю дар муқобили ҳам мегузорад. Онҳоро дар қавмпарастию маҳалпарасти гунаҳкор мекунад. Оҳоеро, ки ӯро то пояи баланд бардошта буданд. Сабаб чӣ буд? Сабабаш аз байн рафтани низоми коммунистӣ буду фаророрасии даврае, ки Абдулло Ҳабибов барин ашхос мисли бӯқаламун ранги худро бояд иваз мекарданд».

Гиреҳи дуюм, ба муносибати қаҳрамон ба ҳизб, вазифа, мансаб ва мавқеи иродавии ӯ иртибот мегирад. «Вале касе интизор набуд, ки садоқати коммунисти матин Абдулло Ҳабибов ба ҳизбе, ки ӯро дар канораш парвардаю ҷойгоҳи бофароғатеро дар ҷомеа барояш ато карда буд, ин қадар зуд дар ҳам мешиканад ва дар лаҳзаҳои ҳассостарин аз мардуме, ки ҳамеша фармонбардораш буданд ва ҳукумати нондодааш пушт мегардонад. Дар рӯзҳои вазнини соли 1990, аз мансаби баландаш сӯистифода намуда, ба дасти омилони бетартибиҳо баландгӯяк медиҳад ва оғозбахшони ҷанги шаҳрвандиро таҳти ҳимоят мегирад».

Гиреҳи сеюм, ки муаллиф ҳамчун далел меорад, замонасозӣ кардани қаҳрамони мақола мебошад: «Ёрони майдониашро Абдулло Ҳабибов зуд фаромӯш кард. Дақиқтараш зуд эҳсос кард, ки бо эшон роҳи фардояш наметавонад дурахшон бошад. Худро ба оғӯши нерӯҳое партофт, ки ҳукумати қонуниро дар ҷумҳурӣ барқарор карданд. Бидуни сурх гаштани рӯяш дар баробари вазифаҳои дирӯзаи коммунистӣ, узвияти ҲХДТ-ро қабул кард. Соҳибмансаби коммунист, демократи мухолиф акнун намояндаи ҳизби ҳоким гашт....» [9, 2015.– 3 июн].

Нигоранда ин гуна шахсонро дурӯя ва миллаткуш номида афзудааст: «дар паҳлӯи Спитамену Темурмалик Восеъ маҳз ҳамин абдуллоҳабибҳо худро ҷой карда буданд. Бо ҳазор забон ҳарф мезаданд, ҳазорҳо тавбаву савгандҳо мехӯрданд. Ҳамеша зарбаро ногаҳонӣ ва аз қафо мезаданд. Чун замон дигар шуд, симо иваз кардаву мекунанд. Ҳама муқаддасотро

фурӯхтаанд. Навиштаи банда Абдулло Ҳабибов ва чеҳраи аслии ӯро фош накардааст. Ӯ худаш, бо дасти худаш, бо забони худаш, бо амалу рафторҳову кирдораш кӣ будани худашро фош кардааст. Аҳсану офарин ба чунин забондарозиву кӯтоҳандешӣ. Сабаби фоҷиаҳои заминиро набояд дар осмон ҷуст. Зеро онҳо аз худи мо сар мезананд».

Ҳамин гуна оҳанг дар нигоштаи Нуриддини Давлатзода «Сӯхторе, ки як дурӯғро фош кард» (2011.–15декабр) низ ба мушоҳида мерасад. Дар ин матлаб оид ба фаъолияти сиёсатмадор Ҳоҷи Акбари Тураҷонзода сухан рафта, қайд мегардад, ки мақсади ин шахс на тарғиби дини ислом, балки сиёсатро бо ислом омехта намудан, пайи дассисаҳои худ амал кардан аст. Муаллиф бар он аст, ки худ шоҳиди воқеаҳои солҳои навадум шуда, дасисаҳои ин «пешво»-и дини исломро дидааст, ки ҳамаи майдонкашию шиорпартоиҳо танҳо барои курсии мансаб будааст, на аз ин бештар.

«Ҳамин ки Ҳоҷи Акбар савори аспи мансаб шуду қамчини муовини сарвазири кишварро ба даст гирифт, маълум шуд, ки ӯ дар навбати аввал сиёсатмадор будааст ва танҳо баъд аз он мусалмон. Зеро ҳамин ки галстук баргардан намуд, хешро аз масоили динӣ дур кашид ва танҳо баъди аз вазифа рафтан ҷелак ба бар карду боз ба сиёсати ислом олудаи хеш баргашт» [9, 2008.– 20 май].

Аз таҳлилҳои ин гуна матолиб бармеояд, ки ин нашрия ба интишори мақолаҳои таҳлиливу танқидӣ, ки камбудиҳои баъзе сохторҳои давлат ва созмонҳои ҳизбиро ифшо месозанд, низ таваҷҷуҳ менамудааст. Табиист, ки Ҳукумати кошвар барои болоравии сатҳи иқтисоду фарҳанги ҷомеа талошҳо зиёде мекунад. Вале дар рафти тадбиқи онҳо мушкилот сар мезанад, ки ба зудӣ ҳаллу фасли худро намеёбанд. Бинобар ин, нашрия барои нишон додани моҳияти мушкилот ва дарёфтани роҳҳои бартарафсозии он низ кӯшиш менамояд.

Аз ҷумла, дар мақолаи Фирдавси Аъзам узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон «Китобхони магар суннати гумшуда аст» (2016.– 13 январ) доир ба китоб ва китобхонӣ, мизони китобхонӣ, вазъӣ китобхонаҳо, марҳилаҳои

китобхонӣ, омори китобхонаҳо, китобҳои фармоишӣ ва китоб-интернет баҳс мекунад.

Муаллиф мутмаин аст, ки «воқеан, ҳеҷ расонае ба андозаи китоб дар тавлиди андеша ва маърифат саҳмгузор нест. Ба гуфтаи аксар ҷомеашиносон ақвом ва миллате, ки аҳли китоб ҳастанд ва китобу китобхонӣ миёнашон ривоҷи бештар дорад, метавонанд, фарҳанги мондагор ва пӯётаре аз худ ба ҷой гузоранд» [10, 2016.–13 январ]. Аммо дар ҷомеаи муосири тоҷик мардум ба китоб ва китобхонӣ чандон майл надоранд. Ба фикри муаллиф «воқеияте, ки дар мавриди китоб дар ҷомеаи мо вҷуд дорад, ин аст, ки мо дар муқоиса бо дигар миллатҳо китобро кам мутолиа менамоем. Мутаассифона, ҳанӯз дар бисёре аз хонаводаҳои мо фарҳанги мутолиа ва китобхонӣ ба унвони як суннат ва расми фарҳангӣ пазируфта нашудааст. Китобхониро бояд дар ҷомеа тарвиҷ кард, яъне одат кунонидани афрод ба китобхонист» [9, 2016.–13 январ].

Бино ба омори дар ин мақола истифодашуда имрӯз дар миқёси вилояти Суғд 354 китобхона мавҷуд аст, ки теъдоди китобҳои мавҷуда бо ҳама забонҳо 2574161 ададро ташкил медиҳад, ки аз онҳо 791639 тоҷикӣ, 1364572 русӣ, 402398 ӯзбекӣ ва 15552 бо забони дигар мебошанд. Шумораи истифодабарандагон аз ин китобхонаҳо чунин будааст: тоҷикон-136108 нафар, русҳо-2637 нафар, ӯзбекон 46309 нафар, миллатҳои дигар 495 нафар. Бо зикри ин омор муалли аз он нигаронӣ мекунад, ки «дар зарфи 9 моҳи охир дар соли 2015 танҳо 2715 китобҳои нав ба китобхонаҳо ворид карданд, ки ин рақам бо таваҷҷуҳ ба ҷамъияти вилоят аслан ризоиятбахш нест» [9, 2016.–13 январ].

Хусусияти хос ва муассири ин мақола дар он аст, ки муаллиф дар баробари таҳлили вазъи китобхонаҳо ва дастрасӣ ба онҳо сабабҳои ба китобхонӣ камтар майл доштани мардумро мефаҳмонад ва меафзояд: «Биёед, ба худамон савол диҳем, ки чаро бояд китоб хонем? Ба ақидаи коршиносан аз он ҷиҳат китоб хондан зарур аст, ки он барои мо иттилооти мухталиф медиҳад ва дар шаклгирии шахсиятҳо муҳим аст. Лозим ба қайд аст, ки бо

пешрафтҳои имрӯз мутолиаро набояд танҳо дар китоб хондан маҳдуд кард, ки аксар мутолиоти афрод дар фазои маҷозӣ ба василаи Интернет сурат мегирад. Мардум имрӯз ба интернет одат карданд ва побанди он гаштаанд. Ҷодуи фанновариҳои навин одами имрӯзаро асири худ кардааст. Онҳо вақт доранд, аммо завқи хондан надоранд».

Ҳамин тариқ, муаллиф мушкилоти китобхонаҳо ва сабабҳои камтаваҷҷуҳӣ ба китобхониро бо далелҳо таҳлил намуда, ба хулосаи дуруст меояд, ки «дар ҷомеа бояд суннати китобхонӣ ривоҷ ёбад. Ин кор ба уҳдаи он дастгоҳҳоест, ки дар ин замина масъуланд. Ба гумонам, бояд таблиғоти китобхониро дар ҷомеа пиёда кунем ва нисбати он дар ҷомеа бетараф набошем» [9, 2016.–13 январ].

Мусаллам аст, ки раванди ҷаҳонишавӣ дар баробари паҳлуҳои мусбати худ имрӯз башариятро дар рӯбарӯи омезишу бархӯрди арзишҳо ва фарҳангҳои гуногун қарор додааст. Бинобар ин, кормандони нашрияи «Сухани халқ» мекӯшанд, ки дар ин самт низ муштариёни худро воқиф гардонанд. Масалан, мақолаи А. Бердиева устоди коллеҷи тиббии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров «Ҷаҳолатро пеша накунед» (2015.– 29 июн) дар бораи ифротгароӣ, ки мавзӯи доғи рӯз буда, дар сар задани он омилҳои беруна низ таъсир мегузоранд, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

«Ифротгароӣ амалест, ки то ҳоло ҷомеаи ҷаҳониро пешорӯйи хатар қарор додааст ва бархе давлатҳои олам дар ин раванд нотавон монда иддаи дигар тадбири халосӣ меҷӯянд. Ифротгароӣ пеш аз ҳама, теша ба решаи дарахти сабзи суботу амният ва сулҳу ваҳдат мезанад. Садҳо кӯдаконро дучори хушунату бепарасторӣ, гуруснагию дар ба дарӣ сохта, садҳо модаронро мубталои доғи фарзанд ва кишвару миллатҳоро ба вартаи ноэминӣ тела додааст. Ҷангу хунрезӣ ва қатлу ғорат аз ҷумлаи нангинтарин ва палидтарин падида дар радифи зилзила, сел, вабо, қаҳтӣ ва тирагӣ маҳсуб шудааст».

Бахши дигари фаъолияти нашрияи мавриди назар воқиф намудани муштариёни худ аз рӯйдоду воқеаҳои марбут ба ҳаёти кишвар, ҲХДТ,

намояндагон он, қарору дастур ва супоришҳои Президент ва раиси вилоят мебошад, ки аксаран зери рубрикаи «Навидҳои ҳизбӣ» ба табъ мерасанд. Масалан, «Вохӯрии Раиси кумиҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Ниёзов Тоҷиддин сурат гирифт» [205]. «Қоҳир Расулзода: Фазои иттилоотии вилоят беҳтар мешавад» (2011.– 16 март), «Ҳамоиши дипломатии Душанбе» (2011.– 2 сентябр) ва ғайра.

Масалан, «Сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вилояти Суғд» (2012.– 23 ноябр), ки аз нигоҳи жанрӣ ҳисобот аст, сафари кории сарвари давлатро ба вилояти Суғд бозгӯ намудааст. Муҳтавои ин матн хонандаро ба хати ҳаракати сафари Роҳбари давлат ба вилояти Суғд ошно мегардонад, завқи ободкориву созандагии ӯро вусъат мебахшад.

Вижагии дигари ин ҳисобот он аст, ки расм ва сарлавҳа ва матн ба ҳам алоқамандии мантиқӣ дошта, дар якҷоягӣ мазмуни ҳисоботро комилтар гардонидаанд.

Мавриди зикр аст, жанри ҳисобот нашрияи даврии «Сухани халқ» нибатан серистемол аст. Чунончи, матлаби Моҳира Раҳимзода «Трафикаи занон ва оқибати он» (2012. – 7 январ).

Предмети инъикоси ин матлаб чорабинии шуъбаи кор бо занони кумиҷроияи вилоятии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон аст, ки дар маҷлисгоҳи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон доир ба мавзӯи хариду фурӯши одамон, хосса занон баргузор гардидааст. Ин чорабинӣ ба сухан иртибот дорад, ки хоси жанри ҳисобот аст. Аммо, дар гузориши сарлавҳа муаллиф андаке аз мавзӯъ дур шудааст, зеро моҳияти матлаб на трафик- хариду фурӯши одамон, балки мушкилоти худсӯзӣ, ҷудошавии оилаҳо, дур мондани духтарон аз таҳсил ва амсоли ин аст. Ҳамчунин аксе, ки ҳамроҳи матн чоп шудааст, ифодагари занҳои нимбараҳна буда, ба хонанда таъсири бад мерасонад. Ба назар чунин мерасад, ки сурат ва сарлавҳа чизи дигарро ифода менамояду матн ҳадафи дигарро [9, 2012.–7 декабр].

Ҳамин тавр, аз таҳлили маводи нашрияи даврии «Сухани халқ» бармеояд, ки дар он жанри ҳисобот мавқеи нисбатан назаррас дорад, ки аз назари раддабандӣ пас аз хабар қарор дорад. Кормандон ва рӯзномагорони ин нашрия дар қолаби ин жанр воқеаву рӯйдодҳои марбут ба ҳаёти ҳизб ва мулоқоту вохӯриҳои робари ҳизб ва намояндагони онро мавриди инъикос қарор додаанд.

Ҳафтаномаи «Сухани халқ» дар инъикоси масоили сиёсӣ нақши муҳим дорад. Дар инъикоси чунин масъалаҳо он манфиати ҳизбро дифоъ мекунад ва афкори сиёсии онро байни мардум тарғиб месозад.

Аз мавзӯъҳои дигаре, ки дар ин нашрия таносубан мавқеи намоён дорад, муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки нашрия ба ин мавзӯъ диққати бештар зоҳир намудааст. Ба далели фикр нигоштаи Абдусабури Абдуваҳҳоб бо номи «Сарборӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ» (2008. – 17 декабр) ва сармуҳаррири нашрия «Аз Ватан вақте, ки мераванд» (2012.–7 январ) зикр менамоем. Дар нигоштаи аввал аз иқдоми сарвазири вақти Федератсияи Русия нороҳат аст. «Сарвазири Русия Владимир Путин зимни гуфтугӯйи мустақим бо шаҳрвандони кишвараш дар заминаи саволи як хонум ба кормандони Вазорати рушди иҷтимоӣ супориш дод, ки соли 2009 шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ 50% кам карда шавад…. Вазъи иқтисодии Тоҷикистон нигаронкунанда аст. Аз ин хотир ҳукумати ҷумҳурӣ хостгори он аст, ки ҷой барои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ин кишвар зиёд карда шавад».

Нақзи ҳуқуқи муҳоҷирон аз ҷониби кордиҳандагон ва кӯчбандӣ ё худ афзоиши шумораи занҳои муҳоҷир нуктаҳои дигаре мебошанд, ки дар мақолаи мазкур ба баррасӣ кашида шудаанд. Бо вуҷуди таҳлили камбудиҳо муаллиф некбин аст ва умед бар он бандад, ки «тарафҳо ба мувофиқа меоянд ва ин масъала сарборӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ нахоҳад шуд» [10, 2008.–17 декабр].

Дар мақолаи дуюм, ки «Аз Ватан, вақте ки мераванд» ном дорад, масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ андаке фарохтар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, ба норасидани кадрҳои баландихтисос, кам будани

маош, соатҳои дарсии забони русӣ дар мактабҳои оливу миёна, қабул кардани шаҳрвандии Русия аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ ва амсоли ин таваҷҷуҳ шудааст.

Муаллиф аз ҳоли нафаре аз муҳоҷирон қисса мекунад, ки тӯли ду сол дар мулки ғайр будааст, ба ғайр аз азобу кулфат ва ранҷу озор чизе насибаш нагаштаву ду дасти холӣ ба ватан баргаштааст. Ба назари ӯ «Тоҷикон он қадар сарсахт, ки дар кишвари худ низ фирефтаи панди «роҳбаладон» мешаванд. Бовар намекунед, пас ба маълумоти шумо мерасонем, ки дар вилоят даҳҳо нафар шахсоне ҳастанд,ки бо будубоши муҳоҷирони меҳнатӣ сарукор доранд. Рӯзе нест, ки онҳо тавассути сайрхатҳои худ муҳоҷирони моро ҳам бо роҳи қонунӣ ва ҳам ғайриқонунӣ ба ин кишвари азим сафарбар мекунанд. Нафарони зиёде шикоят меоранд, ки ин гуна «роҳбаладон»-и ғамхор борҳо онҳоро дар сари чорроҳаҳ гузошта, ба қавле думро хода мекунанд» [10, 2012.–7 январ].

Мавзӯи дигаре, ки дар нашрияи «Сухани халқ» пайваста мунъакис мешавад, ҳаёти фарҳангиву адабӣ аст. Масъалаҳои марбут ба ин мавзӯъ, ҳамчунин асарҳои адабии насриву назмӣ, асосан дар рубрикаи «Оинаи хирад» ҷой дода мешавад.

Яке аз мақолаҳои калонҳаҷме, ки дар чандин шумораи ин нашрия ба табъ расидааст «Сайр дар Бӯстони Саъдӣ» ном дошта, ба қалами профессор, Абдуманнони Насриддин тааллуқ дорад. Муаллиф бо баррасиҳои худ хонандаро ба сайри «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ мебарад. Ҳикояҳои зиёдро рӯйи саҳифа меоварад ва дар поён порчаҳоро ва гоҳҳо ҳикояҳои бузургро аз назм ба наср баргардон мекунад, то дарки маънӣ ба хонанда осон гардад. Ҳамзамон, калимаҳои душворфаҳмро аз луғатномаҳо ҷамъоварӣ намуда эзоҳ медиҳад.

Ин хизмати устоди зиндаёд боиси таҳсин ва шоистаи ифтихор аст. Ин аст, ки нашрияи мазкур нисбат ба масъалаҳои илму адаб бетараф набуда, бобати ин мавзӯъ саҳифаи махсус ташкил намудааст, ки тавассути маводи он хонандагон бевосита аз олами илму адаб бархӯрдор мешаванд.

Умуман, нашрияи ҲХДТ новобаста аз он ки рисолати асосиаашон инъикоси ҳамаҷонибаи ҳаёти ҳизб аст, дар бозтоби соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, масъалаҳои мухталифи ҳаёти хоҷагии халқи мамалакат, ҳаёти фарҳангиву адабии кишвар низ нақши муассир доранд.

Нашрияи дигаре, аз нигоҳи мазмуну мундариҷа нисбатан рангоранг аст, нашрияи ҲДТ – «Адолат» аст. Маълум аст, ки Ҳизби демократи Тоҷикистон дар замони ҳукуматдории собиқ президентони кишвар Раҳмон Набиев ва Қаҳҳор Махкамов, яъне дар авҷи даргириҳои сиёсӣ ба фаъолият шурӯъ намуд ва ба воситаи нашрияи «Адолат» дар баррасӣ ва таҳлили вазъи сиёсӣ ва ҳалли масоили мубрами ҷомеа саҳм гузошт.

«Адолат» – нашрияи Ҳизби демократии Тоҷикистон таъйиноти сиёсию-ҷамъиятӣ доштааст. Нашрия бештар ба инъикоси фаъолияти сиёсии шахсиятҳои ҳукуматӣ таваҷҷуҳ намудааст. Масалан, дар яке аз шумораҳои он (1992.–№4 (16)) мақолае таҳти унвони «Дарди ҳасуд» ба нашр расида, ки перомуни кашмакашиҳои сиёсатмадорони қудратманди замон Сафаралӣ Кенҷаев ва прокурори вақт Нурулло Ҳувайдуллоев баҳс мекунад. Аз таҳлилҳои муаллифи мақола Н. Шерзод бармеояд, ки С. Кенҷаев ва Н. Ҳувайдуллоев барои ба даст овардани вазифа ва амалӣ намудани манфиатҳои шахсӣ ба қонуншиканиҳо даст задаанд. Ӯ изҳор медорад, ки: «дар яке аз иҷлосияҳои охир (С. Кенҷаев) даст пеши бар гирифта, ба Маҳкамов мегуфт: «Шумо илтимос, аз вазифа равед, натарсида равед, ман ҳам меравам». Рафтани Маҳкамовро бар он асос мекард, ки дар Майдони Озодӣ беҳтарин фарзандони халқ, ки аз тамоми ҷумҳурӣ ҷамъ омадаанд, истеъфояшро тақозо доранд. Қ. Махкамов ба истеъфо рафт. Аммо Сафаралӣ Кенҷаев дар ҷои собиқаш монд ва гирдиҳамомадагони майдони Озодиро «қаротегинӣ» эълон кард». Ба андешаи муаллифи мақола ин «бозии сиёсӣ»-и С.Кенҷаев як навъ усуле барои ба сари ҳукумат омаданаш буд, ки бо сабабҳои муайян нақше бар об шуданд. Дар ҳамин мақола муаллиф изҳор менамояд, ки «С.Кенҷаев то ин дам чун ҳуқуқшиноси покизакор маъруф буд, кунун (Баъди аз вазифа рафтани Махкамов Б.Б.) ба қонуншиканиҳои рӯирост пардохт. Чун медонист,

ки Раиси Шурои Олӣ мешавад, барои имкониятҳоро ба фоидаи худ тоб додан, рӯзи 23-ум пешниҳоди ғайриқонунӣ ба миён гузошт, ки тибқи он дар Тоҷикистон бояд то анҷоми соли 1991 вазъи фавқуллода ҷорӣ мешуд». Ин тасмими С.Кенҷаев «боиси шармандагии роҳбарияти нави ҷумҳурӣ гардид».

Дар мақолаи мазкур амалҳои манфиатҷӯёнаи прокурори вақт Н.Ҳувайдуллоев низ мавриди таҳлил ва интиқод қарор гирифтааст. Чунончи муаллифи мақола ёдрас гардидааст: «Ҳувайдуллоев низ дар зиракӣ аз С.Кенҷаев кам нест. Ӯ чун пай бурд, ки раиси Шӯрои Олӣ интихоб шудани Кенҷаев ҳолашро табоҳ мекунад, саросема номзадии Набиевро пешниҳод намуд. Зеро яқин дошт: Набиев ба овози бештаре соҳиб шуда метавонад ва ин комёбӣ хавфро нисбатан кам мекунад ва аҷаб нест, ки дар натиҷа оянда Сафаралӣ Кенҷаев шояд раиси Шӯрои Олӣ интихоб нагардад...».

Агар ба таҳлилу баррасиҳои муаллифи мақола наздиктар нигарем, метавон пай бурд, ки мақолаи интиқодӣ буда ба шахсияти мансабдорони замон бахшида шуда аз одоби этикаи нашриянигорӣ берун мебошад. Муаллиф ба масъала на ҳамчун рӯзгоманигор, балки чун адвокат баҳогузориву хулосабарорӣ кардааст, ки ин хоси кори журналистӣ нест.

Дар шумораи №26 (38), 1992-и нашрияи мазкур маводе ба нашр расида, ки дар он сиёсати сатҳии Президентии вақти кишвар – Раҳмон Набиев мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаалифи мақола Н. Одил ба он андеша аст, ки ҳарчанд иттилооти тавассути воситаҳои ахбори омма доир ба фаъолияти ҳукумат аз фаъолияти бобарори Р. Набиев бозгӯ мекунанд, аммо натиҷаи фаъолияти то имрӯзаи ӯ суст аст. Ба ин мазмун ӯ таъкид менамояд, ки дар «кишваре, ки куштори одамони бегуноҳ идома дорад, гунаҳкорони воқеӣ ба ҷазо намерасанд, иқтисодиёт бештар хароб мешавад, аҳволи мардуми оддӣ торафт вазнинтар мегардад, пас агар ҳукумати вақт аз уҳда кардани вазъият набарояд, чунин ҳукумат чӣ лозим аст?» [144].

Давоми мантиқии ин матлаб боз ҳам фаъолияти раиси ҷумҳурро зери савол мегузорад. Ба таъкиди муаллиф «сарвари давлат, яъне президент бошад, дар мамолики мутамаддин рамзи бахту осоиш, ваҳдату ягонагии

мардум, тимсоли халқ аст ва касе ҳуқуқ надорад бе асосу далели қотеъ ба ӯ нобоварӣ изҳор кунад. Муаллифи мавод таассуф мехӯрад, ки «президенти нав тавлиди мо кай ба чунин манзалату боварӣ соҳиб мешавад, маълум нест». Ӯ сабабҳои чунин нокомиҳоро дар фаъолияти президентии Р. Набиев дар он медонад, ки раиси ҷумҳур бояд дар атрофии худ ашхоси соҳибмаърифат ва доноро бигзорад, на ҷинояткору ҳосусонро. «То аз ашхоси шубҳаноки атрофаш халос нашавад ва самимияту ростгӯиву росткориро, ба манфиати худаш ҳам набошад меъёри кори ҳаррӯза накунад, ба он мақом мушарраф нахоҳад шуд»?» [1, 1992.–№26 (38].

Тибқи назариёти илмӣ журналистикаи амалӣ ҳамон вақт рӯ ба рушд мениҳад, ки агар дар бораи тамоми шахсиятҳои расмӣ ва соҳаҳои гуногуни ҷомеа мавод пешниҳод карда тавонад ва қатъи назар аз ҳаргуна монеа чун довари ҳақиқӣ ва миллатдӯст масъалаҳоро мунсифона баррасӣ намояд. Бо назардошт ин, дар навиштаи мазкур фаъолияти президенти вақти кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки аз озодии муҳити журналистика дар он замон дарак медиҳад.

Нашрияи «Адолат» дар инъикос ва таҳлилу баррасии масоили мухталифи сиёсӣ ва иҷтимоиоро бо назардошти ақоиди гуногун ба роҳ мондааст. Аз ин нашрия метавон матолиби зиёдеро номбар кард, киба шахсият ва фаъолияти сиёсии ашхоси воломартаба бахшида шудаанд. Чунончи, «Дар Тоҷикистон имрӯз беҳокимиятии том ҳукмфармост. Президент ба ҷойи кафили якпорчагии ҷумҳурӣ, ваҳдати мардуми он шудан, баръакс, яке аз оташдиҳандагони ҷанги бародаркушӣ гаштааст» (1992.–№26 (38), «Раҳмон Набиев – Иҷозат диҳед аз номи Шумоён» (1992.–№26 (38), «Деви наҳс ё деви киёмат?» (1992.– №8 (20), «Гунаҳкори асосӣ худи президент аст» (1992.–№4-3 (46), «Умед аз сароб» (1992.–№34(26)), «Раиси ҷумҳур худро ба маризӣ зад» [1, 1992.–№26] ва ғайра фаъолияти сиёсии ашхоси мансабдор, бахусус Раҳмон Набиевро фаро гирифтаанд, ки бевосита аз чигунагии вазъи сиёсати замон дарак медиҳад.

Бояд дар назар дошт, ки нашрияи «Адолат» дар инъикос ва таҳлилу баррасии масоили мухталифи сиёсӣ ва иҷтимоӣ рӯҳияи гуногунфикрии ҷомеаро ба назар гирифтааст. Агар матолиби ин нашрияро аз рӯйи мавзӯъ тақсимбандӣ кунем, маълум мешавад, ки матолиби фарогирии фаъолияти сиёсии ашхоси сиёсӣ, ки моҳиятан баҳсангезанд, нисбатан бартарӣ доранд. Ба ин манзур, метавон гуфт, ки нашрияи «Адолат» дар ибтидои таъсиси худ, дар инъикоси маводи барраскунандаи фаъолияти сиёсии ашхоси давлатӣ хеле фаъол будааст. Аммо ба назар чунин мерасад, ки аксари чунин матолиб моҳиятан ғараз дошта, барои беорӯ кардани ашхоси муайян навишта шудааст.

Дар ин маврид зикри ин нукта муҳим аст, ки ҳизбҳои сиёсӣ самтҳои тарвиҷи сиёсати худро дар баррасӣ ва интиқоди барнома ва ҳадафҳои сиёсии ҳизби дигар асоснок намуда, кӯшиш менамоянд, ки ба ин васила муҳимият ва аҳамияти ҳадафҳои сиёсии худро ба мардум фаҳмонанд. Аз ин рӯ, дар навиштаҳои нашрияҳои ин ё он ҳизб танқид ва беасос шуморидани матолиби ҳизбҳои дигар кам бошад ҳам, ба назар мерасанд. Маълум аст, ки ҳар як аз намоянда ва ё шаҳрванди қаторӣ бо такя ба қонун ва санадҳои мавҷуд, ҳамчунин этикаи касбии журналистӣ ҳуқуқи изҳори андеша ва танқиди афкори баҳснокро дорад. Аз ин лиҳоз, ҳизбҳои сиёсӣ барои собит сохтани бартарияти нақшаҳои сиёсии худ камбудӣ ва норасоиҳои ҳизбҳои дигарро таъкид мекунанд. Дар нашрияи мавриди назари мо – «Адолат» низ дар чунин рӯҳия навиштаҳои зиёде ба назар мерасанд. Чунончи, дар навиштаи хурд бо номи «Агар ҳизби коммунист номус медошт…», ки ба қалами як ронанда Абдулвоҳид Аъламхон тааллуқ дорад, таъкид гардида, ки ҳизби мазкур «танҳо ба гирифтан одат кардаву ба додан не» [145]. Муаллиф ҳизби мазкурро ба он айбдор менамояд, ки нақлиёти ба ҳизб тааллуқ доштаро, ки аз замони шӯравӣ боқӣ монда буданд, ҳизби коммунист ба нархҳои арзон ба фурӯш баровард, ки ба маблағи гирифта шуда, танҳо шиками якчанд намояндаи ин ҳизб сер мешуду бас.

Дар мақолаи дигари ин нашрия бо номи «КПСС: «Беғаразона кӯмак мекунем» ҳизби КПСС интиқод шудааст, Дар мақолаи мазкур оид ба кӯмакҳои ғаразмандонаи ҳизби мазкур ба кишвари Афғонистон матолиб маълумот дода шудааст. Муаллифи ин навишта таъкид медорад, ки ҳизби мазкур бо «кӯмакҳои худ», ки аз яроқу аслиҳа иборат аст, ба Афғонистон дода, ба ивази ин кӯмакҳои «хуб» мавизи афғонӣ мегирифтааст. Бино ба таҳлилҳои ӯ ҳизби бераҳм «бо кӯмакҳои худ ҳам мардумро аз байн мебарад ва ҳам худ манфиат мебинад. Бо «кӯмакҳояш» кӯмак мекунад, ки бародар бародарашро бикушад. Дар интиҳои мақола муаллиф ёдрас месозад, ки «Дар ҳизби коммунисти Тоҷикистон ҳам чунин мушовирони дирӯз танксавору имрӯз «Волга»- савор кам нестанд» [1, 1992.–№26].

Ин нашрия доир ба масъалаҳое, ки ба тарвиҷи сиёсати ҳизб нигаронида шудаанд, маводи зиёдро ба нашр расонида, ки бо мутолиа онҳо хонанда метавонад нисбат ба ҳизби мазкур дилгарм шавад ва онро ҷонибдорӣ кунад. Зеро матолиби дар мавриди сиёсати ҳизб ба нашр расида бо далелҳои саҳеҳ ва бурҳони қотеъ баён гардида, ки оянданигар ва миллатгаро будани ҳизби мазкурро таъкид медорад. Дар ин замина нашрия ба мавзӯъҳое, ки ба сатҳи тафаккур, ҳуқуқи сиёсии мардум ва манфиати халқ аҳамиятнок, ба монанди таҳсил, кор, саломатӣ, шахсият, фаъолият, муносибат ва ғайра бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Чунончи, дар шумораи № 34 (46), 1992-и нашрия мақолае бо номи «Парвози қатъшуда» ба чоп расидааст, ки дар бораи таҳсили тоҷикписарон дар Эрон мебошад. Тибқи маълумоти муаллифи мақола вазири нақлёти Тоҷикистон зимни сафари худ ба Эрон ба як қатор шартномаҳо имзо кардааст, ки мувофиқи яке аз он шартномаҳо бояд тарафи Эрон 15 нафар ҷавонони тоҷикро ба таҳсил мепазирад. Онҳо дар Эрон касби барои кишвар муҳим ҳавонавардиро меомӯзанд. Ҷониби Эрон бидуни пардохти маблағ ин тасмимро ба уҳда гирифтаанд. Вақте ҷавонписарони интихобшуда барои сафар омодагӣ мегиранд, барои аз ташхиси тиббӣ гузаштан сарвари ширкати ҳавопаймоӣ Мирзо Мастонгулов ба қисми тиббӣ супориш фармуда, ки интихобшудагонро аз муоинаи тиббӣ нагузаронанд. Барои иҷрои ин кор

сарвари ширкат аз вазорат 75 ҳазор рубл андоз талаб кардааст. Ҳамин тариқ ҷавонписарони тоҷик аз чунин таҳсили бепул маҳрум мешаванд ва Эрон ин гуна шартномаро бо Озорбойҷон мебандад. Дар ин мақола на танҳо аз маҳрумии ҷавонписарони тоҷик сухан меравад, балки маълум мегардад, ки сардори ширкати ҳавопаймоӣ аз наздикони президент буда, ба ҷуз ӯ дигар вазорату ташкилотҳоро писанд намекардааст. Дар ин мақола аз ҷолибтарин ва муҳимтарин нуктаҳо низ баҳс рафта, ки барои хонандаи вақт хеле муҳим будаанд. Аз ҷумла, мансабдорону дастандаркорон нақлиёти ҳавоии кишвар бо нархҳои арзон фурӯхтаанд, теъдоди онҳо вайрону корношоям шудаанд.

Умуман, дар ин мақола нуктаҳои муҳим зиёданд, ки аз хиёнатҳои мансабдорон ба моликияти давлатӣ далолат мекнанд [1, 1992.–№34].

Дар нашрияи «Адолат» матолибе, ки масоили муҳимтарини арзишҳои маънавӣ ба монанди забон, миллат, миллият, бузургдошти шахсиятҳои таърихӣ, нашри осори классикӣ ва муҳимтарин нукоти марбут ба ин қазияро дар бар гирифтаанд, низ кам нестанд.

Нашрия як гӯшаи худро барои нашри осори классикӣ, ки дар замони шӯравӣ чопи онҳо бо сабабҳои маълум мамнӯъ буд, бахшидааст, ки аз ҳар ҷиҳат аҳамиятнок аст. Масалан, асари Фаридудини Аттор «Тазкират –ул-авлиё»дар чанд шумораи ин нашрия ба табъ расидааст.

Дар мавриди бузургдошти забон ва миллат низ навиштаҳои ҷолиб саҳафоти нашрияро зеб додаанд, ки дар бораи онҳо зикри як чанд нуктаро лозим медонем. Маълум аст, ки дар замони зуҳури сиёсати озодандешӣ ба истилоҳ ошкорбаёнӣ аксари равшанфикрони мо барои ҳифзи забону асолати миллӣ гуфтугузори доманадор кардаанд ва андешаҳои эшон ва тасмимҳои пайвастаи ҳукумати замони қабл аз соҳибистиқлолии миллӣ забон ва арзишҳои маънавию миллӣ муҳимтарин ва мубрамтарин мавзӯи рӯз гардид. Дар ин замина ашхоси зиёӣ адибону олимон ва дигар чеҳраҳои сиёсии миллат бо назарҳои худ дар нашрияву телевизион баромад намуда, таъкид мекарданд, ки мо тӯли 70 сол аз арзишҳои маънавии худ дур будем, акнун

замоне фаро расидааст, ки дар бораи ин гуна арзишҳои маънавӣ фикр бикунем ва баъд аз ин онҳоро чун гавҳараки чашм пос дорем.

Маълум аст, ки ин гуна матолиби миллатпарастӣ дар оғози зуҳури ошкорбаёнӣ дар нашрияи бонуфузи «Маориф ва маданият» шакл гирифт ва пайваста вусъат пайдо кард. Дар масъалаи тарвиҷи миллатпарастӣ ва посдориву беҳтаршумории фарҳанги миллӣ нашрияи мазкур давоми мантиқии нашрияи «Маориф ва маданият» мебошад.

Аз мутолиа ва омӯзиши шумораҳои нашрияи «Адолат» метавон ба чунин хулосаҳо расид:

– нашрия дар тарғибу ташвиқи сиёсати ҳизбии худ аз усулҳои гуногун самаранок истифода кардаст, ки дар ташаккули густариши журналистикаи сиёсӣ бе таъсир нест;

– он фарогирифи масоили мухталифи ҷомеа буда, бо далел, таҳлил ва баррасиҳои амиқ хонандаро аз муҳимтарин муаммоҳои ҳалталаб огоҳ кардааст;

– нашрия дар инъикоси ҳати ҳизб ва соҳаҳои гуногуни ҳаёти мардум аз имконоти жанрҳои публитсистии хабар, ҳисобот, тақриз, мақола, луқма, фелетон, памфлет, ва бадеиву публитсистии қисса, ҳаҷвия ва амсоли ин истифода кардааст;

– «Адолат» яз қабили нашрияҳои даврӣ дар аввали солҳои 90-и асри XX аст, ки дар таъмини муҳити озодии сухан ва истиқлоли афкор нақши назаррас гузоштааст.

Ҳамин тавр, ҳизбҳои сиёсӣ дар ташвиқу тарғиби ғояҳои худ аз минбари матбуоти даврӣ хуб истифода мекунанд ва дар ин замина муҳимтарин андешаҳои худро дар иртибот ва ҷараёни сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии ҷомеа баён медоранд.

## III.2. Таҳлили таносубии истифодаи жанрҳои публитсистӣ

Мақсади ин фасли таҳқиқи мавзӯъро омӯхтан ва баррасӣ намудани таносуби корбасти жанрҳои журналистика дар нашрияҳои ҳизбҳои сиёсӣ ташкил медиҳад. Ин амал дар заминаи омӯзиши матнҳои гуногун сурат гирифта, кӯшиш мешавад, ки вижагиҳои умумӣ ва хоссаи жанрҳои алоҳида ва таносуби онҳо дар нашрияҳои азҳоби сиёсӣ муайян ва мавқеи жанрҳо публитсистии алоҳида дар матбуоти ҳизбҳои сиёсӣ нишон дода шавад.

Нашрияҳои ҳизбҳои сиёсӣ низ ба технологияи ҷадид такя намуда, аз аносири гуногуни ороиш низ истифода менамоянд

Хабарҳои нашрияҳои ҳизбҳои сиёсӣ ҳамеша барои шиносоӣ ва исботи ҳуввият пешниҳод мешаванд. Ҳарчанд кормандони ин расонаҳо даъво доранд, ки бештари иттилооташон дар бораи масоили дунё аз тариқи ахбори ғайр ба даст меояд, аммо мутолеоте, ки рӯйи ахбори нашрияҳои ҳизбҳои сиёсӣ суръат гирифт, нишон медиҳад, ки агар бо телевизион ва дигар расонаҳои чопӣ муқоиса шавад, мардум барои иттилоъ аз ахбор аз нашрияҳои ҳизбӣ қариб истифода намекунанд. Ҳатто агар бинандагон иттилооти мавҷуд дар ахбори телевизиониро ба ёд оваранд, мумкин аст ин иттилоот нодуруст ва ё маънои он мубҳам бошад. Як пажӯҳиш нишон медиҳад, ки аз кулли иттилооти марбут ба як бунгоҳи хабарии радиоӣ, телевизионӣ беш аз як сеяки он чиро, ки мардум метавонанд ба ёд оваранд, дар нашрияҳои ҳизбӣ дарҷ гардидаанд.

### а) Ҷойгоҳи жанрҳои хабарӣ дар нашрияҳои ҳизбӣ

Жанрҳои хабарӣ чун хабар, мухбирнома, мусоҳиба, репортаж, ҳисобот аз маъмултарин анвои журналистӣ дар васоити ахбори омма, бахусус матбуоти даврӣ мебошанд. Чунончи А. Саъдуллоев навиштааст: «Жанр натанҳо рангорангию хонданбобии ахбор, балки як воситаи хуби ташаккули шаклҳои дохилии газетаҳо мебошад. Тариқи жанр муаллифон ғоя, фикр ва гапҳои гуфтаниашонро дар шакли марғуб пешниҳоди хонанда мегардонанд» [118, с.34].

Воқан жанр на танҳо фаъолияти эҷодии журналистро ба шакли мушаххасу муайя медарорад. Балки ба дарку фаҳми матлаб аз ҷониби хонанда низ ёрӣ мерасонад. Ба ин маъни муҳаққиқ М. Муродов дуруст қайд мекунад, ки «фаъолияти эҷодии рӯзноманигориро бе жанр тасаввур кардан ғайриимкон аст. Зеро маҳсули эҷоди рӯзноманигор маҳз бо тавассути жанрҳои гуногун аз як тараф ба низом медарояд, мавзунӣ ва мушаххасӣ пайдо мекунад аз ҷониби дигар ҷамъбаст мегардад» [87, с.88].

Мавриди таҳлил қарор додани жанрҳои хабарӣ дар нашрияҳои ҳизбҳои сиёсӣ аз ҳар ҷиҳат муфид буда, барои муайян намудани вазифаи иттилоотии ин типи матбуоти даврӣ аҳамияти махсус дорад. Ба ин манзур дар ин фасл мавқеи жанрҳои хабарӣ дар нашри\ҳои даврии аҳзоби сиёсӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор мегирад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди фосилаи чопи мунтазам надоштани баъзе нашрияҳо, дар аксарияти нашрияҳои ҳизбӣ жанрҳои хабар истифода мешаванд. Аз ҷумла, жанри хабар, ки таъйиноти воқифсозии саривақтиро дорад, дар ин типи нашрияҳои даврӣ кам нест.

Жанри хабар яке аз жанрҳои маъмули журналистика буда, дар ҳамаи васоити ахбори омма дар муқоиса бо жанрҳои дигар бештар мавриди истифода қарор мегирад. Дар мавриди хусусияти жанри хабар андешаҳои муҳақиқон гуногун аст. Ба андешаи муҳақиқ И.Усмонов “хабар воқеаеро, ки аҳамияти сиёсию иҷтимоӣ, илмию фарҳангӣ ва ғайра дорад, возеҳ месозад. Хабар бояд ба саволҳои чӣ рӯй дод, кай, дар куҷо, ба кадом сабаб, дар кадом шароит ба амал омад ва чӣ натиҷа дод, посух гӯяд” [134, с.58].

Илова бар ин, муҳақиқи мазкур таъкид менамояд, ки “дар муҳити эҷодии мо ин жанрро бо номҳои иттилоъ, навид, пайк, навигарӣ, информатсия ва чанд истилоҳи дигар низ истифода менамоянд. Аммо бештар ва беҳтар аз ҳамаи онҳо истилоҳи хабар он маъноро ифода мекунад. Яъне жанри хабар дар воқеъ ҳам хабар мерасонад, ки фалон воқеа рӯй дод ё рӯй доданаш мумкин аст. Воқеан, хабар воқеаи рӯйдодаро дарбар мегирад, ё рӯйдиҳандаро. Дар замони аввали пайдоиши матбуот хабар воқеаи рӯйдодаро

маълум мекард. Аз ҳамин сабаб ҳам дар назария рӯйдод бештар истифода мешуд”.

Доир ба жанри хабар олимони рус таҳқиқот анҷом дода изҳор медоранд, ки “Хабар, аслан моҳияти мухтасари воқеиятро фаро гирифта, факт ва ҳодисаро дар бар гирад”. Ба ақидаи муҳақиқон Джон Богарт ва Чарльз Дан “Хабар он нест, ки саг одамро газидааст. Вақте, ки одам сагро мегазад, пас ин хабари муҳим аст”.

Донишманди эронӣ Муътамаднаҷод жанри хабарро ба ин тариқ таъриф мекунад: «Хабар эълом ва баёни воқеаи ҷолиби зиндагии иҷтимоӣ, нақл ва ақоид ва афкори умум аст» [82, 160].

Донишмандони аврупоӣ низ дар мавриди жанри хабар андешаи ҷолибро ироа кардаанд. Чунончи ба назари донишманди амрикоӣ В. Ҷ. Блоев «хабарро дар мавзӯи ҷории рӯз ба сабаби ҷолиб будан ва мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтани он аз тарафи хонандагон дар матбуот аст».

Баррасии ин таърифҳо нишон медиҳад, ки нав, воқеӣ, ҷолиб ва саривақти будани воқеаҳо ҷавҳари аслии хабар мебошад. Ба андешаи мо барои ВАО, хосса нашрияҳои азҳоби сиёсӣ дар интихоби рӯйдодҳои хабарӣ ҷанбаи ташвиқу тарғибӣ нақши муҳим дорад. Яъне ҳамон хабаре, дар рӯзнома, телевизион ва радио ҷой дода мешавад, ки ҳадаф дорад. На танҳо иттилооь расонида мешавад, балки дар атрофи ҳамин руйдод афкори омма ба вуҷуд меояд. Чунончи, кушода шудани толори варзишӣ руйдод аст, вале намоиш аз он рушди варзиш, аҳамияти тарзи ҳаёти солим, саховатмандӣ ё иҷроиши барномаҳои давлатиро мақсад гузоштааст. Аз таҳлилу мулоҳизоти донишмандон равшан мегардад, ки ҳамаи мавод ҷанбаи хабарӣ надорад ва ҳама гуна ахбор арзиши хабарӣ надорад. Яъне ҳамон рӯйдод метавонад хабар бошад, ки аҳамият ва эътибор дорад. Бинобар ин тозагии рӯйдод ва ҷолиб будани он барои ҷамъият меъёри асосии хабар мебошад. Бо назардошти меъёрҳои муайян гардида жанри хабарро дар нашрияҳои ҳизбӣ ба мушоҳида гирифтаем.

Жанри хабар дар матбуоти ҳизби сиёсӣ ҷойгоҳи вижа дошта аксари рӯйдодҳои муҳими рӯз дар қолаби ин жанр пешниҳоди омма мегарданд. Дар инъикои воқеиятҳои иҷтимоӣ рӯзномаҳои ҳизбӣ усули ҳамгун доранд. Аксарияти онҳо аз имконоти навои гуногуни хабар истифода намуда, аз усули замонавии таҳияи хабар самаранок кор гирифтаанд.

Миёни нашрияҳои ҳизбӣ рӯзномаи «Минбари халқ» дар корбасти жанри хабар имконияти бештар доштааст. Таҳқиқ нишон дод, ки аз оғози таъсиси ин рӯзнома (аз 7.09.1996) то соли 2012 дар ҳар як шумораи он аз 8 то 12 хабар ба нашр расида, ки зиёда аз 9500 ҳазор хабарро ташкил медиҳад. Ин рақам далели зиёд истифода шудани жанри хабар ва анвои он дар ин нашрияи даврӣ аст. Нашри хабарҳо дар ин рӯзнома ҷои муайян надорад. Дар тамоми саҳифаҳои он метавон ба жанри хабар дучор шуд. Барои тасдиқи фикр ба шумораи №103(264) 11.12.2004 менигарем. Дар шумораи мазкур хабар дар ҳамаи саҳифаҳо, аз ҷумла дар саҳифаи якум се хабар, дар саҳифаи дуюм ду хабар, дар саҳифаи сеюм се хабар, дар саҳифаи чорум шаш хабар ба назар мерасад. Ин гуна корбурди хабар дар шумораҳои дигари «Минбари халқ» низ ба мушоҳида мерасад. Дар шумораи баъдина бо дигар шудани шаклу макети нашрия, корбасти хабар ва ҷойи он низ дар рӯзнома тағйир ёфтааст. Масалан, дар саҳифаи аввали шумораи № 40 (863) 4.10. 2012 хабар ба мушоҳида намерасад. Зеро нашрия аз назари шакли ва сохторӣ дигар шуда, саҳифаҳояш бештар гардидааст, ки дар саҳифаи аввал номи матолиби асосӣ зикр шудааст. Дар ин шумора хабарҳо дар саҳифаҳои 3, 4, 5 ҷой дода шудааст. Омӯзиш нишон дод, ки дар ин нашрия тамоми анвои жанри хабар корбаст шудааст. Хабарҳои нашрияи мавриди назар бештар марбути рӯйдодҳои сиёсии ҳукумати кишвар буда, гоҳ-гоҳ хабарҳо дар бораи ҳодисаву воқеоти хориҷӣ низ ба назар мерасанд.

Мавзӯъ ва муҳтавои хабарҳои нашрияи марвиди назар бештар аз рӯйдодҳои сиёсии ҳукумати кишвар буда, гоҳ-гоҳ хабарҳое, аз ҳодисоту воқеоти хориҷӣ низ ба назар мерасанд. Як хусусияти фарққунандаи хабарҳои ин нашрия аз назари мазмун ва мундариҷа нисбат ба дигар нашрияҳои ҳизбӣ

дар он аст, ки дар рӯзномаи мазкур бештар хабарҳое ба нашр мерасанд, ки хусусияти тарғибиву ташвиқотӣ доранд. Яъне дар қолаби жанри хабар иттилооте пешкаш мегардад, ки аксаран аз пешрафтҳои сиёсиву иқтисодӣ ва корномаҳои мухталифи аҳли ҷомеаро дар бар гирифтаанд. Масалан, шумораҳои №13. 28.03.2013, №40. 4.11.2012, №107 22. 12. 2004, ва ғайра фарогири чунин хабарҳоянд.

Аз нигоҳи сабку услуб ва тарзи нигориши ағлаби хабарҳои рӯзномаи мазкур ба меъёри қонуниятҳои забони тоҷикӣ ҷавобгӯ бошанд ҳам, баъзе норасоиҳо ва ноҳамвориҳои забонӣ низ ба мушоҳида расид, ки ба таҳрир ва бознигарӣ ниёз доранд.

Дар нашрияи «Адолат» нисбат ба нашрияи «Минбари халқ» жанри хабар мавқеи аввалиндараҷа надорад. Аз шумораҳои дастрасшуда маълум гардид, ки дар ҳар як шумора ду ё се хабар ба нашр расидааст. Баръакси ин дар ин нашрия нисбат ба хабар жанрҳои дигари ахбори журналистика – мусоҳиба ва ҳисобот бештар ба назар расид. Аз назари мазмун ва муҳтаво хабарҳои дар ин нашрия бештар хусусияти сиёсӣ дошта, дар аксарияти онҳо оҳанги норизоӣ аз сиёсати ҳукумат ва ё ягон ҳизби дигар ба эҳсос мешавад.

Чунончи дар шумораи №16(28)-и ин нашрия бо унвони «Вой бар ҳоли ҳукумат» хабар ба нашр расонидааст, ки матолиби он аз назари як нафар сайёҳи рус баён гардидааст. Шаҳрванди Русия баъди дидан аз майдони шаҳидон ба сандуқи хайриявӣ 200 ҳазор сум бахшидааст ва ба таассуф иброз доштааст, ки «вой бар ҳоли ҳукумате, ки ба чунин мардумони худ забон наёбад». Ҳарчанд асоси хабар ҳамин тасмими шаҳрванди рус аст, аммо аз ҷониби идораи рӯзнома таъкид шудааст, ки «Рафиқи руси мо чӣ медонад, ки ҳокимони моро аз мардум дида мансаб азизтар аст». Агар аз назари талаботи жанри хабар ба ин навишта назар афканем, он ба қонунияти жанри хабар чадон ҷавобгӯ нест. Зеро рисолати хабар танҳо маълумоти воқеӣ аст, ки ба мардум пешниҳод карда мешавад. Дар ин навишта бошад иловаи ғаразмандонаи нашрия ифода гардидааст, ки оҳанги интиқод ва таблиғро касб кардааст.

Жанри хабар дар нашрияи ҲКТ «Нидои ранҷбар» низ бештар истифода шудааст. Аз назари мазмун ва мундариҷаи хабарҳои нашрияи мазкур фарогири матолиби сиёсӣ ва иҷтимоӣ буда, бештар аз сарчашмаҳои хориҷӣ гирифта шудаанд.

Дар нашрияҳои «Эътиқод», «Коммунисти Тоҷикистон» «Иттиҳод», «Иқтисодиёт ва ҳаёт», «Меҳргон» низ хабар чун дигар жанрҳои публитсистика мавқеи бештар дорад. Аз ҷумла, дар нашрияҳои «Иқтисодиёт ва ҳаёт» ва «Меҳргон» бештар хабарҳое дарҷ гардиданд, ки фарогири рӯйдодҳои соҳаи иқтисодиётанд. Рӯзномаи «Истиқлол», умуман аз жанри хабар истифода намекунад, зеро танҳо нашри махсус дорад, ки ба интихобот ва анҷумани ҳизб бахшида мешавад.

Чунончи « Иди ниҳол дар Кулоб» (№88 аз 23.02.2015) дар бораи баргузории иди ниҳол маълумот медиҳад. Сарчашмаи хабар АМИТ «Ховар» аст. Азбаски ин нашрия чопи мунтазам надорад, хабар дар он чандон маъмул нест. Рӯзномаи «Истиқлол» умуман аз жанри хабар истифода намекунад, зеро танҳо нашри махсус дорад, ки ба интихобот ва анҷумани ҳизб бахшида мешавад [6, 2015.– 23 феврал].

Дар рӯзномаи «Сухани халқ» чун дигар нашрияҳои даврӣ ба жанрҳои хабарӣӣ диққати махсус додааст. Дар саҳфаҳои ин рӯзнома ахбори гуногун оид ба соҳаҳои мухталифи вилояти Суғд, Тоҷикистон ва ҷаҳон дарҷ мегарданд. Ҳатто дар саҳифаи 11-уми рӯзнома зери рубрикаи «Навидҳо» хабарҳои таҳия намудаи донишҷӯён ба табъ расидааст. Ҷойи зикр аст, ки саҳифаҳои 11,12,13 ва 14-уми ин нашрия «Сухани донишҷӯ» унвон дошта, дар он ҳамеша маводи донишҷӯён дар жанрҳои гуногун мунташир мегарданд.

Жанри дигаре, ки дар матбуоти азҳоби сиёсӣ бештар истифода шудааст, мусоҳиба аст. Дар мавриди жанри мусоҳиба миёни аҳли таҳқиқ назарҳо мухталиф аст. Чунинчи муҳаққиқи тоҷик И. Усмонов навиштааст: «дар бораи хислати мусоҳиба ақидаҳои зиёду гуногуни олимон мавҷуд аст. Яке онро жанри хабарӣ мегӯяд, дигаре таҳлилӣ ва сеюмӣ ҷои онро дар ҳардуи гурӯҳи

жанрҳо суроғ мекунад. Ва чунин андешаҳо ба он асосанд, ки он аслан жанри хабаррасон аст ҳамчунон таҳлили шахси ҳамсуҳбати мухбирро дорад. Ана ҳамин ҳолати охирин гумонеро бор овардааст, ки мусоҳиба жанри таҳлилӣ дониста шавад аммо ин саҳеҳ нест» [131, с.51].

Ба андешаи олими эронӣ Маҳдии Муҳсаниёнрод «Мусоҳиба гузориш ва ҳосилест, ки аз фарогирди иртибот миёни ду сӯи иртибот ва манзури дастёбӣ ба воқеияте, ки дорои як ё якчанд арзиши хабарӣ бошад».

Козими Муътамаднажод донишманди дигари эронӣ дар мавриди мусоҳиба муътақид ба он аст, ки: «мусоҳиба яке аз анвои хабарии мустақим аст, ки ба василаи он ақоид ва афкори шахсиятҳои муҳими ҷомеа ё назарҳои мардуми оддии кӯча ва бозорро дар бораи мавзӯоти мухталиф ва веҷа масоили рӯз ба даст меоварад» [81, с180].

Мусоҳиба ва навъҳои гуногуни он дар рӯзномаи «Минбари халқ» ба таври васеъ истифода мешавад. Мавзӯъ ва мундариҷаи мусоҳибаи нашрияи мазкур бештар фарогири масоили сиёсӣ ва иқтисодӣ буда, мавзӯъҳои иҷтимоиву фарҳангӣ камтар ба назар мерасанд. Дар ин нашрия бештар мусоҳибаи портрет ва маърифатӣ нашр шудааст.

Барои исботи ин андеша метавон мусоҳибаи (Покистониҳо дар Наврӯз ду ид доранд), ки бо сафири Ҷумҳурии исломии Покистон дар Тоҷикистон ҷаноби Икрамулло Меҳсуб сурат гирифтааст, мисол овард. Ин мусоҳиба дар шакли суҳбати журналист бо сафир сурат гирифтааст, ки чандон ба меъёрҳои жанри мусоҳиба ҷавобгӯ нест, зеро ин навишта ва монологи сафир иборат аст, ки наметавонад матолиби комили мусоҳибавиро пешниҳод намояд. Аз ин гуна мусоҳибаҳо бармеояд, ки жанри мусоҳиба ба таври зарури мавриди корбаст қарор намегирад. Дар мусоҳибаи мавриди назар ду савол пешниҳод карда шудааст, ки посух ба онҳо наметавонад матолиби заруриро ҳосил намояд. Саволи якум: Дар Ҷумҳури Покистон Наврӯзро чи гуна ҷашн мегиранд?, Саволи дувум: Дар иди баҳор ғайр аз суруду мусиқи бозиҳои гуногун барпо мешаванд?

Аз ин ду суол бармеояд, ки мусоҳибагиранда аз талаботи мусоҳибаорой чандон огоҳӣ надорад. Ба саволҳо метавон посухи тасдиқӣ – «ҳа» ва инкорӣ – «не» дод. Дар ташкили мусоҳиба саволҳо бояд тарзе пешниҳод шаванд, ки ба иборае «мусоҳибро ба гап даророанд».

Умуман, бо вуҷуди баъзе камбудиҳо, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар бораи мусоҳибаҳои нашрияи «Минбари халқ» чунин натиҷаҳоро ҳосил намоем:

– нашрия «Минбари халқ» аз имконоти жанри мусоҳиба ва навъҳои гуногуни он ба таври самаранок истифода намудааст;

– мавзӯъ ва мундариҷаи мусоҳиботи нашрияи мазкур бештар фарогири масоили сиёсӣ ва иқтисодӣ буда, мусоҳибаҳо дар мавзӯъҳои иҷтимоиву фарҳангӣ кам ба назар мерасанд.

– дар нашрияи мазкур мусоҳибаҳое, ки хусусияти муаррифии портретӣ ва маърифатӣ доранд, бештар ба назар мерасанд.

Мавқеи жанрҳои хабарӣ дар нашрияи «Минбари халқ» чунин аст:

| **Таърих** | **1996** | **1998** | **1999** | **2000** | **2002** | **2003** | **2004** | **2006** | **2008** | **2010** | **2012** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Хабар** | **434** | **425** | **543** | **365** | **567** | **542** | **564** | **476** | **601** | **345** | **432** |
| **Мусоҳиба** | **63** | **52** | **74** | **68** | **43** | **45** | **59** | **69** | **76** | **87** | **65** |
| **Ҳисобот** | **23** | **16** | **22** | **15** | **13** | **21** | **43** | **54** | **55** | **61** | **76** |

Таҳлили контентии чанд шумораи нашрияи «Минбари халқ» ба мо имкон дод, ки чунин оморро ҳосил намоем.

Дар шумораи 2 январи соли 2020 ҳамагӣ 21 мавод нашр шудааст, ки нигоҳи жанрӣ 2 хабар, 3 ҳисобот, 1 мусоҳиба 9 мақола, 1 очерки портретӣ, 2 очерки проблемавӣ, 2 шеър ва 1 сканворд мебошад. Бештари маводи шумора ба мавзӯҳои сиёсати давлатдорӣ, мавзӯҳои доғи рӯз, ҳисоботҳои

маҷлисҳои ҳукуматӣ, фарҳангӣ-варзишӣ ва ғайра бахшида шудаанд. Дар ин шумора ҳамагӣ 22 расм истифода шудааст, ки ҳамагӣ ба матолиби нашргардида мувофиқанд.

Дар шумораи 1 апрели соли 2020 дар маҷмӯъ 13 мавод нашр шудааст, ки аз ин теъдод 3 хабар, 2 ҳисобот, 7 мақола, 1 шеър ва 1 сканворд аст. Бештари матолиби ин шумора низ ба сиёсати давлатдорӣ, ҳисоботҳои маҷлисҳои ҳукуматӣ, мавзӯъҳои фарҳангӣ ва ғайраро дар бар гирифтаанд. Таеъдоди аксҳо 18-то буда, 1 тасвир омори ҷадвалӣ аст.

Дар шумораи 15 августи соли 2020 дар умум 34 мавод нашр шудааст, ки аз онҳо 12 хабар, 6 мусоҳиба 14 мақола, 1 сканворд, 1 худреклама ва мебошад. Теъдоди расму аксҳо ба 29 адад мерасад.

Дар рӯзномаи «Сухани халқ» баробари жанри хабар дигар жанрҳои иттилоотӣ, аз қабили ҳисобот, репортаж ва мусоҳиба ба таври васеъ корбаст мешаванд. Масалан, нашриянигор Хиромон Бақозода мусоҳибае бо Хусрав Нозирӣ, сардори раёсатӣ кишварҳои Аврупо ва Амрикои Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон дар шумораи 131-уми «Сухани халқ» ба табъ расонидааст. Муаллиф дар мусоҳиба оид ба мушкилоти соҳаи энергетикаи Тоҷикистон, мухолифатҳои ҳамсоякишвар - Ӯзбекистон, вазъи амниятии Афғонистон ибрози назар кардааст. Дар ин мусоҳиба ҳарчанд фарогири ҳамаи талаботи жанри мусоҳиба набошад ҳам, нашриянигор Хиромон Боқизода кӯшидааст то дар сатҳи хуби касби мусоҳиба ороянд.

Мусоҳибаи дигар, ки дар шумораи №28 (128) 05.11.2008 интишор гардидааст, аз ҷониби Мардони Ҳоҷипур таҳия шудааст. Ин мусоҳида бо директори иҷроияи клуби футболи «Хуҷанд» Ҷамшед Марофиев, дар шакли диалог сурат гирифтааст [9, 2008.–5 ноябр]. Сабаби ташкили мусоҳиба дар асоси қарори Федератсияи футболи мамлакат бори нахуст дар соли 2008 дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардидани бозии финалӣ барои дарёфти Ҷоми Тоҷикистон будааст. Дар ин бозӣ «Хуҷанд»-и тими Хуҷанд бар «Энергетик»-и тими Душанбе ғолиб омада соҳиби Ҷоми Тоҷикистон гардидааст. Мусоҳибагиранда бо истифода аз саволҳои гуногун мусоҳибро водор

намудааст, ки доир ба бурду бохти фаъолияти чандинсолаи даста маълумот диҳад.

Чунин мусоҳибаҳо дар ин нашрия хеле зиёд буда, мусоҳибон намояндагони касбу кори гуногунанд. Истифодаи зиёди имконоти ин жанр далолат бар он мекунад, ки нашрияи даврии «Сухани халқ» чун дигар рӯзномаҳо аз ин жанр фаровон истифода менамояд.

**б) Мақеи жанрҳои таҳлилӣ дар матбуоти ҳизбҳо**

Миёни жанрҳои таҳлилӣ дар матбуоти ҳизбҳо мақола, тақриз, таҳқиқоти журналистӣ, мактуб, суҳбат бештар ба назар мерасанд.

Мақола яке аз жанри серистеъмоли матбуоти даврӣ маҳсуб меёбад. Ин жанр баробари пайдоиши нахустин нашрияҳои даврӣ арзи ҳастӣ намуда, то имрӯз рисолати худро нигоҳ медорад. Мақола яке аз жанри муҳими матбуоти даврӣ маҳсуб меёбад.

Доир ба моҳияти мақола ва таъйиноти он дар фарҳангу китобҳои нигоришиву омӯзишии рӯзноманигорӣ маълумоти гуногун зикр шудааст. Аз ҷумла, дар «Луғати Деххудо» мафҳуми мақола чунин шарҳ ёфтааст: «сухан, калом, гуфтор, мақол, мақолат, мабҳаси фасле аз китоб ё рисола як матолиби навишташуда дар рӯзнома ё маҷалла, навиштае, ки дар бораи мавзӯи хосе нависанд ва ғолибан дар рӯзнома ё маҷалла чоп кунанд». Дар фарҳанги Муин маънии калимаи мақола навиштае дониста шудааст, ки дар бораи мавзӯе нависанд ва дар тавзеъи он афзудааст: «Ғолибан навиштае, ки барои дарҷ дар рӯзнома ва маҷалла таҳия шавад».

Дар таърифи Халили Мирзоӣ «Мақола дар вожае ба маънии гуфтор, сухан, мабҳас, қавл ва фасле аз китоб ё рисола ё навиштае аст, ки дар бораи мавзӯъ ироа мешавад. Дар маънои тахассусӣ мақола навиштаи низоманд аст, ки барои дарҷ ва ироа дар маҷаллаҳо (оммавӣ, илмӣ, тахассусӣ, паҷӯҳиши ва оддӣ), рӯзномаҳо, гирдиҳамоиҳо ҳамоишҳо ва ғайра таҳия мешавад. Дар гузаштаҳо, ҷойгоҳи мақолаҳоро ағлаб дар расонаҳои навиштори дидорӣ ва шунидорӣ бавижа дар интернет ҷойгоҳи муҳим дорад».

Доктор Ҳасан Аҳмадӣ дар бораи мақола фикри дигар дорад. Ба назари ӯ «Мақола сурати форсии калимаи (мақола) арабӣ аст ба маънии гуфтан аз решаи «қавл» ба бар истилоҳ навиштаҳо дар бораи мавзӯи хос аст ва шомили анвои густурдае аз навиштаҳои илмӣ, адабӣ, таҳқиқӣ, мазҳабӣ, интиқодӣ ва ҷузъи онҳост; ва навиштаҳое, ки дар қаламрави ҷаҳони табиат аз дарё ва кӯҳу ҷангал... ё масоили падидаҳои зиндагӣ чун хона мадраса идора, хиёбон ва садҳо ҳазорҳо масоили дигар нигошта мешавад». Манзур аз навиштани як мақола равшан кардани ҳақиқат барои хонанда аст. Яъне дар заминаи иттилоот ва ё масоили иҷтимоӣ таваҷҷуҳи ӯро ҷалб намоем, ё назарияҳои муҳиму мубрамро таҳлил ва баррасӣ намуда, чизеро собит созем. Ба ин маънӣ, мақола ҳамчун жанри рӯзноманигорӣ бе иттилоот буда наметавонад. Аммо танҳо огоҳ намудани хонанда аз мавзӯъ ва ё масъалаи муҳим барои мақола басанда нест. Мақоланавис мебояд моҳияти масъаларо кушояд, праблемаи мавҷударо дуруст асоснок кунад, сабабҳои иллати онро ошкор кунад ва ба ин васила роҳҳои ҳалли онро нишон диҳад.

Дар боби таърихи мақола ва хусусиятҳои жанрии он дар муҳити илмии тоҷик низ таҳқиқҳо  ба анҷом расонида шудааст. Аксарияти муҳаққиқон пайдоиши мақоларо ба тавлиди рӯзномаву маҷаллаҳо мансуб медонанд. Аз ҷумла, муҳаққиқон Асадуллои Саъдулло ва Пайванди Гулмуродзода пайдоиши мақоларо дар матбуоти тоҷик  «ба нашри рӯзномаи нахустини тоҷик «Бухорои шариф»  алоқаманд  донистаанд [116, с.13].

Муҳаққиқони мазкур таҳлил ва андешаю мулоҳизаро аз муҳимтарин аносири жанрсози мақола дониста, афзудаанд: «хусусиятҳои жанрии мақола талаб мекунад, ки проблемаҳои ҳаётӣ амиқтар ва фактҳо ҳаматарафа мавриди баррасӣ қарор гиранд» [116, с.23].

Назар ба таъйиди эшон мақола аз дигар жанрҳои рӯзнома бо фарохии хулоса ва амиқии таҳлили фактҳо фарқ мекунад.

Муҳаққиқи дигари тоҷик И. Усмонов мақоларо жанри марказии публитсистика шинохта, таъкид мекунад, ки «вай беҳтарин василаи баёни

фикр ва дарҷи ақида аст. Талошҳо барои озодии баён бештар дар атрофи ҳамин жанр сурат мегирад» [131, с. 59].

Муҳаққиқ М. Муродов махсусияти фарққунандаи мақоларо ҳамчун жанри таҳлилӣ дар он мебинад, ки «предмети таҳқиқи он масоили ҳалталаб аст ва муаллиф дар асоси факту ҳодиса ва воқеаҳои муайян фикр ва ғояи умумиро ташаккул медиҳад» [87, с. 149].

Дар таҳқиқотҳо оид ба рӯзноманигории русӣ ва тоҷикӣ, асосан навъҳои зерини мақола номбар шудаанд.

1. Сармақола;
2. Мақолаи назарӣ-сиёсӣ;
3. Мақолаи праблемавӣ;
4. Қайдҳои публитсистӣ;

Аммо дар тавзеҳоти муҳаққиқон анвои мақола ба сурати гуногун нишон дода шудааст. Аз ҷумла, И. Усмонов навъҳои сармақола, мақолаи дидактивӣ, тарғиботӣ ва мубоҳисавиро аз навъҳои маъмули мақола донистааст [131, с. 64].

М. Муродов вобаста ба хусусиятҳои матнҳои матбуоти даврии муосир навъҳои мақолаи уммумитаҳқиқӣ, мақолаи амалӣ - таҳқиқӣ ва мақолаи мубоҳисавиро зикр намудааст [87, с. 153].

Дар пажӯҳишҳои донишмандони эронӣ, асосан, се анвои мақола: таҳқиқӣ, иҷтимоӣ ва иктисодӣ нишон дода шудааст, ки моҳияташон ин аст:

1. Мақолаҳои таҳқиқӣ ё пажӯҳишӣ. Албатта, ҳамаи анвои мақолот бар пояи таҳқиқ ва баррасӣ устувор аст. Аммо гунае аз мақолотро таҳқиқӣ меноманд, ки сирфан пеш аз таҳқиқ ва баррасии ҳамаҷониба ба назарияи илмӣ таҳия мешаванд ва дар он охирин натиҷаҳои ба даст омада аз яке пажӯҳиши муайян мавриди бахш қарор мегирад.

2. Мақолаи иҷтимоӣ: Дар бораи мавзӯоте аз қабили масъалаҳои тарбиявӣ, вазъи хонаводагӣ, матолиби ахлоқӣ ва ба таври кулл масоиле, ки ба навъе аз онҳо бо ҷомеа иртибот дорад, нигориш меёбад. Дар ин гуна мақолаҳо вазъи умумии мардум, робитаҳои онон бо якдигар, мушкилоти

зиндагӣ, ноҳамвориҳои иҷтимоӣ, таззодҳо, табъиз бедодгариҳо ва матолибе аз ин қабил мавриди баҳси нависандагон қарор мегирад ва онро во медорад, ки ба таҷзия ва таҳлили чунин масоил бипардозанд ва назарҳои худро барои афроди ҷомеа иброз доранд.

3. Мақолаи интиқодӣ. Ин навъи мақола ғолибан ба интиқод ҳамроҳ аст, зеро вақте нависанда аз фазилатҳои сухан мегӯяд, ба дигар мақсадҳои ахлоқӣ ва разолатҳо ҳам мепардозад ва он гоҳ, ки барои иршоди ҷомеа барои тараққӣ ва ташаккул аз эҷоди худ кӯмак мегирад, дардҳо ва ҷиҳатҳои камбудиро ифшо месозад, ки сабки муносибро мавриди корбурд қарор медиҳад. Зимнан бояд гуфт, ки «ҳамаи анвои мақола бар пояи таҳқиқ ва баррасӣ устувор аст, аммо гунае аз мақолаҳоро таҳқиқӣ меноманд, ки сирфан пас аз таҳқиқ ва баррасии ҳамаҷониба ба шеваҳои илмӣ таҳия шавад ва дар он охирин натиҷаҳои ба дастомада аз як пажуҳиши муайян мавриди баҳс қарор гирад».

Дар кишварҳои ғарбӣ мақоланависӣ ба сабки муосир ба оғози қарни XVII-уми милодӣ, ки нахустин нашрияҳои даврии кишварҳои аврупоӣ интишор ёфт, бармегардад. Дар ин марҳала мақоланависӣ чандон равнақ надошт ва он чӣ ба риштаи таҳрир дармеомад забони таблиғотии ҳукуматҳои навтаъсиси сиёсати муосир буд, аммо дар марҳалаи дуюм, ки асри матбуоти ақоидӣ ва сиёсӣ аст ва бо инқилоби озодандешии солҳои 1991-2001 оғоз мешавад ва дар ин марҳала нигоришу мақолаҳои баҳсангез аз тарафи рӯзноманигорон матраҳ мегардид.

Мавриди таъкид аст, ки дар нашрияҳои азҳоби сиёсӣ аз гурӯҳи жанрҳои таҳлилӣ бештар мақола корбаст шудааст. Албатта, ин чиз возеҳ аст, ки на танҳо дар нашрияҳои ҳизбӣ, балки дар тамоми расонаҳои чопӣ мавқеи мақола бештар мушоҳида мешавад. Таҳлилҳо ҳаминро собит сохта, ки дар инъикоси тамоми масоил жанри мақола ҳамеша дар сафи пеш қарор дорад. Ин талаботи табиӣ аст, чунки асоси ҳамагуна шакли мақоларо масъала, муаммо ташкил медиҳад.

Дар нашрияҳои азҳоби сиёсӣ, бахусус дар рӯзномаи «Сухани халқ» мақолаҳои хурд-хурди проблемавӣ ба нашр расидаанд. Албатта, на ҳамаи онҳоро наметавон ин ҷо ба гунаи мисол ёдовар шуд. Ба далели фикр ба чанд намунаи мақолаҳои ин нашрия таваҷҷуҳ менамоем. Аз ҷумла, дар саҳифаи 10-уми шумораи №18 (126) аз 4-октябри соли 2008 бо унвони «Ҷав коштем, чаро умеди гандум кунем?» ном мақолаи Муҳаммадназар Аҳмадов ба нашр расидааст. Дар ин мақола паҳлӯҳои гуногуни ахлоқи ҷавонон ба баррасӣ кашида шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки мушкилоти асосии вайрон шудани ахлоқи ҷавононро нишон диҳад. Ба ин мазмун ӯ менигорад: «то солҳои наздик моро аз даҳшати ҷанги бемаънии бародаркуш озодшудаи камбағал гуфта, давлатҳои хориҷӣ аз ҳар ҷиҳат ёрии башардӯстона мерасонанд. Рафта-рафта болои боми хонаҳоро антенаҳои параболӣ оро медодагӣ шуд, ки чашми саховатмандонро кушода монд ва ангушти ҳайрат газиданд. Ҳамин антенаҳо сабаб шуданду ташкилотҳои хайрхоҳ роҳи худро дигар намуданд…Аз рӯи миш-мишҳо маълум мешавад, ки миллионерҳои мавсимӣ дар ҳар ҳуҷра телевизор гузошта, андеша доранд, ки дар назди фарзандон қарзи худро адо мекунанд. Бехабаранд, ки ноболиғони онҳо кадом каналҳоро тамошо мекунанд…. [9, 2009.– 4 октябр].

Гарчанде андешаҳои муаллиф дарднokанд, аммо нақли ва музокироти ӯ боэҳсос сурат мегирад, муҳитро гунаҳгор меҳисобад. Чунончӣ: «… насли аз сисола боло хуб ёд дорад, ки то солҳои 90-уми асри гузашта ҷавонони то 16-соларо барои тамошо кардани филмҳое, ки ақалан лаҳзаи бӯсидан дошт роҳ намедоданд, яъне айб мегуфтанд. Ҳоло душманони насли инсон аз ҳирси бойшавӣ филмҳое офаридаанду меофаранд, ки на ҳайвону на даранда чунин беномусиро ба худ раво мебинад…» [9, 2009.– 4 октябр]. .

Бо ин ишораҳо муаллиф гуфтанӣ аст, ки аз беэътибории насли калонсол ҷавонон тарбияи хуб нагирифта, баръакс ба роҳи каҷ раҳсипоранд. Дониши хуб надоранд ва ҳамин аст, ки ҷинояту ҷинояткорӣ миёни наврасон дар авҷи аълост. Қисме майхораву овора ба воя мерасанд, ки ин дар оянда ба ҷомеаи кунунӣ доғе хоҳад шуд. Аммо ин ҳамаро метавон нобуд ва решакан кард.

Насли навро бояд дар рӯҳияи худогоҳиву ватандӯстӣ тарбия намуд, то оянда онҳо ифтихор намоянд. Ҷавононояндаи миллат мегӯем, вале боре ҳам наандешидаем, ки бо чунин усули тарбия чӣ гуна насл ба воя мерасад,ояндаи миллат чӣ хоҳад шуд?

Масъалагузории муаллиф хеле хуб аст. Ӯ проблемаи доғи рӯзро пайгирӣ намуда, ҳамчун як фарди миллатдӯст ин масъаларо ба нашрия кашида, мусоидат намудан ба ҳалли онро тақозо намудааст.

Мақолаи дигаре, ки диққати моро ҷалб кард «Даромад аз пахта танҳо ғузапоя?» мебошад, ки дар шумораи №22 (03.12.2008) бо имзои журналист Абдусабури Абдуваҳҳоб ба нашр расидааст. Тавре аз унвони мақола бармеояд, он масъалаи пахтакорӣ ва мушкилоти кори деҳқононро фаро гирифтааст. Муаллиф дар оғоз аз солҳои Шӯравӣ каме ёдовар шуда, сипас яке аз хоҷагиҳои деҳқонии вилояти Суғдро, ки 15-20 сол қабл бо номи «Миллионер» машҳур буд, мисол оварда, сабабҳои ба қарз гирифтор шудани хоҷагии деҳқониро ба таҳлил мекашад.

« …. Овони донишҷӯӣ барои эҳтиёҷоти зиндагӣ ба ин ҷамоат барои харидани мотосикли «Урал», ки дар онҷо қимати беш надошт, раҳсипор шудам. Бовар кунед сари хонавода соҳиби автомашинаву мотосикил буданд…

Хоҷагии мазкур солее 25 000 тонна пахта истеҳсол мекард ва ҳосилнокӣ аз ҳар гектар 30-35 сентнериро ташкил медод. ҳоло чӣ? Аз ин хоҷагии овозадор танҳо ном мондаасту халос…».

Ҳамин тариқ, муаллиф бо далелҳои боваркунанда мушкилоти хоҷагии мазкурро таҳлил намуда, ба чунин хулоса мерасад: «… Алъон пахта дар бозори ҷаҳонӣ яке аз маҳсулотҳои пурқимати содиротӣ маҳсуб мешавад, аммо деҳқонони тоҷик аз масрафи зиёди маблағ ва ба қарз ғутидан аз он даромаде ба даст намеоранд. Мебояд, ки роҳи ҳалли ин мушкилот дарояндаи наздик дар сатҳи ҳукуматӣ аз нав дида баромада шавад. Таҷрибаи деҳқонони амрикоӣ ва исроилиро дар мавриди додани қарзи ду-се фисада ба манфиати кор мебуд…[9, 2008.– 3 декабр].

Бояд зикр намуд, ки масъалаи пахта ва қарзҳои деҳқонон дар назди бонкҳо то ба имрӯз ба таври бояду шояд баррасӣ ва роҳи ҳалли хешро пайдо накардааст. Аз ҷониби дигар, ҳамасола набудани оби полезӣ ба деҳқонон хисороти молӣ ва маънавии зиёд ворид менамояд. Аммо аз он касеро ғаме нест. Ҳамин масъаларо низ сармуҳаррир – Абдусабури Абдуваҳҳоб дар маводи таҳлилии хеш инъикос намудааст.

Мақолаи дигари ин муаллиф «Нон ва «ҳиммат» (2008.– 5 ноябр ) -и ҳаннотон» аз вазъи болоравии нархи орд ва маҳсулоти ғалладона баҳс мекунад. «… Ду се моҳ қабл вақте ки як линга орд мутаносибан ба 130 сомонӣ баробар шуд, нархи нон низ дар бозор боло рафт. Он нонҳое, ки қаблан дар бозор як сомонӣ арзиш дошт, баъди қимматшавии орд ба як сомониву 20 дирам баробар шуд. Ҳоло бошад тавре аён аст, нархи орд дар бозор арзон шуд. Вале нархи нон ҳамоне бетағйир монд. Худ қазоват кунед, нонвойҳо як линга орди навъи олиро ба 100 сомонӣ харидорӣ мекунанд…».

Дар баррасии масъалаи гароншавии нархи орд муаллиф ба фактҳои зиёд такя намуда, ба ин минвол паҳлуҳои гуногуни сар задани мушкилотро нишон медиҳад.

«… Тавре яке нонвойҳо, ки аз гуфтани номаш худдорӣ кард, гуфт, ки як линга орд аз рӯи вазни хамирӣ 350 грамма 200 нони 1,25 дирама мешавад. Барои пухтани як линга орд тахминан 7-8 килограмм ангишт сарф мешавад. Агар хизмати нонвойҳои мардикорро ба инобат гирем, пас аз як линга орд 50-60 сомонӣ даромад мешавад» [9, 2008.– 5 ноябр].

Зимнан Абдусабури Абдуваҳҳоб дар навиштани мақола услуби хос дорад, масъаларо мувофиқи талаби ҷомеа ба миён мегузорад, омилҳои сар задани онро мефаҳмонад, бо таҳлилҳо вазъи мавҷудро нишон медиҳад, дар такя ба факту далоил фикрашро собит месозад. Дарки масъала аз рӯи нигориши муаллиф хеле сода буда, устухонбандии мавод ба хонанда барои дохил шудан ба умқи проблема ва фаҳмиши он кӯмак менамояд.

Ин хусусият дар аксари мақолаҳои ӯ мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, дар матлаби «Сабади истеъмолиро чӣ тавр пур кунем?» , ки дар шумораи №23

(17.12.2008) ба нашр расидааст. Мақола дар ҳаҷми як саҳифаи рӯзнома аст. Муаллиф барои ба низом даровардани баррасии масъалал ва сабук гардонидани кори хонанда онро ба фаслҳои «Тадбири инсонгароёна», «Тухми мурғ, тухми анқо шуд», «Музадӯзи бе муза», «Занҳои камхун ва нону қандчой», «Сабади истеъмоли ва саҳми муҳоҷирони меҳнатӣ» ҷудо намудааст, ки ҳар як фасл дар навбати худ як паҳлуи масъаларо фаро гирифтаанд.

Масалан, дар фасли «Тухми мурғ, тухми анқо шуд» баста шудани коргоҳи машҳури эронии «Порс-мурғ»-ро, ки дар вилояти Суғд фаъолият мекардаст, аз сабабҳои болоравии нархи гушти мурғу тухми он дониста, меафзояд:

… Корхонаи калонтарини парандапарварии Тоҷикистон аз қабили «Чиптура» ва коргоҳи паррандапарварии навоҳии ноҳияи Ҷ. Расулов, Конибодом, Мастчоҳ ва ғайраҳо то солҳои 90-уми асри гузашта соле то 321 миллион донна тухм ва 17,5 ҳазор тонна гушти мурғ истеҳсол мекард, ки ин рақам имрӯз ҳоло бо таасуфи зиёд 35-40 миллион донаро нишон медиҳад. Коргоҳи «Порсмурғ» соли гузашта бо сабаби марги мурғон аз фаъолият бозмонад. Дар натиҷа тухм ва гушти мурғдар бозор бамаротиб боло рафт. Ба болои ин дар бозор гушти бисёр бесифати мурғ, ки онро одатан ях намуда мефурӯшанд, дар авҷ аст. Маҳз қимматии ин навъи хурока имкон намедиҳад, ки мардум меъёри истеъмоли онро иҷро кунанд. Алҳол сокинони кишвар ба ҷои 365 дона меъёрӣ ҳамагӣ 100-145 дона тухм истеъмол мекунанду халос [9, 2008.–17 декабр].

Муаллиф сабати истеъмолӣ ва бо чӣ усул пур кардани онро баррасӣ намуда, роҳи ҳалли онро пешорӯӣ хонанда гузоштааст.

Дар аксари шумораи «Сухани халқ» як ва ё ду мақола ба назар мерасад, ки аз ҷиҳати забон ва услуби нигориш ҷолибу хонданибоб мебошанд.

Бо вуҷуди ин аксарияти мақолаҳои дар нашрияҳои ҳизбӣ ба нашр расида, ба меъёрҳои маъмули мақоланависӣ пурра ҷавобгӯ нестанд. Таҳлилҳои оморӣ нишон дод, ки ҳудуди 54%-и матбуоти ҳизбҳои сиёсӣ

мақоланависиро риоя накардаанд. Дар ағлаби мақолаҳо муқаддима таҳлил ва хулосаву натиҷагирӣ, ки талаботи ин жанр аст, риоя нагардидааст. Аз ҷумла дар мақолаҳое, ки мавриди баррасии мо қарор гирифтанд, «чакида», «муқаддима», «матлаби асосӣ» ва «натиҷагирӣ» ки меъёрҳои асосии жанри мақола маҳсуб мешаванд, ба назар гирифта нашудааст.

Омӯзиш ва таҳлили маводи публитсистии нашрияҳои азҳоби сиёсӣ аз нигоҳи мазмун, банду баст, забон, усули таҳлил, тозакорӣ ва амсоли ин ба мо имкон дод, ки натиҷаҳои зеринро ҳосил намоем:

54%-и мақолаҳоро мавзӯъҳои иҷтимоӣ – фарҳангӣ ташкил медиҳад. Танҳо 46% сиёсӣ аст. Ин омор нишон медиҳад, ки аксарияти нашрияҳои ҳизбҳои сиёсӣ ба мавзӯъҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ бештар майл доштаанд. Аммо, ин мавзӯъҳо муфрад нестанд, балки ба мавзӯъҳои дигар омезиш ёфтаанд. Аз ин рӯ, наметавон ба таври дақиқ муҳтавои онҳоро комилан сиёсӣ ё иҷтимоӣ ҳисобид..

Зиёда аз 90%-и мақолаҳо бо забони равон ва сода нигошта шудаанд. Ин вижагии хоси рӯзноманигорӣ мебошад. Дар сабки рӯзноманигорӣ се ҷиҳатро бояд ба инобат гирифт: парҳез аз ҷумлаҳои тӯлонӣ, парҳез аз коргирии калимоти номафҳум ва кӯтоҳу södданависӣ.

Рафти пажӯҳиш нишон дод, ки наздик ба 7%-и мақолаҳо оғози ҷаззоб ва анҷоми ҷазобтар доранд, яъне масъалаҳои дар онҳо баррасишуда хеле хуб натиҷагирӣ шудаанд.

Наздик ба 81%-и мақолаҳо аносири таҳлили муаллифӣ доранд ва ба назар чунин мерасад, ки аксар як навъ бозчоп аз манобеъ мебошанд.

Наздик 19%-и мақолаҳо аносири таҳлил ва исботи фикри нависандаро доранд. Дар ин мақолаҳо муаллифон тавонистаанд, проблемаи интихобшударо ҳаматарфа баррасӣ намоянд.

Дар 20%-и мақолаҳо муаллифон роҳи ҳалли мушкилотро пешниҳод кардаанд.

Танҳо 43%-и мақолаҳо матолиби тоза барои омӯхтан доранд. Мавзӯи чунин мақолаҳо барои ҳалли масъалаҳои ҷадид такони тоза дода метавонанд.

То 57% -и мақолаҳо падидавӣ мебошанд, яъне мавзӯъ ё суҷаи ҳамешагӣ ё такрор, бо услуби дигар, пешниҳод шудааст.

Аз баррасии нашрияҳои ҳизбӣ мушаххас шуд, ки то 69%-и мақолаҳо мазмунашон ҳизбӣ мебошад. Ин гуна мақолаҳо бештар масоил ва мушкилии азҳобро фаро гирифтаанд.

**в) Мавқеи жанрҳои публитсистию бадеӣ**

Яке аз жанрҳои публитсистю бадеӣ жанри очерк аст, ки дар хусуси одамони пешқадам, қаҳрамононе, ки ҳаёташон барои дигарон намунаи ибрат аст, навишта мешавад.

Хусусияти публитсистии очерк дар он зоҳир мешавад, ки вай дар бораи одамони аниқ бо факту рақамҳои конкрет таълиф мегардад. Аммо ин нақли хушку холӣ не, балки нақли бообуранг, нақли бадеӣ аст ва хусусияти бадеии очерк низ дар ҳамин зоҳир мегардад.

Бегумон суоле ба миён меояд, ки очерк ва ҳамчунин лавҳа дар хусуси ҳаёти одам ба таври публитсистию бадеӣ нақл мекунанд. Пас байни онҳо чӣ фарқе ҳаст? Фарқ байни онҳо, асосан дар се ҷиҳат зоҳир мегардад. Аввалан, дар лавҳа монанди очерк лаҳзаҳои зиёди ҳаёти қаҳрамон тасвир намешавад, балки дар он як ё ду лаҳза аз корнамоии ибратомӯзи қаҳрамон ба тасвир кашида мешавад. Дар очерк бошад, зимни чандин лаҳзаҳо шаклгирии симои қаҳрамон тасвир мешавад. Дувум, лаҳзае, ки асоси лавҳаро ташкил медиҳад, ҳатмӣ нест, ки ба кори (касби) қаҳрамон дахл дошта бошад. Дар очерк бошад, воқеаҳо бояд ба касби асосии қаҳрамон дахл дошта бошад. Ва ниҳоят фарқи асосии ин ду жанр дар проблеманокӣ ба назар мерасад. Очерк умуман бе проблема вуҷуд надорад, барои лавҳа бошад проблема шарт нест [131, с.347-348].

Нашрияи ҲХДТ «Минбари халқ»бо истифода аз имконоти жанрии лавҳаву очерк чеҳраҳои шинохтаи дорои касбу кори гуногунро ба

хонандагонаш шинос намудааст. Чунончи Тағоймурод Орифӣ дар бораи композитор Шарофиддин Сайфиддинов менависад. Суруди «Республикаи ман»-ро, ки шеъри Боқи Раҳимзода аст, ҳама дӯст медоранд, лекин муаллифи оҳангро на ҳама кас дар хотир доранд. Тавассути ин очерк хотираи Ш. Сайфиддинов зинда мегардад [6, 2013.– 30 октябр].

Ҷумъахон Темурзода дар очерки «Овои розҳо» дар бораи Зафар Нозим, рӯзгор ва фаъолияти эҷодӣ ва мактаби овозхонии ӯ хонандаро ошно сохтааст. Чунончи Иброҳим Усмонов қайд намудааст, ки «дар очерк як давраи зиндагӣ протсеси шаклгирии характери шахс инъикос мешавад. Очеркро хонда кас бояд ҳамин чизро ҳис кунад» [131, с. 349].

Вақте ин очеркро мутолиа мекунед, симои паҳлавононаи ҳунарманд, ватанпарастиву инсондӯстии ӯ пеши назар ҷилвагар мешавад.

Ҷумъахон Темурзода дар лавҳаи «Дардошно» чеҳраи сиёсии Маҳмадулло Холовро дар алоқамандӣ бо фаъолият дар вазифаи Раиси Президиуми Совети РСС Тоҷикистон, ҳисси баланди ватандӯстӣ, мушкилнописандӣ ватанпарастии ӯ тавъам ба риштаи тасвир кашида, аз ҳаёти ин ходими намоёни сиёсӣ лаҳзаҳои гуногуни зиндагӣ ёдрас шудааст. Чунин лавҳаҳо на танҳо дар бораи корнамоиҳои шахсиятҳо, лаҳзаҳои зиндагии онҳо, балки доир ба вазъияти замон, сиёсати давр низ маълумоти ҷолиб медиҳанд.

Дар нашрияи ҲКТ «Эътиқод» низ жанрҳои лавҳа ва очерк кам бошад ҳам, ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар шумораи №5 (395) моҳи майи соли 2018, ки ба Рӯзи ғалаба бахшида шудааст, маводеро мушоҳида мекунем, ки аз нигоҳи жанрӣ байни лавҳаву очерк қарор доранд. Дар онҳо корнамоиҳои ҷангии иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ нақл гардидааст [10, 2018 май].

Ҳамчунин маводи зери рубрикаҳои «Таърих гувоҳ аст», «Зодрӯз муборак», «Номбардорони Ватан», «Зикри хайр» дар доираи имконоти жанрҳои лавҳаву очерк навишта шуда, доир ба амалҳои инеки шахсони саховатманду хайрхоҳ, нафақахӯрону намояндагони шинохтаи ҳизб нақл мекунанд. Чунончи, дар шумораи №6 (407) (июни 2019) маводе бо имзои Даврон Эргашев таҳти унвони «Инсони асил ва коммунисти матин» нашр

гардида, ки аз нигоҳи жанрӣ ба очерки портретӣ монанд аст. Нигорандаи он кӯшиш намудааст, ки хонандаро оид ба яке аз абармардони номдори диёр, инсони асил ва роҳбари аввали сиёсии солҳои 60-70-уми асри гузашта шодравон Аҳмадҷон Шарофов шинос намояд. Дар тасвири лаҳзаҳои ҳаёт ва фаъолияти ин инсони наҷиб, ки ба таври диалектикӣ сурат гирифтааст, аз аносири образӣ низ кор гирифтааст. Ин усул боис шуда, ки симои қаҳрамонии Аҳмадҷон Шарофов назди хонанда равшантару ҷолибтар намо гардад.

Дар маҷмӯъ дар нашрияҳои азҳоби сиёсӣ кам бошад ҳам, аз аносири жанрҳои публитсистиву бадеӣ истифода мешавад.

Матбуоти ҳизби сиёсӣ дар бандубасти жанрҳои журналистӣ, истифодаи усулҳои нави пешниҳоди мавзӯъ, ороишу дизайни рӯзнома ва истифодаи суратгузоришҳо саҳми хосса доранд. Маводи онҳо бевосита таблиғ набошад ҳам, ҷонибдорони ҳизбҳоро меафзояд, дар зеҳни хонанда эътимод ба қудрати ҳизбро ба вуҷуд меорад. Мақсаду марои ин типи нашрияҳои даврӣ дар қолаби жанрҳои гуногуни публитсистӣ ифода гардидааст. Ҳарчанд истифодаи имконоти жанрҳои публитсистӣ дар нашрияҳои даврии азҳоби сиёсӣ якранг нест, аммо таносубан гуфтан мумкин аст, ки дар ағлаби онҳо жанрҳои маъмули публитсистика – хабар, ҳисобот, мусоҳиба, мақола, табсира, нигориш, лавҳа ва очерк ба мушоҳида мерасанд. Истифодаи касбии ин ва амсоли ин жанрҳои публитсистӣ имкон фароҳам овардааст, ки мундариҷаи нашрияҳои ҳизбӣ аз нигоҳи шаклу мазмун рангоранг гарданд, ҷанбаи муассирӣ ва ҷолибии матолиб амиқ ва доманаи мунъакиси воқеиятҳои иҷтимоӣ вусъат пайдо кунад.

## ХУЛОСА

Ташаккули низоми матбуоти ҳизбҳои сиёсӣ дар шароити Точикистони муосир падидаи нав аст. Пош хӯрдани Иттиҳоди шӯравӣ ва ба даст омадани соҳибистиқлолӣ имкон фароҳам овард, ки  дар муддати начандон тӯлонӣ фазои ичтимоиву сиёсии кишвари мо аз низоми яккаҳизбӣ ба низоми бисёрҳизбӣ гузарад. Таъсиси ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ зарурати таъсиси нашрияҳои ҳизбиро ба миён овард. Ба ин маънӣ, раванди ташаккули азҳоби сиёсӣ бо ташаккули матбуоти даврии онҳо якҷо сурат гирифтааст. Дар раванди ташаккули азҳоби сиёсӣ нашрияҳои даврии онҳо накши муҳим доштаанд. Ин типи нашрияҳои даврӣ дар баробари ҳизбҳои сиёсӣ марҳилаҳои гуногунро тай намудаанд. Ба ин минвол, раванди ташаккули ҳизбҳои сиёсиро бидуни омӯзиши нашрияҳои онҳо наметавон муайян кард. Зеро фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, ғояву барномаҳои онҳо, пеш аз ҳама, дар нашрияҳои даврии мансуб ба худашон, ки ҳамчун органи таблиғӣ шинохта мешаванд, инъикос мегардад ва тарғибу ташвиқ мешавад.

Омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти ҳизбҳои сиёсӣ, ҷанбаъҳои таъйинотӣ, вижагиҳои мавзӯъву мундариҷа ва шаклу ороиш ба мо имкон дод, ки ба чунин натиҷаҳои илмӣ ноил гардем:

1. Таъсиси ҳизби сиёсӣ дар ҷаҳон собиқаи тӯлонӣ дошта бошад ҳам, дар Тоҷикистони соҳибистиқлол онҳо таърихи зиёда аз бисту ҳаштсола доранд. Таъсисёбии ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷкистон бавижа дар замони истиқлолияти миллии кишвар шаҳодат аз он аст, ки Ҳукумати Тоҷикистон ва мардуми он дар нахустин рӯзҳои эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ ба озодии баён, эҳтироми арзишҳои маънавӣ ва демократияи воқеӣ шароити мусоид фароҳам меоранд. Аз ҳамин лиҳоз далели ба фаъолият шурӯъ намудани ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ ҳамин нукта аст. Ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон дар шароите арзи вучуд карданд, ки муҳити сиёсӣ аз ҳар ҷиҳат ба назму низоми муайян ва таҷдиду таҳким ниёз дошт. Аҳдофи ҳизбҳои сиёсӣ доир ба вазъияти носроми кишвар якмаром ва мақсад доштаанд, ин ҳам бошад барқарор намудани амну

амонӣ дар кишвар ва аз вартаи ҳалокати иқтисодию сиёсӣ баровардани давлат буд. Ҳизбҳои баъдие, ки арзи вуҷуд карданд, аз назари мавқеъгирӣ назар ба ҳизбҳои собиқ пешрафти самтҳои иқтисодӣ ва аграрии кишварро асоси ҳадафи худ қарор доданд. Фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ба таври мухталиф ҷараён дошта бошад ҳам, мавқеъ ва мақоми ҲХДТ, ҲКТ, ҲСДТ нисбатан назаррас аст. Ба ҳукми Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҲНИТ ҳизби экстримистӣ-террористӣ эълон шуд ва фаъолияти он дар ҷумҳурӣ манъ карда шудааст [5–М].

2. Равшан аст, ки барои дар амал татбиқ намудани ҳадаф ва мақсаду мароми ҳар ҳаракат ё ҷамъият василаҳое ҳастанд, ки муассир мебошанд. Беҳтарин ва муассиртарин воситаи таблиғи ҳар ақида ва андеша ВАО, бахусус матбуоти даврӣ аст. Матбуоти даврӣ ҳамчун василаи пешкаш ва ташвиқу таблиғи ин ё он ҳадаф ва андешаву афкор миёни дигар воситаҳои ташвиқотӣ ҳанӯз ҳам нақши назаррас дорад. Аз ҳамин ҷиҳат, ҳизбҳои сиёсии ҷаҳон дар тадбиқи сиёсат ва аҳдофу афкори худ аз ин воситаи ахбори омма ба таври васеъ истифода менамоянд. Хусусан, дар таъмини озодии баён нақши ин типи матбуоти даврӣ намоёнтар аст.

Бо таъсири омилҳои гуногун бархе аз нашрияҳои ҳизбӣ аз фаъолият боз мондаанд ва баъзеи дигар аз ҷиҳати сатҳу сифат ва тарзу пешниҳоди мавод мӯҷиби мушкилиҳо гардидаанд. Дар баробари ин нашрияҳои ҲХДТ фаъолияти худро густурда намуда, ба таъсиси нашрияҳои музофотӣ низ ноил гаштааст, ки аз ҳар ҷиҳат хуб ва шоистаи қабул аст. Дар маҷмӯъ, матбуоти ҳизбҳои сиёсӣ дар пешрафти матбуоти даврии кишвар нақши назаррас дорад [4–М], [5–М].

3. Нашрияҳои ҳизби сиёсӣ пайваста аз сиёсати худ дифоъ карда, дар ташвиқи ақоиди ҳизбӣ мунтазам кӯшиш намудаанд. Дар онҳо тарғиби ақоиду афкори намояндагони ҳизб, таъкид ба дурустии андешаҳои худӣ ва ташвиқи сиёсати ҳизб бартарӣ дорад. Аксарияти маводи дар нашрияҳои ҳизбии оппозиотсионӣ дарҷ гардида бархилофи сиёсати ҳукумати феълӣ буда, оҳанги интиқодӣ доранд. Ҳамин тарзи ифодаи андеша ба ташаккули афкори

журналистӣ мусоидат намуда, аз мавҷудияти ҷомеаи демократӣ дар Тоҷикистон далолат мекунад. Дар нашрияҳои ҳизбӣ аз ҷониби муаллифони гуногун матолиби мухталиф ба нашр расидааст, ки аз як ҷиҳат қудрати афкору андешаи намояндагони ҳизби сиёсиро зимни ҳимоя аз арзишҳои ҳизбӣ ва ташвиқу талқини сиёсати худӣ нишон диҳанд, аз ҷониби дигар, мавқеъ ва ҷойгоҳи сиёсии ҳизбҳоро бо маводи нашрияҳои даврӣ равшан месозанд [9–М].

4. Нашрияҳои ҳизбҳои сиёсӣ аз назари сохтор шакл ва мазмуну мундариҷа аз ҳамдигар куллан тафовут дошта бошанд ҳам, бо тарзи пешниҳоди мавод, умумият доранд. Шаклу усулҳои таҳия мавод ва ҷобаҷогузории он дар саҳифаҳои дар ин типи нашрияҳои даврӣ бо вуҷуди умумиятҳо бо шеваи хос сурат гирифтааст, ки ифодакунандаи симои нашрия аст. Шаклу ороиш, намои саҳифаҳои ҷудогона, интихоби ҳуруф, истифодаи аксҳо, тарзи сарлавҳагузорӣ, пахши реклама ва амсоли ин аз вижагиҳое мебошанд, ки симои нашрияҳои давриро бозгӯ месозанд.

Дар баробари ин корбасти жанрҳои публитсистика, маҳорати нигорандагии муаллифон, таносуби жанрҳои ахборӣ, таҳлилӣ ва публитсистиву дар байни нашрияҳои ҳизбӣ яксон сурат нагирифтааст. Нашрияҳои ҳизбӣ дар баробари инъикоси ҳаёти ҳизбҳо, ба масъалаҳои мубрами замони муосир низ беаҳамият набудаанд. Бахусус нашрияҳои Ҳизби халқи демократии Тоҷикистон дар ин самт фаъолтаранд [8–М].

5. Дар нашрияҳои ҳизбҳои сиёсӣ интихоби мавзӯъ, гузориши масъала, равиши баррасии он, сатҳи таҳлил ва шеваи нигориш ба таври мухталиф шакл гирифта, масоили сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ бо назардошти аҳдофи азҳоб мавриди инъикос қарор гирифтаанд. Ҳарчанд дар ин типи нашрияҳои даврӣ инъикоси паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ чун иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳанг таносубан кам нест, аммо аксарияти онҳо ба масъалаҳои сиёсӣ бештар майл намудаанд. Бо вуҷуди ин нашрияҳои ҳизбӣ аз лиҳази тарзи баррасӣ ва равиши таҳлилу тавзеҳи матолиби соҳаҳои мухталифи ҷомеа аз ҳамдигар тафовут доранд. Дар ин самт гоҳо ихтилофоти

фикрӣ низ вуҷуд дорад, ки назарсанҷиҳои тарафайнро дар баррасии масоили соҳаҳои гуногуни ҷомеа бозгӯ менамоянд [3–М].

6. Дар нашрияҳои ҳизбҳои сиёсӣ жанрҳои публитсистика бо шаклу шеваҳои гуногун корбаст шудааст. Агар дар бархе аз нашрияҳои ҳизбӣ жанрҳои ахборӣ бартарӣ дошта бошанд, дар бархи дигар таносубан жанрҳои таҳлилӣ афзалият доранд. Таҳлилҳои муқоисавӣ нишон дод, ки нашрияҳои ҳизбӣ дар инъикоси воқеиятҳои иҷтимоӣ бештар аз имконоти жанрҳои хабар, ҳисобот, мусоҳиба, мақола ва нигориш истифода кардаанд. Бо вуҷуди ин, таносубан жанри хабар мавқеи аввалинро ишғол мекунад. Баъд аз хабар жанри мусоҳибаро метавон гузошт. Аз жанрҳои таҳлилӣ мақола серистеъмолтар аст. Аксари мақолаҳои нашрияҳои ҳизбӣ, масъалаҳои муҳимро фаро гирифта, саршори ғояи баланди ватандӯстиву созандагианд. Жанрҳои дигари публитсистика аҳёнан ба чашм мерасанд [1–М], [2–М], [6–М], [7–М].

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## I. Манбаъ


[1]. Адолат – Нашрияи Ҳизби демократии Тоҷикистон – 1992-2013.

[2]. Истиқлол – Нашрияи Ҳизби демократии Тоҷикистон – 2013-2020.

[3]. Иттиҳод – Нашрияи Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон – 1997-2019.

[4].Коммунист Таджикистана – Нашрияи Ҳизби коммунисти Тоҷикистон – 2009-2019.

[5]. Коммунисти Тоҷикистон – Нашрияи Ҳизби коммунисти Тоҷикистон – 2009-2019.

[6]. Меҳргон – Нашрияи Ҳизби аграрии Тоҷикистон – 2007-2018.

[7]. Минбари халқ – Нашрияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон – 1996-2019.

[8]. Нидои ранҷбар – Нашрияи Ҳизби коммунисти Тоҷикистон – 1992 -2008.

[9]. Сухани халқ – Нашрияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон – 2008-2019.

[10]. Эътиқод – Нашрияи Ҳизби коммунисти Тоҷикистон дар вилояти Суғд – 1992-2018.


## II. Адабиёти илмӣ ва назариявӣ


[11]. Абдуллаев, М. Таджикская публицистика и национальная идентичность / М. Абдуллаев. – Душанбе, 2014. – С.309

[12]. Азимов, А. Х. Очеркҳо аз таърихи матбуоти тоҷик / А. Азимов .– Душанбе 1998. – С.90

[13]. Азимов, А. Воқеияти зиндагӣ ва матбуоти тоҷик / А. Азимов. – Душанбе: Сино, 2000. – С.184

[14]. Азимов, А. Публитсистика ва замони муосир / А. Азимов. – Душанбе: Шарқи Озод, 2004. –С.138

[15]. Азимов, А. Таджикская журналистика в период культурной революции (1929-1940) / А. Азимов.– Душанбе: Шарқи озод, 2014. – С.313

[16]. Азимов, А. Х. Рӯзнома ва рисолати худшиносӣ /А. Азимов.– Душанбе: Шарқи Озод, 2015.– С.152

[17]. Азимов, О. Омилҳои ҳуқуқии дастрас намудани ахборот: дастур ба кӯмаки журналист/ О. Азимов. – Душанбе, 2001. – С.28

[18]. Авраамов, Д. С. Профессиональная этика журналистика / Д. С. Авраамов. – М.: Мысль, 1991. – С.255

[19]. Асрорӣ, В. Печать Советского Таджикистана // Многонациональная Советская журналистика. М.: МГУ, 1975. – С. 127-130.

[20]. Бабаев К.Ф. Политическая партия на выборах 2005 года: Спраочник / К.Ф. Бабаев.– Душанбе: Ирфон, 2006.– С.136

[21]. Буденцов, В. Контекстежизни. – Системный подход и массовая коммуникация / В. Буденьов. – М.: Мысль, 1976. – С.260

[22]. Бухарцев, Р. Г. Творческий потенциал журналиста / Р.Г. Бухарцев. – М.: Мысль, 1985. – С.140

[23]. Бабаев, К.Ф. Политические партии на выборах 2005 года: Справочник.– Душанбе: Ирфон, 2006. –С.138

[24]. Вакуров, В.Н., Кохтев, Н.Н., Солганик, Г.Я. Стилистика газетныхжанров / В.Н. Вакуров, Н.Н. Кохтев, Г.Я. Солганик. – М., 1978. – С.182

[25]. Вартанов, Г.И. Газета в творческом поиске / Г.И. Вартанов. – М.: Мысль. 1971. – С.184

[26]. Венарская, Е.Н. Выразительная средство текста / Е.Н. Венарская. – М., 1984. – С.134

[27]. Ворошилов, В.В. Журналистика / В.В. Виноградова. – СПб., 2001. – С.466

[28]. Горохов, В.В., Прохоров, Е.П. Методы журналистского творчество / В.В. Горохов, Е.П. Прохоров. – М., 1982. – С.151

[29]. Горохов, В.М. Основы журналистского мастерства / В.М. Горохов В. М. – М.: Высшая школа, 1989. – С.117

[30]. Горький, М. О печати / М. Горький. – М., 1962. –С. 367

[31]. Грабельников А.А. Русская журналистика на рубеже тысячелетий: итоги и перспективы /А.А. Грабельников.– Москва: Библиогр, 2001. –С.336
[32]. Гулмуродзода, П. Публицистика и время / П. Гулмуродзода. – Душанбе: Сино, 2002. – С.128
[33]. Гулов, С., Ҷумъаев, М. Муқаддимаи журналистика (дастури таълимӣ) / С. Гулов., М. Ҷумъаев. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С.176
[34]. Гумбол, М.Т. Мусоҳиба: иртиботи рӯбарӯ ва ҳадафдор // Рӯзноманигории ҳирфаӣ (Маҷмӯаи мақолот): Маркази мутолиот ва таҳқиқоти расонаҳо. – Теҳрон, 1381.– С.144
[35]. Гуревич, С. М. Основы научной организации журналистского труда / С.М. Гуревич. – М., 1987. – С.300
[36]. Дацюк, Б. Д. Вопросы теории и практики массовых средств в пропаганды / Б.Д. Дацюк. – М.: Мысль, 1970. – Вып.3. – С.478
[37]. Дзалошинский, И. М. Формы и методы работы журналиста с источником информации / И.М. Дзалошинский. – М., 2001. – С.39
[38]. Дранишникова, Е. А. Партийная пресса России в развития партийной прессы в 1987— 1996 годах / Е. А. Дранишникова – С.127
[39]. Есин, Б. И. История русской журналистики / Б. И. Есин.–Москва: Наука, 2000. – С. 1703 – 1917
[40]. Журналистикаи тоҷик ва масъалаҳои низоми нави ҷаҳон. Маҷмӯаи мақолаҳо.–Душанбе, 2004.–С.120
[41]. Журналистикаи байналхалқӣ I. Маҷмӯаи мақолаҳо.–Душанбе, 2008.–С.64
[42]. Журналистикаи байналхалқӣ II. Маҷмӯаи мақолаҳо.–Душанбе, 2009.–С.100
[43]. Журналистикаи байналхалқӣ III. Маҷмӯаи мақолаҳо.–Душанбе, 2011.–С.68
[44]. Зокиров, Г. Сиёсатшиносӣ / Г.Зокиров. - Душанбе : Эр-граф, 2010. – С.340, 371
[45]. Имрӯзу фардои матбуоти тоҷик: нашри махсус. – Душанбе, 1998.

[46]. Исомаддинов, Б.Т. К истории частной журналистики Таджикистана / Б.Т. Исомаддинов. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С.144

[47]. Истиқлолият ва журналистикаи муосир (Маҷмӯаи мақолаҳо).–Душанбе, 2006.–С.120

[48]. Каверзнов А. Ценарии воспоминании статьи / Каверзнов А. – М.: Искуство, 1985. – С.245

[49]. Кайда, Л.Г. Эффективность публицистического текста / Л.Г. Кайда. – М.: МГУ, 1989. – С.182

[50]. Калинин, М.И. О корреспондентах и корреспонденциях / М.И. Калинин. – М., 1958. – С.263

[51]. Каменская, О.Л. Текст и коммуникаӣия / О.Л. Каменская. – М.: Высшая школа, 1990. – С.151

[52]. Карасев, П.С. Проблемы теории публицистики / П.С. Карасев. – Ленинград, 1973. – С.39

[53]. Ковальченко И. Д. Методы исторического исследования / И. Д. Ковалченко. – М.: Наука, 1987.– С.438

[54]. Комилов, К. Вижагиҳои матбуоти маҳаллии даврони истиқлол (дар мисоли вилояти Суғд) / К. Комилов.–Душанбе: Аржанг, 2019. – С.328

[55]. Кондратенко, С.А. Взаимодействия власти и прессы / С.А. Кондратенко. – М., 1999.

[56]. Копервуд, Р. Как преподнести новости / Р. Копервуд, Г. П. Нельсон.–М., 1978.–С.160

[57]. Корконосенко, С.Г. Основы журналистики / С.Г. Корконосенко. – СПб: Знание, 2001. – С.272

[58]. Корконосенко С.Г. Политическая журналистика / С.Г. Корконосенко. – Москва, 2015, – С.15

[59]. Кузнецов, И.В. История отечественной журналистики / И.В. Кузнецов.– Флинта: Наука, 2002.–С.1917–2000.

[60]. Кислицына, И. С. Политические партии в коммуникативном пространстве Интернета / И. С.Кислицына. Москва, 2009.– С.152
[61]. Қурбонова Ш. И. Фаъолияти ҲХДТ дар солҳои 1994-2019 / Ш.И. Қурбонова.–Душанбе, 2019. – С.285
[62]. Қутбиддинов, А. Воқеияти тасвир / А. Қутбиддинов. – Душанбе: Озар, 2014. – С.124
[63]. Қутбиддинов, А. Нақши сарлавҳа дар ҷалби хонанда // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши филологӣ). – Душанбе, 2014. – №3/9. – С.301-304.
[64]. Қутбиддинов, А. Нақши ВАО дар тарғибу тарбияи тафаккури нав // Паёмномаи фарҳанг. – 2016. – № 3 (35). – С.27-34.
[65]. Қутбиддинов, А. Моҳият ва таъиноти матбуоти маҳаллӣ.– Душанбе: Аржанг, 2018. – С.160
[66]. Қутбиддинов, А. Матбуоти маҳаллӣ – ҳамқадами замон / А. Қутбиддинов. – Душанбе: Аржанг, 2020. – С.160
[67]. Лазутина, Г. Основы творческой деятельности журналиста / Г.Лазутина.–М.,2004.– С.280
[68]. Ленин В.И. Давлат ва револютсия/ В.И. Ленин.– Жизнь и знание. Петроград: 1918 (Глова 6. Энгельс о преодолении демократии)
[69]. Лысакова, И.П. Тип газеты и стиль публикации: опыт социологических лингвистических исследований / И.П. Лысакова. – Л.: ЛГУ, 1989.–С.181
[70]. Матбуоти маҳаллии Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Ҷилди I / мураттиб М. Муродов; зери назари Ш. Комилзода; муҳаррирон: А. Қутбиддинов, М. Ҷумъаев. – Душанбе: Аржанг, 2020.– С.352
[71]. Матбуоти маҳаллии Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Ҷилди II / мураттиб М. Муродов; зери назари Ш. Комилзода; муҳаррирон: А. Қутбиддинов, М. Ҷумъаев. – Душанбе: Аржанг, 2020.– С.372
[72]. Маъмурзода, Н. Журналистикаи Хатлон: Вазъият, тамоюлҳо ва дурнамои рушд / Н. Маъмурзода. –Душанбе: Ирофон, 2015.– 204 с.

[73]. Махонина, С.Я. Истори русской журналистики начала XX века / Учебное пособие / С. Я. Махонина.– М.: Наука, 2004 .–С193

[74]. Мирзоалӣ, С. Равзанаи иттилоотӣ / Суҳроб Мирзоалӣ.–Душанбе, 2007.– С.67

[75]. Мирзоалӣ, С. Хабар: аз машриқ ба мағриб / Суҳроб Мирзоалӣ.– Душанбе, 2009. – С.195

[76]. Муқим, Ҷ. Мақоми жанрҳо дар радиои "Озодӣ" / Ҷ. Муқим.–Душанбе: Сино, 2000. – С.55

[77]. Муқим, Ҷ. Мусоҳиба ва техникаи таҳияи он. –Душанбе: Озар, 2013.– С160

[78]. Муллоев, Ш.Б. История таджикской журналистики / Ш.Б. Муллоев. – Душанбе, 2009. – С.68

[79]. Муллоев, Ш. Б. Жанрово – тематическое своеобразие таджикской публицистики времен Великой Отечественной Войны (1941-1945 гг.) / Ш. Б. Муллоев. – Душанбе, 2015. – С.303

[80]. Муътамадинаҷод, К. Васоили иртиботи ҷомеъӣ / К. Муътамадинаҷод. – Теҳрон, 1383. – С.180

[81]. Муътамадинаҷод, К. Равиши таҳқиқ дар муҳтавои матбуот / К. Муътамадинаҷод. – Теҳрон: 1356.–С.180

[82]. Муътамадинаҷод, К. Рӯзноманигорӣ: ба фасле ҷадид дар бознигарии рӯзноманигории муосир / К. Мӯътамадинаҷод. – Теҳрон: Сипеҳр, 1368.– С.160

[83]. Муродов, М. Тақриз ҳамчун жанр / М. Муродӣ. – Душанбе: Ирфон, 1999. – С.48

[84]. Муродов, М. Баъзе масъалаҳои журналистика ва ҳаҷви публитсистӣ / М. Муродов. – Душанбе, 2005. – С.128

[85]. Муродов, М. Аз таърихи ташаккули ҳаҷви публитсистӣ дар матбуоти даврии тоҷик / М. Муродов. – Душанбе: Сино, 2007. – 144 с.

[86]. Муродов, М. Асосҳои эҷодии журналист / М. Муродов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – С.252

[87]. Муродов, М. Публицистическая сатира в таджикской периодической печати / М. Муродов. – Душанбе: Истеъдод, 2011. – С. 336

[88]. Муродов М. Б. Аз се шохаи як илм / М. Муродов. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – С.232

[89]. Муродов, М. Нақши матбуоти даврии тоҷик дар таъмини ғалаба бар фашизм // Паёмномаи фарҳанг. – 2015. – №2 (30). – С. 83-92.

[90]. Муродов М. Омилҳои рушди матбуоти тоҷик дар замони истиқлол //Осор (Труды), ч.3. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 311-342.

[91]. Муродов, М. Донишномаи фарҳанги рӯзноманигорӣ / М. Муродов.– Душанбе: Аржанг, 2016.– С.480

[92]. Муродов, М. Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ / М. Муродов.– Душанбе: Аржанг, 2017.– С.224

[93].Муродов, М. Роҷеъ ба вазъи пажӯҳишҳои илмӣ дар соҳаи ВАО // Паёмномаи фарҳанг. – 2017. – №2 (38). – С. 20-25.

[94]. Муродов, М. , Кутбуддинов А., Ҷумъаев М., Исоев Қ. Матбуоти маҳаллии Тоҷикистон (маълумотномаи донишномаӣ) / М.Муродов, А.Кутбуддинов, М.Ҷумъаев, Қ.Исоев.– Душанбе: Аржанг, 2018.– С.200

[95]. Набиев В.М., Ҷабборов И. Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон – нерӯи пешбари ҷомеаи муосир (Маҷмӯаи мақолаҳо / В.М. Набиев И. Ҷабборов.– Хуҷанд: Ношир, 2019.– С.79

[96]. Нуралиев, А., Журналистикаи советии тоҷик / А. Нуралиев., А. Саъдуллоев., И. Усмонов., У. Гулмуродов. – Душанбе: Ирфон, 1989. – С.176

[97]. Нуралиев, А. Таърихи журналистикаи кишварҳои хориҷӣ / А. Нуралиев.–Душанбе: Сурушан, 2001.– С.223

[98].Нуралиев, А. Жанрҳои ахбории матбуот/ А. Нуралиев.–Душанбе, 2004. – С.144

[99]. Нуралиев, А. Развитие информационних жанров журналистики в открытом обществе / А. Нураллиев // Актуальные проблемы журналистики. Сбор. научных статей.–Душанбе, 2013.–С.34-39

[100]. Нуралиев, А. История журналистики зарубежных стран / А. Нуралиев. – Душанбе, 2014.–С.224
[101]. Овсепян. Р.П. История новейшей отечественной журналистики (февралт 1917-начало 90-хгодов) / Р.П. Овсепян.– Москва: Наука, 2005.– С.352
[102]. Оқилова М.М. Бисёрҳизбият ё низоми бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон / М.М.Оқилова //Ахбори ДДҲБСТ.– Хуҷанд.– 2016.– №2 (67).– С 84, 86-87, 92.
[103]. Основы теории журналистики. Учебное пособие / Ред. составитель Абдуллоев М. А. – Душанбе: РТСУ, 2014.– С.152
[104]. Партийная и советская печать в борьбе за построение социализма и коммунизма: Учебн. пособие. М.: Мысль, 1966. – С.639
[105]. Партийная и советская печать в борьбе за построение социализма и коммунизма: Учебн. пособие. Т. 2. 1941-1963. М.: Изд-во ВПШ и АОН, 1963. – С.272
[106]. Партийное руководство средствами массовой информации и пропаганды. М.: Мысль, 1987. – С.174
[107]. Пелт, В. Д. Информация в газете / В. Д. Пелт.–М., 1980.–158с.
[108]. Пронин, Е.И. Печать и обшествение мнение / Е.И.Пронин.–М.: МГУ, 1971. – С.132
[109]. Прохоров, Е.П. Введение в журналистику / Е.П. Прохоров. – М.: Высшая школа, 1989. – С.263
[110]. Прохоров, С.М. Введение в теорию журналистики / С. М. Прохоров, А.Х. Гуревич, Г.И. Ибрагимов. – М.: Мысль, 1980. – 287 с.
[111]. Прохоров Е.П. Обеспечение информационой безопасности в деятелности СМИ / Е. П. Прохоров. – М., 2009.– С.86
[112]. Рӯзиев Б. М., Политические партии Таджикистана в современных условиях/ Б. М. Рӯзиев, В.М. Набиев // Хуҷанд 2001-60 с.
[113]. Садуллаев, А., Очерк: генезис, развитие и современное состояние / А. Садуллаев, А. Аминов. – Душанбе: Ирфон, 2012. – С.216

[114]. Салихов, Н.Н., Муллоев, Ш.Б. История таджикской журналистики / Н.Н. Салихов, Ш.Б. Муллоев. – Душанбе, 2014. – С.136
[115]. Саъдуллоев, А. П. Жанрҳои таҳлилии матбуот / А. Саъдуллоев, П. Гулмуродов. – Душанбе: Сино, 1998. – С.60
[116]. Саъдуллоев, А., Гулмуродов, П. Жанрҳои таҳлилии матбуот/ А. Саъдуллоев, П. Гулмуродов. – Душанбе: Сино, 1998. – С.13-23
[117]. Саъдуллоев А. Саҳифабандӣ ва чопи газета / А. Саъдуллоев.–Душанбе: Ирфон, 1999.–С.164
[118]. Саъдуллоев А. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист / А. Саъдуллоев, Д. Давронов, М. Муродов.–Душанбе:Деваштич, 2004.– С.128
[119].Саъдуллоев, А., Ҳамосаи инсони кор / А. Саъдуллоев., П. Гулмуродзода. – Душанбе, 1995. – С.64
[120]. Самадова Д.Х. Таҳавули журналистикаи сиёсӣ ва баъзе масъалаҳои ВАО дар замони истиқлолияти миллӣ // Номаи донишгоҳ.– 2017.– №2(51).– С.144-146
[121]. Солеҳов, Н. Муаммои назарияи публитсистика (Маводи дарсӣ) / Н. Солеҳов., А. Саъдуллоев. – Душанбе: Дақиқӣ, 2015. –184 с.
[122]. Султонов Ш, Партийное руководство культурным строительством в условиях развитого социализма / Ш.Султонов.– Душанбе, 1976.–С.410
[123]. Султонов Ш, Очерки таърихи Ҳизби коммунистии Тоҷикистон / Ш. Султонов.– Душанбе қ.1980., қ.2. 1984. .– С.189
[124]. Султонов Ш. Очерки сиёсатшиносӣ / Ш. Султонов.–Душанбе 2003. – С.403
[125]. Теория и практика советской периодической печати.– М.: Высшая школа, 1986. – С.378
[126]. Тертычный, А. А. Жанры периодической печаты. Учебное пособие для студентов вузов / А. А. Тертычный.–3-е изд. испр. и доп.–М.: Аспект Пресс, 2006. – С.319
[127]. Усмонов И. Ёрдамчии содиқи партия / И. Усмонов. Душанбе, 1975.– С.34

[128]. Усмонов, И. Печать и международная пропаганда / И. Усмонов. – Душанбе, 1990.– 1

[129]. Усмонов И. Таърихи матбуоти тоҷик / И. Усмонов, Д. Давронов.– Душанбе: Маориф, 1997.– С.156

[130]. Усмонов, И. Назарияи публитсистика / И. Усмонов. – Душанбе, 1999. – С.100

[131]. Усмонов И. Журналистика. Ҷ.1 / И. Усмонов.– Душанбе: Империал Групп, 2005. –С.347-348-349

[132]. Усмонов И. Журналистика. Ҷ.3 / И. Усмонов.– Душанбе, 2008. – С.22

[133]. Усмонов И. Таърихи журналистикаи тоҷик / И. Усмонов, Д. Давронов. –Душанбе, 2008.–С.280

[134]. Усмонов, И. К. Жанрҳои публитсистика / И. Усмонов.–Душанбе: Шарқи озод, 2009.– С.58, 139.

[135]. Усмонов Ҷ. Матбуот ва мухбирони коргару деҳқон / Ҷ. Усмонов, У Ғаффоров. Душанбе: Ирфон, 1975.– С.96

[136]. Ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Политические партии Республики Таджикистан /Politica partiys of th Respublic of Tajikistan . – Душанбе, 2006. – С.620

[137]. Ҷалилов А.Р. Сабақи нодир (Заминаҳои таърихии таъсисёбии ҲХДТ) / А. Р. Ҷалилов.–Хуҷанд: Ношир –2019.– С.399

[138]. Шарифзода, Қ. Газета / Ш. Қироншоҳ.–Душанбе,2016.–102 с.

[139]. Шукруллоев, Б. Жанри мактуб: рисолат ва имконот / Б. Шукруллоев. – Душанбе: Ирфон, 2012. – С.114

[140]. Эмомалӣ Раҳмон. Бист қадами созанда / Э. Раҳмон.– Душанбе: ЭР-граф.-2014. – С.154-157.

[141]. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Ҷ.1. / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2001. - С.18-19.

## III. Диссертатсия ва афторефератҳо


[142]. Бобоҷонова, Р.М. Освещение политической жизни Таджикистана на страницах переодической печати России (1990-1995) / Р.М.Бобоҷонова.– Хуҷанд, 1998.– С.22

[143]. Божко, И.Г, Место и роль печатных СМИ в освещение информационной политики Республики Таджикистана. – Душанбе, 2017. – С.152

[144]. Каримова, М.Б. Особенности развития политической системы Республики Таджикистан: ее влияние на внутренюю и внешнюю политику страны / М.Б. Каримова. –М., 2010.– С.203

[145]. Курбонов, Р. Г. Политические партии в Республике Таджикистан. / Душанбе, 2014. – С.85

[146]. Муродова, Г.Р.Политические партии в условиях тронсформации общества: опыт Таджикистан / Г. Р.Муродова.– Душанбе, 2012.– С.152

[147]. Неъматов, Б.З., Политические Репрессии в советском Таджикистане в 20-30-е годы XX века / Б.З. Неъматов. – Душанбе, - С.193

[148]. Раҳимов, А. А. Нақш ва аҳамияти матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият бахри ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ / А. А. Раҳимов.– Душанбе, 2017. – С.160

[149]. Саидзода, Ғ. Хусусияти инъикоси воқеаҳои сиёсии даврони истиқлоли Тоҷикистон дар матбуоти даврӣ / Ғ. Саидзода. – Душанбе, 2018.– С.148

[150]. Сафаралӣ А. Вижагиҳои гузариши ВАО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вобастагӣ ба озоду демократӣ дар солҳои истиқлолият: дурнамоҳо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020).– Кӯлоб.– 2018.– С.156

[151]. Сафаров, Л.Ш. Роль политических партий в станавлении парламентаризма в Таджикистане: проблемы и преспективы: дис.конд.пол.наук: 23.00.02/ Сафаров Лохути Шарифович.–Душанбе, 2015.– С.154

[152]. Ятимов С. Р. Мақом ва нақши матбуоти даврӣ дар равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон / С. Р. Ятимов. – Қурғонтеппа, 2018.– С.138

### IV. Захираҳои интернетӣ

[153]. Давлат, Н, Многопартийность по-таджикски, или фракция в масштабах страны [Захираи электронӣ] http: //hews.tj/ru/hewspaper/article/

Материалы печатного органа партии - газеты «Минбари халк» http://nansmit.tj/23516/

[154]. «Минбари халк» (Трибуна народа) – печатный орган Народно-демократической партии Таджикистана www.ndpt.tj

[155]. Политические партии Таджикистана [Захираи электронӣ] https://sptnkne.wslpkhy (Санаи муроҷиат: 20.02.2015).

[156]. Политические партии Таджикистана [Захираи электронӣ] ru.wikipedia.org.

[157]. Правящая партия Таджикистана победила на выборах в парламент[Захираи электронӣ] ria.ru/20150302/1050367614.html (Санаи муроҷиат: 20.03.2015).

### V. Санадҳо

[158]. Закон о политичеких партиях // Садои мардум.– 1998.– 4 декабр

[159]. Маҷмӯаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон дар соҳаи воситаҳои ахбори омма.– Душанбе: Бухоро, 2014.– С.408

[160]. Конститутсияи Ҷумҳурии Точикистон. – Душанбе, 2016. – С.64

## VI. Рӯйхати асарҳои довталаби дараҷаи илмӣ

### I. Маҷаллаҳои тасдиқнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

[1–М]. Бобоева Б. Мавқеи жанрҳои иттилоотӣ дар нашрияҳои ҳизбӣ [Матн] // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) бахши филология.– Душанбе: Сино, 2015.– №4/3(167).– С.256-258. ISSN2074-1847.

[2–М]. Бобоева Б. Мавқеи жанрҳои таҳлили дар матбуоти ҳизбҳо [Матн] //Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) бахши филология. – Душанбе: Сино, 2016. – №4/6(212).– С.292-295, ISSN2413-516Х.

[3–М].Бобоева Б. Инъикоси масъалаҳои муҳими ҷомеа дар нашрияҳои ҳизбӣ (дар мисоли нашрияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон «Минбари халқ» [Матн] // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) бахши филология.– Душанбе: Сино, 2019. – №7. – С.293-297, ISSN2413-516Х УДК:070(575.3).

[4–М]. Бобоева Б. Заминаҳои пайдоиш ва ташаккули матбуоти ҳизбӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн] // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) бахши филология.– Душанбе: Сино, 2021.– №3.– С.98-109. ISSN-2413-516Х ББК 76.1УДК002 Б74.

### II. Маҷалла ва маҷмӯаҳои илмии дигар

[5–М]. Бобоева Б. Заминаҳои пайдоиши ҳизбҳои сиёсӣ ва матбуоти онҳо дар Тоҷикистон [Матн] // Маводи конфронси илмӣ-анъанавии устодон, олимони ҷавон ва магистрантону донишҷӯён бахшида ба 20-солагии рӯзи Ваҳдати миллӣ, 85-солагии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, Соли ҷавонон ва рӯзи илми тоҷик.– Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С.93-102. ББК001 УДК72 М-13.

[6–М]. Бобоева Б. Ҷойгоҳи жанри хабар дар нашрияҳои ҳизбӣ [Матн] // Маҷмӯи мақолаҳои Раҳоварди олимони ҷавон. Маҷмӯаи мақолаҳои илмии устодон, унвонҷӯён ва аспирантони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи

академик Бобоҷон Ғафуров. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2017.– С.47-52 ББК-74.03(2Т) Р-47.

[7–М]. Бобоева Б. Мавқеи жанри мақола дар матбуоти ҳизбҳ [Матн] // Армуғони навроҳони илм №3. Маҷмӯаи мақолаҳои магистрантони ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. – Хуҷанд: “Нури маърифат”, 2017.– С.35-39 ББК-7400 УДК-371. А76.ISBN 978-999975-857-1-5

[8–М]. Бобоева Б. Мавқеи нашрияи «Минбари халқ» дар матбуоти ҳизбии Тоҷикистон [Матн] // Маҷмӯи мақолаҳои Раҳоварди олимони ҷавон (маводи конференсияи олимон ва муҳақиқони ҷавони донишгоҳ-2018).– Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. – С.204-211.

[9–М]. Бобоева Б. Нақши матбуоти ҳизбҳо дар ташвиқи сиёсати худӣ [Матн] // Маҷмӯи мақолаҳои Раҳоварди олимони ҷавон.– Хуҷанд: Нури маърифат, 2020.– С.450-458 УДК-001 ББК-72 Р-47.